**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 891.550**

**ТКБ 83.3(2 тоҷик)**

**З-13**

ЗАБИРОВА МЕҲРИНИСО ЭЛБЕГОВНА

# ТАСВИРИ «БОДИ САБО» ДАР ҒАЗАЛИ АСРИ X1V

**Диссертатсия**

барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология
аз рӯйи ихтисоси 10.01.04. – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Исрофилниё Ш.Р.

ДУШАНБЕ – 2023

МУНДАРИЧА

МУҚАДДИМА… ………………………………………………..............3-4
ТАВСИФИ УМУМИИИ ТАҲҚИҚ..........................................................5-9
БОБИ 1.САЙРИ ТАЪРИХИИ ТАСВИРИ “ БОДИ САБО” ДАР
АДАБИЁТИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ..........................................10-12
1. 1.Шарҳу тавзеҳ ва таърифи “боди сабо” дар фарҳангу луғатҳо ва асарҳои таҳқиқотӣ..............................................................................12-17
1. 2. Боди сабо-воситаи маърифат ва тасвири бадеӣ............................17-55

БОБИ II.ТАСВИРИ “БОДИ САБО” ДАР ҒАЗАЛИ АСРИ X1V…56-58
II. 1.Боди сабо –мабдаи тасвир..............................................................58-59
II.1.1. Тасвири сабо ба сифати унсури табиат……………….……....59-68
II.1.2. Мушаххасоти боди сабо…………………………………..….68-75
II.2. Сабо – воситаи тасвир……………………………………..……........75
II. 2.1. Сабои орифона……………………………………….…......75-78
II. 2.2. Накш ва вазифаҳои сабои орифона……………………………78-105

БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ “БОДИ САБО” ДАР
ТАСВИРҲОИ ШОИРОНАИ ҒАЗАЛИ АСРИ XIV……..106-108
III.1. Корбурди санъатҳои лафзӣ дар тасвирҳои шоирона...............108-114
III. 2. Корбурди санъатҳои маънавӣ дар тасвирҳои шоирона..........114-151

ХУЛОСА…………………………………………………………152-155
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.............................................................................................155-156
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ............……………………………………........157-173
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ...173

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Тасвир, хаёл, сурат ё худ имож, бино ба таъкиди шеършиносон, аз унсурҳои асосии каломи мавзун буда, маҳз бо кашфи тасвирҳои шоирона донишу ҳунари суханвар ва дарки зебошиносию ҷаҳонбинии ӯ таъйин мегардад. Дар ғазали асри XIV, ки даврони равнақи ғазалсароӣ буда, бузургтарин шоирони ғазалсарои адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар ҳамин давра зиндагию эҷод кардаанд, тасвирҳои шоирона дар ҳадди камоли худ расидааст. Кашфи тасвирҳои шоирона имкон фароҳам меоварад, ки завқу салиқаи зебошинохтӣ, ҷаҳонбинӣ ва дар маҷмуъ ҳунари шоирии суханвар ба дурустӣ шинохта шавад.

Тасвири "боди сабо", ки бо номҳои бод, насим, насими саҳар, насими бомдод, боди бомдодӣ ва ғайра ёд мешавад, яке аз тасвирҳои хеле маъмул дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ буда, аз ибтидои адабиёти мо то ба имрӯз ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор гирифтааст ва дар ғазали шоирони асри XIV нақши бузург дорад.

Диссертатсияи мо "Тасвири "боди сабо" дар ғазали асри XIV" унвон дошта, ба таҳқиқи густардаи тасвири "боди сабо" дар ғазалиёти шоирони асри X1V, заминаҳои пайдоишу ташаккули ин тасвир ва муайян намудани арзиши адабию эстетикӣ ва маърифатию ҳунарии он бахшида шуда, бори нахуст сурат мегирад. Дар диссертатсия сайри таърихии тасвири "боди сабо" аз ибтидои адабиёти форсии тоҷикӣ то асри XIV баррасӣ шуда, шеваи тасвири "боди сабо" дар ғазалиёти шоирони асри XIVба таври монографӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Дар адабиётшиносии Аврупо, Русия, Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон ва кишварҳои дигар перомуни пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули ғазал тадқиқоти судманде анҷом ёфтааст. Аз ҷумлаи муҳимтарин таҳқиқоте, ки дар ин мавзуъ навишта шудааст, «Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV»-и академик Абдулғанӣ

Мирзоев [114], «Таҳаввули шеъри форсӣ»-и Зайнулобиддини Муътаман [128]), «Семантикаи ғазалиёти Бобур»-и И.В. Стеблева [162], «Таҳаввули ғазали классикии форсӣ (а.X-XV)»-и Мария Рейснер [147], «Сайри ғазал дар адабиёти форсӣ»-и Сируси Шамисо [180] ва дигарон мебошанд. Ҳамчунин, дар китобҳои таърихи адабиёт, монанди «Шеър-ул-Аҷам»-и Шиблии Нуъмонӣ [185], «Таърихи адабиёти Эрон»-и Ҷалолуддин Ҳумоӣ [178], «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳулло Сафо [155], «Таърихи адабиёти тоҷик»-и Холиқ Мирзозода [116] ва рисолаҳои илмие, ки дар мавриди шоирони ҷудогонаи ин аср эҷод шудаанд, амсоли «Камоли Хуҷандӣ – устоди ғазал»-и Аълохон Афсаҳзод [64], «Мероси Носири Бухороӣ ва такомули ғазал дар асри XIV»-и Ш.Р. Исрофилниё [98], «Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ»-и Б. Мақсудов [109] ва «Ғазал ва таҳаввули он то асри Камоли Хуҷандӣ»-и Б. Мақсудзода [111], "Сабки ғазали форсӣ дар асрҳои ХУ1-ХУ11(дар намунаи эҷодиёти Фиғонӣ, Назирӣ ва Соиб)"-и О.Ш. Саидҷаъфаров[150] ва чандин таҳқиқоти дигар дар ин масъала сухан рафтааст. Аммо, дар мавриди тасвири "боди сабо" ҳеҷ як таҳқиқи ҷудогонае сурат нагирифтааст, танҳо шореҳони асрҳои миёна ва муосир ҳангоми шарҳи абёти шоирон мафҳуми "сабо"-ро шарҳ додаанду бас. Аз ин рӯ, таҳқиқи тасвири "боди сабо" дар ғазали асри XIV як мавзуи актуалӣ ва омӯхтанашуда буда, таҳқиқи ҳаматарафаи он имкон фароҳам меоварад, ки адабиёти ин давра ба дурустӣ шинохта шавад ва завқу салиқаи зебошинохтию ҷаҳонбинӣ ва ҳунари шоирии суханварони ин даврон таъйин гардад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсия дар доираи татбиқи зербанди 4.5-и "Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,№765 аз 4 декабри соли 2014 тасдиқ гардидааст, анҷом дода шуда, инчунин ба иҷрои нишондоди қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020,№503 "Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқикоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 " ва

корҳои илмӣ-таҳқиқи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иртибот дорад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқи илмии мавзуъ дар таҳия ва такмили барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ нақши муҳим бозида метавонад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи диссертатсия таҳқиқи ҳамаҷонибаи тасвири боди сабо дар ғазали асри XIV адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аст.

**Вазифаҳои таҳқиқ**: Барои ҳалли мавзуи таҳқиқ масъалаҳои зер мавриди баррасӣ қарор гирифтанд:

-баррасии истилоҳи тасвир, хаёл, сурат, имож ва нақши он дар шеър аз назари суханшиносон;

-баррасии таърифи мафҳуми “сабо” ва муродифҳои он дар фарҳангу луғатномаҳои асримиёнагӣ ва муосир;

-таъйини мушаххасоти “боди сабо”;

-таъйини маънои рамзии ирфонии “сабо”;

-баррасии сайри таърихии тасвири “боди сабо” то асри XIV;

- муайян намудани “сабо” ба сифати воситаи маърифат ва тасвири бадеӣ;

- муайян намудани тарзи тасвири “боди сабо” дар ғазалиёти шоирони асри XIV:

- “боди сабо” ба сифати мабдаи тасвир дар ғазалиёти шоирони ин давра ;

- “боди сабо” ба ҳайси воситаи тасвир дар ғазали шоирони ин аҳд;

-таъйини вазифаҳо ва мушаххасоти “боди сабо” дар ғазалиёти шоирони ин аср;

-таъйини “боди сабо” ба сифати як унсури табиат;

-таъйини мушаххасоти сабои орифона;

таъйини ҳунари тасвиророии шоирони ин аҳд бо истифода аз мафҳуми “сабо”.

**Объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ.** Обекти асосии таҳқиқи диссертатсия адабиёти аҳди классикии форсӣ-тоҷикӣ, девонҳои шоирон, алалхусус шоирони ғазалсаро, осори назарии ба анвои адабӣ ихтисосёфта ва бевосита ғазалиёти шоирони асри XIV мебошад.

**Предмети таҳқиқ**. Предмети таҳқиқи диссертатсия масъалаҳои поэтикаи шеъри классикӣ, алалхусус тасвири *сабо* дар мисоли ғазалиёти шоирони асри XIV мебошад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Ҳангоми таълифи диссертатсия аз дастовардҳои илмии донишмандони ватанию хориҷӣ, амсоли Ризо Бароҳанӣ, Маликушшуаро Баҳор, Шафеии Кадканӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Забеҳуллоҳ Сафо, Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ, Маҳмуди Футуҳӣ, В.Г. Белинский, Е.Э. Бертелс, Э.Е. Шаталов, М.Ю.Лотман, Д.С.Лихачёв, М. Рейснер, А.Мирзоев, А.Афсаҳзод, А. Сатторзода, Х.Шарифов, Б. Мақсудов, Ш.Р. Исрофилниё ва дигарон истифода шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Асосҳои методологии диссертатсияро шеваи таҳқиқи муқоисавию таърихӣ, матншиносӣ, қиёсию тадбиқӣ ва оморӣ ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик бо истифода аз луғату фарҳангҳо ва шарҳҳову рисолаҳои тадқиқотии гузаштаву муосир мафҳуми "боди сабо" равшан гардида, сайри таърихии тасвири он аз ибтидои адабиёти форсӣ-тоҷикӣ то асри XIV мушаххас шуда, тасвири "боди сабо"дар ғазалиёти шоирони асри XIV мавриди таҳқиқи густардаи монографӣ қарор дода шудааст.
Диссертант "боди сабо"-ро ба ҳайси маърифат ва тасвири бадеӣ дар ғазалиёти шоирони асри XIV таҳқиқ намуда, хусусиятҳои бадеӣ ва арзиши маърифатию эстетикии онро ба дурустӣ муайян кардааст. Илова бар ин, дар диссертатсия мафҳуми рамзии ирфонии *сабо* коркард шуда, усули корбурд ва вазифаву мушаххасоти он дар ашъори шоирони орифи ин аҳд бо шавоҳиди шеърӣ собит шудааст. Таъйини ҳунари шоирӣ ва

завқу салиқаи зебошинохтии шоирон ҳангоми корбурди мафҳуми “сабо” аз бозёфтҳои муҳимми диссертатсия ба шумор меравад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1.Тасвир аз унсурҳои асосии шеър буда, барои муайян намудани завқу салиқаи зебошиносӣ, ҷаҳонбинӣ ва дар маҷмуъ ҳунари шоир бояд ба таҳқиқи тасвирҳои шоирона пардохт, зеро дарки тасвирҳои шоирона имкон фароҳам меоварад, ки шеъри шоир ба дурустӣ шинохта шавад;

2. Тасвири “боди сабо” яке аз тасвирҳои хеле маъмул дар адабиёти форсу тоҷик буда, аз ибтидои адабиёти оламшумули мо то ба имрӯз ҳамвора мавриди таваҷҷуҳ ва тасвири шоирон қарор гирифтааст, ки дар ғазали шоирони асри XIV ба нуктаи камоли худ мерасад;

3.“Боди сабо” дар тасвири шоирони асрҳои X ва нимаи аввали асри X1 ба сифати як унсури муъҷизаосои табиат бештар ба маънии луғавии худ ба кор рафтааст;

4.Аз нимаидуюми асри XI бо вуруди тасаввуф ба адабиёт дар ашъори орифони шоир ва шоирони ориф мафҳуми “боди сабо” ба худ маънии рамзии ирфонӣ мегирад;

5.Бо вуҷуди маънои рамзии ирфонӣ касб кардани мафҳуми “сабо” дар ашъори шоирони ориф маънии луғавии он аз байн намеравад;

6. Дар ғазали асри XIV ду тарзи тасвири “сабо” мушоҳида мешавад: сабо ба сифати мабдаи тасвир ва сабо ба ҳайси воситаи тасвир;

7.Ғазали шоирони асри XIV ғазали талфиқ аст, аз ин рӯ, мафҳуми “боди сабо” дар ғазали ин давра ҳам ба маънои луғавӣ ва ҳам ба маънии рамзии ирфонӣ ба кор рафтааст;

8.Мафҳуми “сабо”дар ғазали шоирони орифи ин аҳд танҳо ба маънии «нафаҳоти раҳмонӣ», ки фарҳангҳои ирфонӣ таъбир кардаанд, маҳдуд намегардад, балки маънию намодҳои бештаре касб мекунад.

9.“Сабо” дар ғазали шоирони ин даврон нақшу вазифаҳои зиёде дорад, ки муҳимтарин вазифаи он қосид байни ошиқу маъшуқ аст;

10. Суханварони асри XIV бо корбурди мафҳуми “сабо” тасвироти олии шоирона офаридаанд, ки баъзе аз онҳо дар ҳадди эъҷоз аст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки хулосаҳои диссертатсия ва маводи он метавонад барои равшанӣ андохтан ба яке аз масоили камомӯхташудаи адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ, тасвирҳои шоирона дар мисоли ғазалиёти шоирони асри XIV муфид хоҳад буд. Ҳамчунин, ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишкадаву донишгоҳҳо, бахусус таърих ва хусусиятҳои жанрии ғазал аз маводи диссертатсия метавон истифода бурд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад дар навиштани таърихи адабиёт, алалхусус адабиёти асри XIV, китобҳои дарсӣ, курсу семинарҳои ихтисос доир ба ташаккулу таҳаввули ғазал, тасвирҳои шоиронаву образҳои шеърӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ барои донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон истифода шавад. Ҳамчунин, дастовардҳои диссертатсия ҳангоми омӯзиши таҳаввулу такомули ғазали форсӣ-тоҷикӣ дар садаи XIV, таҳқиқи ашъори шоирони ин даврон метавонад муфид бошад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.01.04-Таърихи адабиёт; равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми фардии муҳаққиқ дар омӯзиш ва баррасии дақиқи тасвири боди сабо дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ҷамъоварии маводи зиёди сарчашмаҳо ва

таҳлилу муайян намудани мушаххасоти онҳо, омӯзиши назарияҳои донишмандони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқ ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо ва нашри онҳо доир ба мавзуи диссертатсия зоҳир мегардад. Мавзуи мазкур бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик ба таври системанок ва густарда дар шакли диссертатсия аз ҷониби муаллиф мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар гузориш ва маърузаҳои унвонҷӯи дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ,аз қабили конференсия ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Муносибати босалоҳият ба таълим ва мушкилоти татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ(25.12.2021.ДДОТ ба номи С.Айнӣ), конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим" (27.12.2022.ДДОТ ба номи С. Айнӣ), маҳфилу конференсияҳои донишгоҳии ҳайати омӯзгорону кормандони ДДОТ ба номи С. Айнӣ (солҳои 2018-2022) ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои мухталифи илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз 03. 10. 2020, суратҷаласаи №3 ва ҷаласаи шурои олимони факултети филология аз 24.09.2022, суратҷаласаи №2 муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 5 мақолаи илмие, ки дар феҳристи маҷаллаҳои шомилбудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд ва 2 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба нашр расидаанд, ифода ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 174 саҳифаи чопиро дар бар мегирад.

# БОБИ I. САЙРИ ТАЪРИХИИ ТАСВИРИ “БОДИ САБО” ДАР АДАБИЁТИ ФОРСӢ - ТОҶИКӢ

Дар адабиёти беш аз ҳазорсолаи форсӣ-тоҷикӣ тасвири табиат мақоми хос дорад, зеро мавзуи тасвири инсони эҷодкор, алалхусус, шоир, пеш аз ҳама табиат аст. Шоир вобаста ба эҳсос ва қудрати зебошиносиаш ашёи табиатро дар кураи тахайюлоташ акс намуда, онро бо сурати зеботару хубтар ба тасвир меоварад. Бино ба қавли Э.Е. Шаталов: «тасаввуроти инсонро табиат возеҳу барҷаста месозад» [182,66]. Инсон бо табиат робитаи ногусастанӣ дорад ва инсон бидуни табиат вуҷуд дошта наметавонад. Инсони эҷодкор, пеш аз ҳама, аз табиат ва муҳити иҳоданамудааш илҳом мегирад. Агар дар шеъри арабии даврони ҷоҳилият, чи тавре ки муҳаққиқон таъкид кардаанд, тасвири биёбону шутур бештар ба назар расад, дар ашъори шоирони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ баҳору гулу булбул, насими форами сабову кӯҳу даман мавқеи босазо доранд. Чигунагии тарзи тасвир ба маҳорат ва ҳунари шоир вобаста аст. Мунаққиди бузурги рус В.Г. Белинский бар он андеша аст, ки «даҳои адабӣ чӣ қадар бузург бошад, ӯ табиатро ҳамон андоза мукаммалу возеҳ ба тасвир меоварад ва робитаи устувори ӯро бо ҳаёт таъйин менамояд» [71,70]. Дар адабиёти мо, то он ҷое, ки хабар дорем, беш аз сӣ ҳазор шоири соҳибдевон арзи ҳастӣ кардаанд ва дар ашъори ҳар яке аз ин шуаро метавон тасвири табиатро мушоҳида намуд. Дар мавриди шинохти шеър дар таъйини ҳунари шоирӣ низ ибтидо аз асри XI рисолаҳои шеършиносии зиёде навишта шудаанд. Дар ин рисолаҳои илмӣ ҳангоми арзишдоварӣ ба каломи бадеъ истилоҳоти зиёде ба кор рафтааст, ки тасвир, хаёл ва сурат аз ҷумлаи роиҷтарини онҳост.

Муҳаққиқон тасвир (имож)-ро истилоҳи аз ҳама роиҷи нақди адабӣ донистаанд, ки аз дер боз дар илми балоғат корбурд дошта ва «дар давраи шукуфоии нақди ҷадид дар адабиёти Ғарб маҳбубияти бисёр ёфт». Ҳамчунин таъкид шуда, ки «баҳс аз тасвир мухтас ба қаламрави

адабиёт нест, балки дар равоншиносии идрок ва шохаҳои гуногуни ҳунар, аз ҷумла синамо, наққошӣ, пайкарасозӣ низ дар бораи ин мафҳум баҳс бисёр аст» [167,37]. Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар китоби боарзиши худ «Сувари хаёл дар шеъри форсӣ» баҳси муфассале дар ин масъала дорад ва дар баробари «имож» дар забони форсӣ калимаи «хаёл»-ро пешниҳод мекунад, аммо дар накди адабӣ ва балоғати форсӣ истилоҳи «тасвир» бештар маҳбубият ёфта ва мавриди корбаст қарор гирифтааст. Дар китобҳои балоғат ва накди адабӣ, чи дар Эрон ва чи дар Тоҷикистону Афғонистон, истилоҳи тасвир муодили имож ба кор меравад. Аксари муҳаққиқони накди адабӣ бар онанд, ки бори аввал Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар китоби зикршуда перомуни истилоҳи адабии «тасвир» баҳс ороста, ҷанбаҳои назарию амалии онро дар шеъри форсӣ асоснок кардааст[104,17]. Баъд аз он бештари муҳаққиқон, ки ба масъалаи тасвирҳои шоирона пардохтаанд, шеваи таҳқиқи Шафеии Кадканиро дунбола кардаанд. Дар накди имрӯз тасвир ва тасвирсозӣ (imagery) ду истилоҳест, ки корбурди фаровон дорад, аммо «дар таърихи накд ва балоғат бо он ки истилоҳи тасвир ҳамеша дар шумори мутадовилтарин мусталиҳот буда ва бо он ки таорифи мутааддад ва мутанаввуе аз он сурат додаанд, ҳамчунон мубҳаму таърифнопазир мондааст»[167,38]. Қобили таъкид аст, ки Маҳмуди Футуҳӣ дар китоби «Балоғати тасвир» куллияи масоили тасвир ва муодилҳои он: хаёл, имож, суратро ҳам аз дидгоҳи пешиниён ва ҳам дар накди имрӯзии ғарбиёну шарқиён баррасӣ намуда, ақсоми тасвирро вобаста ба дидгоҳҳои мухталиф бо шавоҳиди каломи бадеӣ табақабандӣ намудааст [167,38].

*«Боди сабо»,* ки бо номҳои бод, насим, насими саҳар, насими бомдод, боди бомдодӣ ва ғайра ёд мешавад, яке аз тасвирҳои хеле маъмул дар адабиёти форсӣ-тоҷикист, ки аз ибтидои адабиёти оламшумули мо то ба имрӯз ҳамвора мавриди таваҷҷуҳ ва тасвири шоирон қарор гирифтааст. Бино ба қавли назарияшиносон, яке аз унсурҳои асосии каломи бадеъ образ, имож ё худ тасвир ҷавҳари зотии

шеър ба шумор меравад[183,23]. Ҳамчунин таъкид шуда, ки барои таҳқиқи амиқи тасвири муайяни шоирона бояд сарчашмаи пайдоиш ва омилҳои инкишофу такомули онро муайян кард, зеро бе донистани манбаи пайдоиши тасвири муайяни шоирона дарки ҳамаҷонибаи он аз имкон берун аст. Аз ин рӯ, бояд сараввал мафҳуми «сабо»-ро равшан созем, ки чӣ боде аст, ки ин қадар мавриди таваҷҷуҳ ва тасвири шоирон қарор гирифтааст?!

## I.1. Шарҳу тавзеҳ ва таърифи «боди сабо» дар фарҳангу луғатҳо ва асарҳои таҳқиқотӣ

Қобили зикр аст, ки калимаи «сабо»-ро ҳам муаллифони фарҳангу луғатҳои асримиёнагӣ ва ҳам муосир шарҳу тавзеҳ додаанд. Муаллифони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар шарҳи ин калима менависанд: «Сабо – боде, ки аз тарафи Шарқ мевазад; шамоли форам, насими салқин» [195,164]. Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» менависад: «Сабо - боде, ки аз тарафи Машриқ вазад, баъзе гуфта, ки боди Машриқе, ки дар айёми баҳор вазад»[191,4).Дар «Фарҳанги форсии Амид»-и Ҳасани Амид омада, ки «сабо-боди барин, боде, ки аз самти Машриқ мевазад, муқобили дабур» [184,1610]. Ҳасани Анварӣ дар «Фарҳанги бузурги сухан» оварда, ки «Сабо- насими мулоим ва хунуке, ки дар бархе навоҳӣ аз тарафи шимоли Шарқ мевазад; муқобили дабур»[185,4688]. Дар луғату фарҳангҳои дигар, монанди «Фарҳанги Нафисӣ», «Фарҳанги форсӣ»»-и Муҳаммад Муин низ боди саборо наздик ба ҳамин маонӣ шарҳ додаанд. Дар баробари маънии луғавии “сабо” маънои рамзии ирфонии он ҳам шарҳ шудааст. Сайидҷаъфари Саҷҷодӣ дар «Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ» дар мавриди маънои рамзии ирфонии мафҳуми «сабо» менависад: «Сабо-нафаҳоти раҳмонӣ, ки аз ҷиҳати машриқи руҳоният ояд. Низ он чиро, ки боис бар хайр бошад, сабо гӯянд…» [192, 520].

Дар асарҳои таҳқиқотӣ, алалхусус он рисолаҳои илмие, ки доир ба шеъри орифони шоир, монанди Шайх Аттору Ҳаким Саноӣ, Мавлавию

Ироқӣ ва шоирони ориф, амсоли Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон иншо шудаанд, муаллифон саъй намудаанд дар баробари маънои луғавии *сабо* маънии рамзии ирфонии онро низ равшан созанд. Масалан, донишманди эронӣ, муҳаққиқ ва мураттиби девони Ҳофиз - Қосим Ғанӣ дар ҳошияи рисолаи худ меоварад, ки «сабо бодест, ки субҳ дар вақти тулуи офтоб аз Машриқ мевазад» [172,118]. Муаллифи рисолаи «Кашшоф истилоҳот-ул-фунун» оварда, ки «сабо боде, ки аз тарафи Машриқ ояд дар фасли баҳор, ба вақти субҳ мевазад, боди латифу хунук аст, насими хуш дорад ва гулҳо аз он бишкуфанд ва ошиқон роз бо ӯ гӯянд ва дар «Истилоҳ»-и Адурразоқи Кошӣ «сабо нафаҳоти раҳмония аст, ки аз ҷиҳати машриқи руҳоният меояд»[172,118].Шореҳи қурунивустоии девони Ҳофиз Мавлоно Абдурраҳмони Хатмии Лоҳурӣ ҳангоми шарҳи байти дуюми нахустғазали девони Ҳофиз вожаи «сабо»-ро чунин шарҳ додааст: «Сабо - дар истилоҳ таҷаллии раҳимро гӯянд, ки файзони камолоти маънавӣ бар муъминон ва сиддиқон ва арбоби қулуб мефармояд. Мисли маърифат ва тавҳид. Ҳазрати Хоҷа ишорат аз ин таҷаллӣ ба сабо ба муносибати он фармудаанд, ки руҳу роҳати куллӣ дорад, чӣ сабо бодест саҳаргоҳ аз зери арш хезад ва роҳати тамому бӯйи хуш дорад ва гулҳо бишкуфонад»[31,6]. Бино ба гуфтаи Б. Хуррамшоҳӣ, Суҳравардӣ дар рисолаи «Сафири Симурғ» боди сaборо «нафаси Симурғ» медонад, ки маҳрами асрори ошиқон аст: «Ва насими сабо аз нафаси ӯст аз баҳри он ошиқон рози дилу асрори замоир бо ӯ гӯянд»[172,7]. Абӯрайҳони Берунӣ дар «Ат-тафҳим» менависад: «Омадани сабо аз сӯйи Машриқ аст. Ва сaборо низ қабул хонанд, ки бар рӯйи Каъба ҳамеояд. Ва омадани боди дабур аз сӯйи Мағриб аст ва аз пушти Каъба ҳамеояд.[172, 63].

Ҳофизшиноси эронӣ Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ дар «Ҳофизнома» баъд аз овардани маънии луғавӣ ва истилоҳии «боди сабо» аз фарҳангу луғатҳои асримиёнагӣ менависад: «Шояд дар девони ҳеҷ як аз шуарои форсизабон ба андозаи «Девон»-и Ҳофиз ҳавои хушу боди хушнасим ва насими атргардону сабо ва боди сабо омадурафт надошта бошад. Боди

сабо ё сабо яке аз қаҳрамонону мавҷудоти шеърии фаъоли «Девон»-и Ҳофиз аст. Шояд ҳамон қадар ки ёру соқӣ тарфи таваҷҷуҳу хитоби Ҳофиз ҳастанд, боди сабо ё насими саҳар ҳам ҳаст. Бисёре аз ғазалҳои Ҳофиз бо хитоб ба сабо ё зикри хайри ӯ ифтитоҳ мешавад»[172, 119).Муҳаққиқ баъд аз зикри ғазалҳои шоир, ки бо вожаи сабо шуруъ мешаванд, аз нақши сабо дар шеъри Ҳофиз сухан мегӯяд[172, 120]. Муҳаммади Истеъломӣ дар китоби «Дарси Ҳофиз» ҳангоми шарҳи ғазали *«Сабо ба лутф бигӯ он ғазоли раъноро»* менависад: «Сабоaccess ба маънии боди баҳор, боде, ки аз шимол мевазад ва боде, ки субҳ аз Машриқ меояд, таъриф кардаанд ва маъқултарин таърифи он боди латифи баҳорӣ аст, ки дар ғазали форсӣ ҳам қосиди ошиқ аст»[102, 86]. Дигар аз шореҳони ашъори Ҳофиз, монанди Беҳрӯзи Сарватиён дар «Шарҳи ғазалҳои Ҳофиз», Муҳаммадризо Барзгари Холиқӣ дар «Шохи набот», Раҳими Зуннур дар «Дар ҷустуҷӯи Ҳофиз» ва дигарон «боди сабо»-ро наздик ба ҳамон маъние, ки баён шуд, таъриф додаанд. Ҳофизшиноси тоҷик Ш.Р. Исрофилниё дар китоби «Шарҳи бист ғазали Ҳофиз», ки барои хонандагони мактаб навишта шудааст, ҳангоми шарҳи байти *«Ба бӯйи нофае, к-охир сабо з-он турра бикшояд»* мафҳуми «сабо»-ро мухтасар[97,12], аммо дар мақолаи «Шарҳи нахустғазали девони Ҳофиз» ин мафҳумро батафсил шарҳ дода, сайри тасвири сaборо аз Рӯдакӣ то Ҳофиз ба таври ихчаму фушурда нишон додааст.

Аз миёни шарҳҳои зиёде, ки донишмандон доир ба *сабо* ва нақши он дар шеъри форсии тоҷикӣ навиштаанд, навиштаҳои Тақии Пурномдорён ва Саиди Ҳамидиён ҷолиби таваҷҷуҳ ва муфассал аст. Тақии Пурномдорён дар китоби «Гумгаштаи лаби дарё» менависад: «Боди сабо бодест, ки аз ҷониби Машриқ меояд ва маъмулан хунуку латиф аст ва сабаби сарсабзию хуррамӣ мешавад. Тасвире аз «боди сабо»-ро ҳадақал дар қадимтарин доиратулмаорифи форсӣ «Нузҳатномаи Алоӣ» дар даст дорем. Ба вазиши он дар субҳ ҳам ишора кардаанд. Дар адаби форсӣ низ сабо ҳамеша боди хушу фараҳбахш

тасвир шудааст ва бо маъшуқ, ки аз назари ошиқ мазҳари лутфу зебоист, иртиботи наздик дорад ва ба ҳамин сабаб пайки миёни ошиқу маъшуқ аст. Ва ба қавли Аттор ҳамчун анфоси Исо аст, ки сабаби зиндагӣ ва ҳаёт мегардад, чаро ки бӯйи зулфи маъшукро дар остин дорад:

Зи зулфат зинда медорад сабо анфоси Исоро,
Зи рӯят мекунад равшан хаёлат чашми Мусоро.
Саҳаргаҳ азми бӯстон кун, сабуҳӣ дар гулистон кун,
Ба булбул мебарад аз гул сабо сад гуна бушроро [144, 374].

Саиди Ҳамидиён дар «Шарҳи шавқ» менависад: «Ба гумони ин нигоранда сабо ва тасаввуроту тасвирҳои шоиронаи ҳавли он ба эҳтимоли бисёр бо Каъба, яъне, маркази орзуҳо ва бовармандиҳо омехтагӣ дошта ва ин маҷмуа бо маонию тадоиҳои гуногуне, ки ба гирди онҳо шакл гирифта, маҷмуаеро аз намодҳову таъбирҳои мухталифи дилангез ва марбут ба ҳамдигар падид оварда, ки бархеро дар мубоҳиси намодгароӣ зикр кардам [175,706]. Нуктаи ҷолиб он аст, ки С. Ҳамидиён муносибати *боди сaборо* бо мамлакати Сабо ва маликаи он Билқис, паямбар Сулаймон ва алалхусус бо Каъбаву шеъри араб шарҳу тавзеҳ дода, маънии рамзии ирфонии ин мафҳумро равшан месозад: «Ба ҳар ҳол, ҷиҳати вазиши боди сабо низ Каъба, ин омил ҷиҳатдиҳанда ба шавқи орифу омӣ аст ва сабо худ паёмрасон ё муждаоварӣ дар ҳамон самту сӯ. Аз ҳамин рӯст, ки сабо, Каъба ва қабул ба унвони се мафҳуми руҳонӣ ва шавқангез дар азҳон (зеҳнҳо) ба ҳам мепайвандад. Ва албатта, тамоми тадоиҳои марбут ба мулки Сабо низ, ки боз дар ҳамон ҷиҳат аст, ҳамроҳ бо паёмҳои ошно миёни Сулаймон ва маликаи он ва муждаҳои ҷонбахши висолу вусул, чунин маҷмуаи латиферо падид меоварад, ки ғазали порсиро то бад-ин ҳад аз худ саршор кардааст. Сабо дар шеъри тозӣ низ ёдоварии дӯст ва паёмовари дусӯст ва нерудиҳанда ба дил. Бад-ин сон шоирони мо ба далели унс бо шеъри араб аз он таъсироти бисёр баргирифтаанд [175, 707].

Аз шарҳу тавзеҳи *боди сабо* дар фарҳангу луғатҳо ва асарҳои таҳқиқотӣ метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Боди сабо бодест фораму салқин, аз ин сабаб вазидани онро хайру баракат медонистаанд;
2. Сабо бодест, ки аз тарафи Шарқ мевазад, аз ин рӯ, назди мардуми Машриқзамин, алалхусус шоирон азизу муътабар аст, зеро Шарқ ҷойи тулуи офтоб аст;
3. Сабо танҳо дар айёми баҳор мевазад ва бӯйи гулу сабзаро бо худ дорад, ки шамидани он димоғи инсонро муаттар ва вақти ӯро хуш мекунад;
4. Сабо саҳаргоҳон мевазад ва бо вазидани он гулҳо мешукуфанд ва аз накҳати он касе баҳравар мегардад, ки саҳархез бошад. Гумон меравад, ки ин хусусияти *сабо,* яъне шукуфта шудани гулҳо тавассути *сабо* бештар мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор гирифтааст;
5. Сабо дар таъбири орифон «нафаҳоти раҳмонист, ки аз ҷиҳати машриқи руҳоният» меомада ва сабаби хайру баракати солики роҳи тариқат мегаштааст;
6. Сабо аз рӯйи Каъба, яъне аз макони муқаддас ва маркази орзую бовармандиҳои мардуми мусулмон мевазидааст. Насиме, ки аз макони муқаддас меояд, бешак, дар эътиқод ва боварҳои мардум омили хайру баракат аст;
7. Боди сабо паёмбар ё худ пайк миёни ошиқу маъшуқ будааст ва дар назари шоирони ориф ягона мавҷудест, ки ба «ҳарими ҳарами ҷонон» роҳ дорад. Аз ин рӯ, барои ошиқон *сабо* хеле азиз асту пайғоми онҳоро барои маъшуқ мебарад ва бӯйи зулфи маъшуқро мепароканад ва ошиқ аз дами ӯ нафаси маҳбубро мешунавад;
8. Дар муқобили *«боди сабо» «боди дабур»*-ро мебинем, ки аз Мағриб мевазидаву дар боварҳои мардум вазидани он баду шум аст, зеро табибон онро омили бемориҳо донистаанд. «*Боди дабур»* бар хилофи *«боди сабо»* аз пушти Каъба мевазидааст.

Хулоса, *боди сабо* дорои сифату мушаххасоти зиёде мебошад, ки

ҳамвора мавриди тавсифу тамҷид ва тасвирҳои зиёди шоирона гаштааст. *Боди сабо* бо унвонҳои гуногун аз ибтидои адабиёти форсии тоҷикӣ то кунун дар ашъори шоирон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Чун маънии луғавию рамзии ирфонии *боди сабо* равшан гардид, метавон бо баррасии ашъори шоирон сабабҳои пайдоиши ин образ ва мушаххасоти онро муайян кард.

### I .2. Боди сабо- воситаи маърифат ва тасвири бадеӣ

Шеършиносон аҳамият ва зебогии шеърро дар тарзи тасвир ва шигифтию ғаробати он донистаанд. Маҳмуди Футуҳӣ менависад: «Дар оғози таърихи башар ташбеҳи «рӯйи зебо» ба «моҳ» ва «марди неруманд» ба «кӯҳ» растохезе дар забон ва маҳшаре дар маонӣ ба ҳисоб меомадааст. Рӯз ба рӯз тамаддуни башарӣ аз таҷрибаҳои нобу шигарф анбошта ва низ захираи таҷрибию маърифатии одамӣ анбӯҳтар мегардад, кам-кам умури шигифт барояш одӣ менамояд. Рӯзе ташбеҳи «қомати мавзуну баланд ба «сарви саҳӣ» ҳодисаи бузург дар шеър ба шумор мерафт, аммо дар гузари замон тозагии таъсиру таровати ҳунариаш мепажмурад ва шоири навҷӯ аз такрори он дар шеъраш тан мезанад. Суратҳои куҳан ба канор мераванд, то суратҳои нав биёянд. Чаро ки зебоии умури шигифт нисбист ва шигифтиҳо дирӯзин барои имрӯзиён одӣ ва малоловар менамояд» [167,21]. Аз ин рӯ, барои шинохти воқеии тасвири *сабо* дар ғазалиёти шоирони асри XIV, ки мавзуи таҳқиқи мост, бояд пайдоиш ва сайри таърихии ин тасвири шоиронаро аз ибтидои адабиёти форсии тоҷикӣ баррасӣ намоем. Аз сабаби он ки аз адабиёти аҳди бостон ашъори зиёде боқӣ намонда, ки тавонем нақши мавзуи мавриди таҳқиқро дар он баррасӣ намоем, аз адабиёти баъдазисломӣ шуруъ мекунем.

Аз ашъори шоирони пеш аз устод Рӯдакӣ, амсоли Ҳанзалаи Бодғисию Маҳмуди Варроқ, Абӯсалики Гургонию Фирӯзи Машриқӣ, Васифи Сагзию Бассоми Курд ва Муҳаммад ибни Мухаллади Сагзӣ

абёти парокандае боқӣ мондааст, ки наметавон тасвири *боди саборо* дар он баррасӣ кард. Аз ин рӯ, баррасии мавзуъро аз сардафтари адабиёти форсу тоҷик – Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасронаш шуруъ мекунем.

Тасвири табиат дар ашъори шоирони асри X, алалхусус дар осори бозмондаи устод Рӯдакӣ мавқеи босазо дорад, зеро мавзуи тасвири инсони эҷодкор, хосса шоир, пеш аз ҳама, манзараҳои табиати афсункор аст, ки ӯро ба ваҷд меоварад. Устод Рӯдакӣ ва шуарои ҳамасраш, ки дар оғози адабиёти форсии тоҷикӣ қарор доштанд, тасвироту ташбеҳот ва истиороти онҳо ҳама табиӣ буда, ба зеҳни хонанда наздиканд. Рӯдакӣ ва шоирони дигари асри X бо мавзуоте сарукор доштанд, ки пеш аз онҳо суруда нашуда буд ва табиати биҳиштосои Мовароуннаҳру Хуросон беш аз ҳама мавриди таваҷҷуҳи ин суханварон қарор гирифтааст. Яке аз унсурҳои табиӣ, ки ҳангоми тасвири табиат дар ашъори шоирони ин аҳд вомехӯрад, тасвири «боди сабо» мебошад, ки бо номҳои бод, насим, насими саҳар, насими бомдод, боди бомдодӣ ва ғайра ёд мешавад. Аз шарҳу тафсири муаллифони фарҳангу луғатҳо бармеояд, ки *сабо* бодест, ки субҳ дар вақти тулуи офтоб, ҳангоми баҳор аз ҷониби Машриқ мевазад, насими хушу латиф дорад ва сабаби сарсабзиву хуррамӣ мешавад, гулҳо маҳз бо вазидани ӯ мешукуфанд. Дар тасвири шоирони асри X *боди сабо*, пеш аз ҳама, ба сифати падидаи табиати муъҷизакор аст, ки ҳангоми баҳор мевазад ва «олами пирро ҷавон» мекунад. Устод Рӯдакӣ мегӯяд:

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,
Бо сад ҳазор нузҳату оройиши аҷиб.
Шояд, ки марди пир бад - ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ ба дил ёфт шабоб аз пайи машиб.
Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,
Лашкар-ш – абри тираву боди сабо – нақиб [36, 61].

Ҳангоме ки шоир шеър меофарад, бино ба гуфтаи Ризо Бароҳанӣ, «пулеро мемонад, ки аз як сӯйи он маводи хоми табиат ҷараён мeёбад ва аз сӯйи дигари он махлуқоти шеърӣ ва ё шоир ҳукми он корхонаеро дорад, ки

дар коргоҳи зеҳни худ ба ашё шакли инсонӣ мебахшад [68, 5]. Дар абёти боло устод Рӯдакӣ фасли баҳорро ба тасвир оварда, ки бо ҳазор рангу бӯйи хуш ва бо сад ҳазор покию зебу зиннати шигифтангез ҷаҳонро зебу зинат додааст. Дар тасвири шоир ҷаҳон дар зимистон мисли инсони пири фартуту бемор буд ва бо омадани баҳори исодам аз нав ҷавону тандуруст гардидааст. Дар байти дуюм шоир мегӯяд: «Шоиста аст, ки дар ин айём (яъне, баҳор) инсони пир ҷавон шавад, зеро дунё баъд аз сардию пирии зимистон ҷавон ва сарсабзу хуррам гаштааст [95, 15]. Дар байти сеюм шоир осмонро ба масобаи шоҳи муқтадире ба тасаввур меоварад, ки лашкар оростааст ва лашкари ин шоҳи бузург (чархи бузургвор) абри сиёҳ асту боди сабо сарҳанг, сарлашкар ва сарвари ин лашкари азим мебошад. Дар ин тасвири Рӯдакӣ *сабо* ба маънии муқаррарияш, ба сифати як навъи бод ва як унсури табиӣ ба кор рафтааст. Дар байти дигари ҳамин қитъаи шеърӣ шоир бодро, ки мурод аз он боди сабост, табибе медонад, ки бо овардани бӯйи гулу суман «ҷаҳони бемор»-ро шифо бахшидааст:

Якчанд рӯзгор ҷаҳон дардманд буд,
Беҳ шуд, ки ёфт бӯйи суман, бодро табиб [36, 61].

Дар ғазали дигари устод Рӯдакӣ *боди сабо* бо хусусиятҳои вижааш зуҳур мекунад, ки се байти онро метавон дар сифати боди сабо номид. Гарчанде дар ин ғазал исми сабо зикр наёфтааст, аммо аз тасвири шоир бармеояд, ки муродаш боди сабост:

Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд,
З-ӯ бӯйи гулу мушку насими суман ояд.
Бар ҳар зану ҳар мард куҷо барвазад он бод,
Гӯйӣ магар он бод ҳаме аз Хутан ояд.
Не, не, зи Хутан бод чунин хуш navазад ҳеҷ
К-он бод ҳаме аз бари маъшуқи ман ояд. [36, 108]

Ин бод аз Ватани азизи шоир – Бухоро мевазад ва ҳар боде, ки аз сӯйи Ватан мевазад, барои шоири ватанпараст азизу мукарррам аст. Аз он ҷо ки аз ин бод *«бӯйи мушки насими суман»* меояд, мурод ҳамон

боди сабост, ки бино ба таърифи муаллифони фарҳангу луғатҳо, «ҳангоми баҳор аз ҷониби Машриқ мевазад, насими хушу латиф дорад ва гулҳо маҳз бо вазидани ӯ мешукуфанд». Шоир бар он аст, ки ҳар марду зан қодир ба ташхиси ин бод нестанд ва аз он рӯ, ки «бӯйи гулу мушку насими суман» дорад, шояд аз Хутан, ки макони мушк аст, меояд:

Бар ҳар зану ҳар мард куҷо барвазад он бод,
Гӯйӣ магар он бод ҳаме аз Хутан ояд [36,108].

Шоир аз ин андеша бармегардад, зеро аз Хутан бод чунин хуш намевазад ва ба хулоса меояд, ки ин боди хушбӯй аз бари маъшуқи ӯ, ки дар ватани азизаш - Бухоро сукунат дорад, мевазад ва аз ин сабаб хушбӯю гуворост:

Не, не, зи Хутан бод чунин хуш навазад ҳеч,
К-он бод ҳаме аз бари маъшуқи ман ояд [36, 108].

Аз «бари маъшуқ» вазидани ин бод далели дигар ба боди сабо будани он аст, зеро танҳо боди сабост, ки ба кӯйи маъшуқ гузар дорад ва бӯйи зулфи маҳбубаро мепароканад. Ин хусусияти «боди сабо» дар шеъри шоирони баъдӣ, алалхусус орифони шоир чун Аттору Мавлоно ва шоирони орифе монанди Саъдии Шерозию Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷандӣ ба таври возеҳ ба тасвир омада, ки мавзуи баҳси дигар аст.

Дар осори бозмондаи Рӯдакӣ муродифи *боди сабо* - *«боди барин»* низ ба кор рафта ва шоир дар баробари боди сабо боди мухолифи он *«боди фурӯдин»*-ро меоварад:

Гетӣ-т чунин омад, гарданда бад-ин сон,
Ҳам боди барин омад, ҳам боди фурӯдин [36, 296].

Мураттиби «Девон»-и устод Рӯдакӣ Қодири Рустам дар мавриди байти зикршуда менависад: «Ба навиштаи «Луғатнома»-и Деҳхудо, “боди фурӯдин” боди дабур, ё худ боди ҷанубӣ аст ва “боди барин” боди сабо ё боди шимол, “чи қутби шимол баланд аст ва ҷанубӣ фуруд ва боди ҷанубӣ ва дабур музир аст ва боди сабо ва шимол нофеъ” (Луғатнома, зайли “боди фурӯдин”). Ин вожаро бархе фарҳангҳои тафсирӣ ва мураттибони кутуби ашъори Рӯдакӣ нашри Тоҷикистон ба

сурати “боди фарвардин” овардаанд, ки таносуби каломро барҳам зада ва байтро бемантиқ кардааст [216,132].

Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ, ки аксар шогирдони ӯ буданд, дар пайравӣ аз устоди сухан бод, алалхусус *боди саборо* бо ранги ҷилваҳои мухталиф ба тасвир овардаанд. Масалан, нахустшоири зан дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Робеаи Балхӣ бодро чунин тасвир мекунад:

Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,
Чаман ранги «Аржанг»-и Моно гирифт.
Сабо нофаи мушки Тиббат надошт,
Ҷаҳон бӯйи мушк аз чӣ маъно гирифт?!
Магар чашми Маҷнун ба абр андар аст,
Ки гул ранги рухсори Лайло гирифт? [6,114]

Дар шеъри шоирони асри X ташбеҳ нақши асосӣ дорад ва нуктаи ҷолиб он аст, ки ин ташбеҳот аксар табиианд. Дар байти аввали ғазали боло шоира чаманро дар ҳангоми баҳор ба «Аржанг»-и Монӣ ташбеҳ мекунад. Ваҷҳи ташбеҳ ҳамоно зебоию рангорангии гулҳои баҳорӣ ва расмҳои зебои китоби «Аржанг»-и Монист. Монӣ «асосгузори дини монавист, ки дар замони Шопури Сосонӣ даъвои пайғамбарӣ кард ва китоби худ «Шопургон»-ро ба вай тақдим намуд. Монӣ динашро бо роҳи расму суратҳои зебо тарғиб мекард ва аз ин сабаб дар адабиёти форсӣ -тоҷикӣ намоди (символ) наққошӣ ва рангорангӣ аст. «Аржанг», ки дар шакли «Жанг» ва «Артанг» низ омадааст, номи китоби мусаввари Монист ва ин ҷо зебоӣ ва рангорангии он дар назар аст» [95, 25]. Дар тасаввуроти шоиронаи Робиаи Балхӣ чаман ҳангоми баҳор монанди китоби «Аржанг»-и Монӣ пур аз суратҳои рангоранги зебост.

Дар байти дуюм шоира бо корбурди санъати таҷоҳули ориф худро ба нодонӣ мезанад, ки *сабо нофаи мушки Тиббат надошт*, аз чӣ сабаб бо вазидани он ҷаҳон пур аз бӯйи мушк гардид. Дар ин байт *сабо* бо хусусияти хоссааш, яъне бӯйи гулу мушк доштанаш тасвир шудааст, ки ин хосияти боди сабо дар ғазали шоирони асрҳои баъдӣ ба таври густарда ба тасвир омадааст.

Дар байти сеюм Робеа ранги гулро ба рухсораи Лайлӣ монанд кардааст. Ваҷҳи ташбеҳ ҳамоно сурхии гунаҳои Лайлию баргҳои гули сурх аст. Бе ҳеҷ шакке, Робеа ин байтро бо илҳом аз шеъри машҳури устод Рӯдакӣ сурудааст:

Бихандад лола бар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,
Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун [36, 137].

Ғазали дигари Робеаи Балхӣ, ки дар радифи бод суруда шудааст, аз матлаъ то мақтаъ дар тавсифи бод аст, ки хусусиятҳои *боди сабо* бармало мушоҳида мешавад:

Фишонд аз савсану гул симу зар бод,
Зиҳӣ боде, ки раҳмат бод бар бод!
Бидод аз нақши Озар сад нишон об,
Намуд аз сеҳри Монӣ сад асар бод.
Мисоли чашми Одам шуд магар абр,
Далели лутфи Исо шуд магар бод.
Ки дурр борид ҳар дам дар чаман абр,
Ки ҷон афзуд хуш-хуш дар шаҷар бод.
Агар девона абр омад, чаро пас,
Кунад арза сабуҳӣ ҷоми зар бод?
Гули хушбӯй, тарсам, оварад ранг,
Аз ин ғаммоз субҳи пардадар бод.
Барои чашми ҳар ноаҳл гӯӣ,
Арӯси боғро шуд ҷилвагар бод.
Аҷаб чун субҳ хуштар мебарад хоб,
Чаро афканд гулро дар саҳар бод [6, 116].

Гарчанде дар ғазали боло исми *сабо* нест, аммо аксари сифатҳое, ки шоир ба бод медиҳад, марбут ба боди сабост. Тавре ки аз шарҳи шореҳону муаллифони фарҳангу луғатҳо мушоҳида мекунем, *боди сабо* бӯйи гулу савсанро ҳамроҳ дорад ва бо вазидани он гулҳо мешукуфанд. Ин маънӣ дар байти матлаъ ба даст меояд, ки бо вазидани боди сабо гулу савсан, монанди зару сим ба саҳни чаман пош мехӯранд. Шоир

сифати ашёи боди саборо бо тамоми ҳастиаш эҳсос карда , дар тахайюли шоиронааш *саборо* шоҳе ба тасаввур оварда, ки ба сари зердастонаш зару сим мефишонад. Муҳаққиқи эронӣ Ризо Бароҳанӣ менависад: «Дар шеър гуфтан як навъе ҳолати орифона вуҷуд дорад ва навъе аз худ бехуд шудан дар паҳнои бекаронагии ашё. Шоир орифе ҳаст, ки мехоҳад ба ҷойи маъбуд ба ашё пайванд ёбад» [68,5]. Қобили зикр аст, ки Робеаи Балхӣ  иборан «раҳмат бод»-ро истифода мебарад ва  ин ибора имрӯз танҳо дар лаҳҷаи забони тоҷикӣ маъмул асту онро дар Эрону Афғонистон ба кор намебаранд.

Дар байти дуюм шоир ба қиссаи  Озари буттарош - падари ҳазрати Иброҳим ва Монӣ талмеҳ мекунад. Агар  муъҷизаофаринии об ба буттарошии Озар ташбеҳ шуда бошад, боди сабо садҳо сеҳргунаҳое аз гулу савсан, монанди сеҳри мусаввараҳои Монӣ ба вуҷуд овардааст. Бояд зикр кард, ки Озари буттарош бутҳоро хеле зебо метарошид ва аз ин сабаб «бут» дар адабиёти мо рамзи зебоӣ ва гоҳо киноя аз маҳбубаи зебост.

Дар байти сеюм  *боди сабо* монанди Исо-пайғамбар, ки бо  изни Худованд мурдаҳои садсоларо зинда мекард, ҷаҳон, табиати дар зимистон «мурда»-ро аз нав «зинда»  мекунад. Ҳамин сифати ҷонбахшии боди сабо дар байти чаҳорум таъкид шудааст, ки ба шаҷар- дарахтон ҷони тоза мебахшад.

Байти чаҳорум  тасвири шигарфе аз боди сабову абр аст. Дар коргаҳи тахайюли шоир абр ақлбохтаеро мемонад, ки ин қадар дурр (зар, ҷавоҳирот, киноя аз қатраҳои борон)-ро сарфи чаман мекунад ва бод зару сим (киноя аз  гулбаргҳои  гулу гиёҳон)-ро ба ҷоми гул (косабаргҳои гули лола, ки монанди қадаҳ ва ҷом аст) мерезад.

Дар байти панчум  ба чанд сифати *боди сабо* ишора мешавад, бидуни он ки номе аз сабо оварда шавад: ғаммоз, пардадар ва субҳхезӣ. Ин сифатҳои «боди сабо» дар шеъри шоирони ориф, монанди Камоли Хуҷандию Ҳофизи Шерозӣ бо рангу тобишҳои мухталиф баён шудаанд. Шоир аз он нигарон аст («тарсам»), ки гули хушбӯй аз ин ғаммозию

пардадарии боди сабо, ки бӯйи ӯро парокандаву пардаи ӯро даридааст, шарм мекунаду сурх мешавад ( «ранг оварад»).

Дар тахайюлоти шоиронаи Робеаи Балхӣ *боди сабо* машшотаи боғ аст, ки онро чун арӯси дар ҳулла нишаста ороиш медиҳад. Байти ҳафтум, ки тасвири олие дар худ дорад, монанди байти чаҳорум ба сифати саҳархезии боди сабо ишора мешавад. Бино ба қавли муаллифони фарҳангҳо, *боди сабо* аслан саҳар, вақти тулуи офтоб мевазад ва бо вазидани он гулҳо мешукуфанд. Дар байти мақтаъ шоир тааҷҷуб мекунад, ки сабо ҳангоми саҳар, ки касро хоби хуш мебарад, мевазад ва гулҳои «хобида»-ро бедор мекунад.

Яке аз сифатҳои асосии *боди сабо* пайк- қосид байни ошиқу маъшуқ будани ӯст, ки бори нахуст дар шеъри Робеаи Балхӣ мушоҳида мешавад:

Ало, эй боди шабгире паёми ман ба дилбар бар,
Бигӯ он моҳи хубонро, ки ҷон бо дил баробар бар [6, 118].

Ҳамин сифати номабарии *боди сабо* дар матлаи қасидаи Мунҷики Тирмизӣ, ки аз шоирони машҳури охири ҳукмронии Сомониён аст, ба назар расид. Сабо ин ҷо қосид байни шоиру мамдуҳ аст:

Маъзаратнома аз ман бибар, эй боди сабо,
…з-он бар малики мулк пас аз мадҳу сано [6, 412].

Дар шеъри Шаҳиди Балхӣ таъбири шоиронаи «хандидани бод» ба кор рафта, ки гарчанде ба боди сабо будани он тардид аст, аммо мушаххас аст, ки мурод боди баҳорист:

Абр ҳамегиряд чун ошиқон,
Бод ҳамехандад маъшуқвор.
Раъд ҳаменолад монанди ман,
Чунки бинолам ба саҳаргоҳ зор [6, 48].

Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмади Дақиқӣ дар «Гуштоспнома» ҳангоми тасвири табиат аз «боди сапеда» ёд намуда, ки бояд боди сабо бошад:

Чу Ҷомосп гуфташ, сапеда дамид,
Фуруғи ситора шуда нопадид.

Аз он ҷо хиромид то размгоҳ,

Фируд оварид он гузида сипоҳ.

Нигоҳе, ки боди сапеда дамон,

Ба кох орад аз боғ бӯйи гулон [6, 279].

Таъбири шоиронаи «боди сапеда», ки ҳангоми сапедадаму нопадид шудани фурӯғи ситора мевазад ва бо худ аз боғ бӯйи гулҳо меоварад, ҳамон боди сабост.Ҷойи дигар аз «боди нарм» сухан мегӯяд, ки саҳаргоҳон «меҷунбад» (Мурод аз «ҷунбидан» ҳамон оҳиста вазидани боди сабост, ки шоирони асрҳои XIII - XIV ба «бемории сабо» таъбир кардаанд, аммо «биҷунбондан»-и мисраи дувум ба маънии ларзондан аст), ки бешубҳа, ҳамон боди сабост:

Саҳаргоҳон, ки боди нарм ҷунбад,

Биҷунбонад дарахти сурху афсар [6, 325].

Дар ашъори бозмондаи Ҳаким Абӯбакр Муҳаммад ибни Алӣ Хусравии Сарахсӣ, ки мафҳуму мазмунҳои ҳикамӣ бештар ба кор рафтааст, сабо ба сифати дору барои ҷаҳони мурда ва абр чун дасти Масеҳо замини мурдаро зинда мекунад. Бояд таъкид кард, ки Хусравии Сарахсӣ дар сурудани ин абёт аз ашъори устод Рӯдакӣ илҳом гирифтааст:

Мурда-ст замӣ, абр бар ӯ дасти Масеҳо,

Бемор ҷаҳон, боди сабо доруи бемор.

То абр Масеҳо шуда булбул ҳама Инҷил,

Бархонад бар кӯҳ, падид ояд зуннор [6, 376].

Тасвири табиат, хосса фасли баҳор дар ашъори бозмондаи шоирони асри X мақоми бузург дорад ва ин суханварон табиати биҳиштосои ватани хешро бо камоли ҳунармандӣ ба тасвир овардаанд, ки *боди сабо* чун унсури асосии табиат дар фасли баҳор дар ин тасвирот нақши калидӣ дорад. Бояд зикр кард, ки дар тасвири баҳор, алалхусус боди сабо мо таъсири ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакиро дар шеъри шоирони асри X мушоҳида мекунем. Ин амал гувоҳи он аст, ки шоирони ин аср ашъори Одамушшуароро ба сифати беҳтарин шеър қабул доштаанду аз

вай илҳом мегирифтаанд. Шоирони асрҳои баъдина, ки шеърро ба ҳадди камол расонданд, бе ҳеч тардид, назар ба шеъри Рӯдакиву ҳамасронаш доштаанд.

Тасвири *сабо* дар шеъри шоирони асрҳои XI - XIII то андозае маънои луғавияшро ҳифз намудааст, ки ҳамоно суннатҳои адабии шоирони асри X идома меёбад. Аз сӯйи дигар, тасвири *боди сабо* дар ашъори шоирони мутаассири шеъри суфия ва суфимашраби ин даврон мақоми хос касб карда, бештар ба маънии рамзии ирфонӣ ба кор рафтааст.

Аксари муҳаққиқон бар он андешаанд, ки шоирони нимаи аввали асри XI, ё ба таъбири дигар шуарои аҳди Ғазнавӣ, чун Унсурии Балхию Фаррухии Систонӣ ва Манучеҳрии Домғонӣ, ки аз шоирони бузурги ин давронанд, ҳамон суннатҳои адабии аҳди Сомониён ё худ шеъри рӯдакиворро идома додаанд. Тасвири *сабо* дар шеъри шоирони аҳди Ғазнавӣ чун сабои шоирони асри X ба маънои луғавӣ ба кор рафта, ба худ маънои рамзӣ нагирифтааст. Яъне, шоирони ин даврон сaборо ба сифати як унсури табиӣ ва падидаи табиати муъҷизакор ба тасвир овардаанд. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки тасвири *сабо* бештар дар ташбибу тағаззули қасидаҳо ба назар мерасад. Маликушшуарои дарбори Султон Маҳмуди Ғазнавӣ – Унсурӣ дар ташбиби яке аз қасидаҳо фасли баҳорро бо тамоми тароваташ ба тасвир меоварад, ки дар ин тасвир *сабо* нақши асосӣ дорад:

Дили маро аҷаб ояд ҳаме зи кори ҳаво,
Ки мушкбӯй салаб шуд зи мушкбӯй сабо.
Зи рангу бӯй ҳамедонаму надонам аз он-к,
Чунин ҳаво зи сабо гашт ё сабо зи ҳаво…[9,138].

Шоири тасвиргар ҳамаи ин шаҳомату шукӯҳ ва навию тозагии баҳорро аз «саноати абр»-у «дастбурди сабо» медонад:

Агарчи гавҳару нақши ҷаҳон фаровон аст,
Ҳама саноати абр асту дастбурди сабо [9, 138].

Ҷойи дигар Унсурӣ саборо ба унвони «боди наврӯзӣ» ёд мекунад ва ӯро чун Озари буттарош бутгаре медонад, ки дар бӯстон аз сунъаш ҳар дарахте ба шакли луъбате ороиш ёфтаанд:

Боди наврӯзӣ ҳаме дар бӯстон бутгар шавад,
То зи сунъаш ҳар дарахте луъбате дигар шавад.
Боғ ҳамчун кулбаи баззоз пурдебо шавад,
Бод ҳамчун таблаи аттор пуранбар шавад…[37, 26].

Бино ба таҳқиқи Аҳмад Абдуллоев, «дар мадоеҳи Унсурӣ тавоноӣ ва қуввату зарбати сухан аҳамият пайдо кардааст. Ашъори ӯ хомгӯӣ ва нуқсонҳои услубӣ қариб надоранд. Унсурӣ ба ҷамъбасти фикр диққат дода, суханҳои хулосавӣ ба қалам овардааст. Суханҳои ӯ пухта, мустаҳкам ва матинанд» [37,15]. Воқеан, дар мақтаи ташбиб шоир ба хулоса меояд, ки таровати баҳор вобаста ба ду чиз аст: боди сабову абр. Ба таъбири дигар, дар тасвири баҳорияҳои Унсурӣ ду чиз, ё худ ду образ нақши калидӣ доранд, яке *боди сабо* ва дигаре *абри матир*:

Ба чизҳо ба ду чиз аст рангу бӯйи баҳор,
Яке ба боди сабову дигар аз абри матир…[22, 344].

Унсурӣ дар тасвири тирмоҳ ҳам аз сабои эҳёгар ёд мекунад. Дар тасвири шоир, тирамоҳ, ки фасли хазони табиат аст, рустаниҳо дар орзуи сабои эҳёгар ҳастанд. Чунончи, токи ангур дар фасли хазон «аз фироқи боди сабо» хун мегиряду зардрух аст:

Раз аз фироқи сабо хунгиряву зардрух аст,
Рухони зарди барг асту хуни дида асир [22, 224].

Дар ашъори шоири бузурги дигари ин аҳд - Фаррухии Систонӣ мафҳуми «*сабо*» танҳо дар се байт мушоҳида шуд, ки ҳама дар тағаззулоти қасоиди ӯст. Аз ҷумла, дар байти зер *боди сабо* ба сифати сабзкунандаи дашт дар муқобили боди хазон қарор дорад, ки боғро зард мекунад:

То боди хазон зард кунад боғ чу зари нах,
Чунон ки сабо сабз кунад дашт чу зангор [37, 46].

Аммо, дар ашъори ин шоирони бузурги маддоҳи Ғазнавиён муродифҳои *сабо*, монанди *«бод», «шамол», «насим», «боди баҳор», «насими гул»* муқаррар ба кор рафтааст. Аз ҷумла, дар ташбиби зер, ки дар тасвири баҳор аст, аз «боди баҳор» ёд мекунад, ки бешубҳа, мурод ҳамон боди сабост:

Марҳабо, эй Балхи бомӣ, ҳамраҳи боди баҳор,

Аз дари Нӯшод рафтӣ ё зи боғи Навбаҳор.

Эй хушо он навбаҳори хуррами Нӯшоди Балх,

Хосса акнун, к-аз дари Балх андарун омад баҳор[22, 49].

Байти зер аз ин қасида далели он аст, ки муроди шоир аз боди баҳорӣ ҳамон сабост, зеро танҳо боди сабо мушкбӯй аст:

Боғ гардад гулпарасту роғ гардад лолагун,

Бод гардад мушкбӯю абр марворидбор…[22, 49].

Шоири бузурги ин даврон Манучеҳрии Домғонист, ки ӯро адабиётшиноси Эрон Абдулҳусайни Зарринкӯб барҳақ «шоири табиат» меномад, зеро тасвири зебоиҳои табиат беш аз дигарон дар девони ӯ ҳувайдост. Алалхусус, баҳор бо тамоми рангорангию зебоияш дар ашъори ин шоири тасвиргаро таҷассум ёфтааст. Манучеҳрӣ бевосита мафҳуми *сабоpo* ба кор мебарад ва ҳангоми тасвири фасли баҳору Наврӯз аз насими ҷонпарвари сабо ёд мекунад:

Аз абри навбаҳор чу борон фурӯ чакид,

Чандин ҳазор лола зи хоро бурун дамид.

Он ҳуллае, ки абр мар ӯро ҳаметанид,

Боди сабо биёмаду он ҳулла бардарид…[22, 316].

Ҷойи дигар дар як тағаззули хеш *боди сабоpo* наххос - бардафурӯше медонад, ки дарахти гулро чун канизони фурӯшӣ оро додаст. Ташбеҳи боди сабо ба наххос ва дарахти гулро ба канизони ороста воқеан, ташбеҳи тозаву нав аст:

Дуруст гӯйӣ, наххос гашта боди сабо,

Дарахти гул ба масал чун канизаки наххос [22, 237].

Манучеҳрӣ *боди саборо* бо таъбироти гуногун, монанди «боди фарвардин», «боди наврӯзӣ» ва ғайра ба тасвир овардааст:

Абри озорӣ баромад аз карони кӯҳсор,
Боди фарвардин биҷунбид аз миёни марғзор [22, 224].

***

Боди наврӯзӣ ҳаме дар бӯстон зоҳир шавад,
То ба сеҳраш дидаи ҳар гулбуне нозир шавад [22, 220].

Шоирони дигари ин аҳд чун Асҷадии Марвазию Ғазоирӣ, Лабибӣ ва дигарон дар ташбибу тағаззулоташон аз *сабои мушкафшон* сухан гуфтаанд. Аз ҷумла, Асҷадӣ мегӯяд:

Субҳ асту сабо мушкфишон мегузарад,
Дарёб, ки аз кӯйи фалон мегузарад [37, 32].

Дар ин байти Асҷадӣ ба чанд хусусияти *боди сабо* таъкид шудааст: Аввалан, сабо субҳ мевазад, сониян, накҳати гулҳоро бо худ дорад ва аз он ҷо, ки аз кӯйи маъшуқ («фалон») гузар дорад, мушкфишон аст. Амъақи Бухороӣ наздик ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

Бӯе, ки аз баҳор насими сабо барад,
Гӯйӣ ҳаме зи турраи дилдори мо барад [37, 234].

Ҳамчунин, дар ҷойи дигар Асҷадӣ мегӯяд:

Ҳаво нишонд ба барги шукуфта – дур ёқут,
Сабо нишонд ба шохи бунафша – дар анбар [22, 429].

Дар ташбибу тағаззулҳои шоири ин даврон бо номи Ғазоирӣ низ сабо бо рангу тобишҳои тоза ба тасвир омадааст, ки бо зикри ду байт аз ӯ иктифо мекунем:

Насими ду зулфайни ӯ бигзарад,
Биёмехта бо насими сабо.
Чӣ гӯям? Чу бигзашт ӯ. Гӯямаш:
«Ало ё насимуссабо, марҳабо!» [22, 443].

Шоири дигари асри XI Қавомии Розӣ *боди саборо* ба фаришта Исрофил ташбеҳ мекунад, ки бо сури ӯ рӯзи растохез мурдаҳо зинда

мешаванд. Дар тасвири шоир *боди сабо* исрофилвор замини мурдаро дар зимистон зинда мекунад:

Бингар ин ҷо то баҳорон чун дами боди сабо,

Зинда ангезад зи хок мурда Исрофилвор [22, 456].

Бешак, бузургтарин шоири асри XI ҳамоно Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнист. Месазад, ки тасвири *сaборо* дар ашъори ин шоири ҳаким мурур намоем. Носири Хусрав ғазали ошиқона насурудааст, дар шеъри ӯ ҳикмату фалсафа бештар аст. Ба ин сабаб дар тасвири *сабо* ҳам назари ҳакимона дорад:

Чаро гуфт ин бодро, к-ин дабур,

Чаро гуфт он бодро, к-он сабост ? [49,189]

Дар қасидаи дигар ҷаҳонро дарёву тани инсонро киштӣ ва умри инсонро ба бод монанд медонад:

Дарёст ҷаҳону тани ту киштиву умрат

Бодест сабоиву ҷанубиву шимолӣ [50,198].

Дар қасидаҳои ин шоири ҳакими баландовоза дар баробари мавзуъҳои фалсафӣ, динӣ, ситоиши хирад тавсифи зебоиҳои табиат, ки *боди сабо* ороишгари он аст, низ ба назар мерасад. Масалан, қасидаи зер бо зикру тавсифи сабо шуруъ мешавад:

Сабо боз бо гул чӣ бозор дорад,

Ки ҳамвораш аз хоб бедор дорад.

Ба рӯяш ҳаме бардамад мушки соро,

Магар роҳ бар табли аттор дорад?..[50, 283].

Дар қасидаи дигар, ки низ дар ташбиби он тавсифи баҳор мекунад, барнову зинда гаштани замини мурда дар зимистонро бо фусуни *сабои масеҳодам* медонад:

Омад баҳору навбати саҳро шуд,

В-ин солхӯрда гетӣ барно шуд…

Бинову зинда гашт замин, зеро

Боди сабо фусуни Масеҳо шуд…[50, 301].

Дар ташбиби қасидаи дигар, ки тасвири ҷаҳон ҳангоми Наврӯз аст, саборо миҳоркаши корвони наврӯзӣ медонад:

Ҷаҳонро дигаргуна шуд кору бораш,
Ба ӯ меҳрубон гашт суратнигораш.
Ба дебо бипӯшид Наврӯз рӯяш,
Ба лӯълӯ бишуст абр нард аз узораш…
Нигаҳ кун бад-ин корвони ҳавоӣ,
Ки кофуру дурр аст якрӯй бораш.
Сӯйи бӯстонаш фиристода дарё,
Ба дасти сабо дода гардун миҳораш…[50, 487].

Ҷойи дигар ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

Ниқоби чиниву румӣ ба найсон,
Ҳамебандад сабо бар рӯйи ҳомун [49, 352].

Ҳаким Носири Хусрав низ чун шоирони аҳди Сомониён саборо ҷавонкунандаи дунёи пир медонад:

Барно кунад сабо ба фусун акнун,
Ин пиргашта сурати дунёро [50,347].

Инсон, ки аз барфу сардии зимистон дар дил андуҳ дорад, дар тасвири шоири ҳаким, сабои мушкин беҳтарин андуҳгусор аст:

В-агар андуҳ аз барф будат, маҷӯй
Зи мушкин сабо беҳтар андуҳгусор [49, 378].

Гарчанде баъд аз нимаи дувуми асри XI бо таъсири тасаввуф аксари калимоту таъбироти адабӣ дар ашъори шоирони ориф маънои рамзии ирфонӣ ба худ гирифтаанд, аммо маънои луғавии калимаҳо, аз ҷумла сабо ба ҳеҷ ваҷҳ аз байн нарафтааст. Дар ашъори шуарои асрҳои XI -XIII мо *боди саборо* ба ҳамон маънову мушаххасоте мебинем, ки дар ашъори шоирони аҳди Сомонӣ ба кор рафтааст. Намунаи боризи ин гуфтаҳо ғазали шоири асри XI Абулфараҷи Рунӣ мебошад, ки аз матлаъ то мақтаъ дар тавсифи боди субҳдам аст, ки исми дигари боди сабост:

Эй боди субҳдам, чи дами руҳпарварӣ,

Хушхӯ чу навбаҳориву хушбӯ чу анбарӣ.
Ҳам турраи бунафша парешон кунӣ ба субҳ,
Ҳам ғунчаро ба вақти саҳар пираҳан дарӣ.
Он пайки ройгонӣ, к-аз меҳрпарварон
Пайғоми сарбамуҳр бари дилдор барӣ.
Савганд медиҳам ба Худо бар ту, к-он забон,
К-аз ҷайби субҳдам нафаси хуш баровари [38, 53].

Дар ғазали боло мо тамоми мушаххасоти *сабои* асри Х-ро мушоҳида мекунем, амсоли дар фасли баҳор, саҳаргоҳ вазидани сабо, хушбӯю муаттар будани он, шукуфтани гулҳо бо вазидани сабо, пайки ошиқон будани сабо ва монанди инҳо. Дар ашъори Абулфараҷи Рунӣ чанд ҷо дар баробари зикри *сабо* боди мухолифи он *дабур* низ ёд мешавад:

Доъии давлати ӯ биспарад хок ҳаме,
Зи ҷанубу зи шимолу зи дабуру зи сабо [38, 339].

***

Шакли ӯ нобисуда дасти сабо,
Шабаҳи ӯ носупурда пойи дабур [38, 284].

***

В-ар бикӯшӣ кифояти ту ниҳад,
Юғ бар гардани сабову дабур [38, 342].

Бояд зикр кард, ки асрҳои XI -XII даврони равнақи қасида, алалхусус қасоиди мадҳист. Ҷолиби тавաҷҷуҳ аст, ки дар ташбибу тағаззулоти қасидаҳо, ки бештар тасвири табиат аст, аз сабову муродифҳои он хеле зиёд истифода шудааст. Гарчанде мавзуи таҳқиқи мо тасвири *сабо* дар ғазал аст, аммо назари кӯтоҳе ба қасоиди шоирон дар тасвири сабо аз аҳамият холӣ нест.

Баъзе адабиётшиносон бар он андешаанд, ки ғазал маҳз аз тағаззули қасидаҳо берун омадааст. Дар воқеъ, тағаззул аз нигоҳи мазмун ҳамон ғазал аст. Аз шоирони бузурги қасидасарои асри XII Анварии Абевардист, ки Абдулҳусайни Зарринкӯб ӯро «паёмбари ситоишгарон»

номидааст, суннати тасвири боди сабои шоирони аҳди Сомониро мушоҳида мекунем. Дар ташбибу тағаззулоти Анварӣ *сабо* бо тамоми сифоташ тасвир шудааст. Пеш аз ҳама, сабо як унсури табиӣ - ороишгари табиат аст, ки дунёро монанди марғзори уқбо мегардонад:

Сабо ба сабза биёрост дори дунёро,

Намуна гашт ҷаҳон марғзори уқборо [1,96].

Дар байти зер *сабо* ба сифати пайк – қосид ба тасвир омадааст:

Узри ман донед, к-ин ҷо пойбанди модарам,

Ҳадяи ҷонам равон доред бар дасти сабо [1,180].

*Сабо* паёмовари Наврӯз аст ва ин бесабаб нест, зеро сабо ҳангоми баҳор мевазад ва Наврӯз низ оғози баҳори дилафрӯз аст:

Аз пайи таҳнияти наврӯзӣ,

Боғро боди сабо меҳмон аст [1, 213].

Сифати дигари сабо мушкфишонист:

Ҳаво чун чашми ошиқ дурфишон аст,

Сабо чун зулфи дилбар мушкбор аст [1, 351].

***

Аз сабои мушкбору аз насими кофурӣ,

Нофаҳо косид шуданду мушкҳо расво шуданд [1, 363].

Пайванди *сабо* бо зулфи дилдор пайванди азалист, зеро маҳз тавассути сабо насими зулфи ёр ба машоми ошиқон мерасад. Ин амали сабо, ки дар ашъори шоирони асрҳои X-XI ва ҳам ашъори шоирони баъдӣ, хусусан шоирони ориф мушоҳида мешавад, дар қасоиди Анварӣ бо рангу ҷилваҳои нав таҷассум ёфтааст:

Сабоғо пой дар зулфи ту бишкаст,

Чу чини зулфи ту бар ҳам шикастанд [1, 372].

***

Сабо насими сари зулфи ӯ ҳамеорад,

Ҳамеша муниси ман з-он сабаб сабо бошад [1, 359].

***

Ё Раб, ин вақти саҳар боди сабост,

Ё насими зулфи ёр ояд ҳаме…[1, 390].

Сифати муанбарии сабоpо низ дар ашъори Анварӣ мушоҳида мекунем:

Боди сабо вазиду ҳавову димоғро

Пуранбарин сабои муанбар кунад ҳаме [1, 392].

Чунончи, қаблан мушоҳида намудем, сифати эҳёгарии *сабо* ба дами Исо монанд мешавад. Анварӣ ин сифати сабоpо ба дуои Исо ташбеҳ медиҳад:

Аз баҳри зинда кардани гулҳои навбаҳор,

Боди сабо дуои Масеҳо шавад ҳаме [1, 388].

Таркибсозӣ бо воситаи вожаи *сабо* дар ашъори Анварӣ ба чашм мерасад, масалан, «сабои Сифоҳон»:

Ярҳамакаллаҳ зад осмон дами субҳ,

Атсаи мушкин зад аз сабои Сифоҳон [1, 485].

Ҳангоми ситоиши мамдуҳ низ Анварӣ сабоpо чун воситаи баён истифода мебарад. Масалан, дар байти зер мамдӯҳро дар хулқи неку ба сабо ва дар саховатмандӣ («воҳиб») ба абр монанд кардааст:

Чун боди сабо ба хулқ неку,

Чун абри сахо ба даст воҳиб [1, 123].

Ин хусусиятҳои «*боди сабо*»*-ро* қариб дар ашъори аксари шоирони асрҳои баъдина, алалхусус шеъри шоирони қарнҳои XII -XIII мушоҳида мекунем. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки қасоиди мадҳии шоирони ин давра бештар бо зикри *сабо* шуруъ мешавад.Яъне, қисмати тағаззули қасидаҳо, ки бештар дар тасвири табиат асту ёди ёру диёр бо зикри сабои қосиду рӯҳпарвар оғоз мешавад. Масалан, қисмати бештари қасоиди шоири асри XIII Сайфуддини Исфарангӣ бо зикри *сабои муждаовар* оғоз мешавад:

Дӯш дар вақти саҳар пайки шабоҳанги сабо

Мужда овард, ки дар кавкаби иззу уло [26, 367].

Дар байти матлаи қасидаи дигар, ки «Дар мадҳи Саъдуддин-ар-Ризо ал-Балхӣ» унвон дорад, аз муродифи сабо – насими субҳ истифода кардааст:

Бирав, эй насими субҳ, аз дами ту чу ҷон мусаффо,
Ба ҷаноби Саъди дин, воситаи низоми дунё [26, 360].

Қобили зикр аст, ки дар матлаи қасоиди Сайфуддини Исфарангӣ гоҳе калимаҳое истифода шудаанд, ки хоси гӯиши забони форсии тоҷикист ва дар он даврон дар Мовароуннаҳр роиҷ буду дар манотиқи дигари қаламрави забони форсӣ маъмул набуд. Аз ҷумла, дар байти мақтаи қасидаи зер, калимаи «пагаҳхез», ки аз сифати боди сабост, мисоли равшани он аст:

Дӯш чун пайки пагаҳхези сабо
Муждаи фатҳ расонид ба мо [26, 363].

Ба ҳамин минвол матлаи қасидаҳои дигари Сайфи Исфарангӣ бо зикри сабо оғоз мешавад, ки ҳар як ба яке аз хасоиси ин боди рӯҳпарвар башорат медиҳанд:

Аз сари зулфи ту гар бӯй барад боди сабо,
Чун дами субҳ шавад ғолияпардоз ҳаво [26, 371].

***

Сохт аз лола нақшбанди сабо
Хораро боз шуққаи дебо [26, 377].

***

Эй шикани зулфи ту ғолиядони сабо,
Куштаи ишқи туро ҳар ду ҷаҳон хунбаҳо [26, 389].

Тасвири *сабо* дар ашъори Сайфи Исфарангӣ танҳо дар матлаи қасидаҳо маҳдуд намегардад. Шоири зодаи табиати биҳиштосои Исфара ҳар ҷое, ки сухан аз табиату зебоии ватанаш мегӯяд, ба ёди боди сабои наққошу нақшбанди табиат меафтад:

Дурфишон мекунад гули садбарг,
К-аш сабо дӯш дар канор омад [26, 705].

***

Суратангезии наққоши сабост,

Он чи бар лавҳи тарози чаман аст [26, 645].

Дар ашъори Сайфи Фарғонӣ низ тасвири *сабо* нақши муҳим дошта, баъзе қасоиди ӯ бо зикри сабо шуруъ мешавад:

Эй сабо, гар сӯйи Табрез афтадат рӯзе гузар,

Сӯйи даргоҳи шаҳи одил расон аз мо хабар [65, 134].

Сифати қосидии сабо чи дар қасоид ва чи дар ғазалу рубоии шоирони ин даврон ба назар мерасад. Сайфи Фарғонӣ ин хусусияти саборо борҳо таъкид кардааст:

Номи ӯ пайки сабо шояд, ки ҳаст,

Гоми ӯ аз кишваре то кишваре [67, 45].

Аммо *сабо*, пеш аз ҳама, унсури табиии баҳор асту маҳз тавассути он замин таровати тоза касб мекунад:

Даҳони безабони гул зи сабо,

Бе лаб андар табассум омад боз [67, 143].

***

Ало, эй сабо боғбонро хабар кун,

Ситам мекунад сахт бар булбулон гул [67, 163].

Бо ин ҳама *сабо* дар ашъори шоирони орифу шуарои мутаассири шеъри сӯфияи асрҳои XI -XII, ки замони ривоҷи адабиёти тасаввуфист, ба маънои рамзии ирфонӣ ба кор рафтааст.

Пеш аз он ки тасвири *боди саборо* дар ашъори шоирони ориф ва мутаассири шеъри сӯфия баррасӣ намоем, бояд равшан намоем, ки муаллифони фарҳангҳои ирфонӣ ва шореҳони ашъори шоирони ориф «сабои орифон»-ро чӣ тавр маънӣ кардаанд. Мо дар фасли пешин бо истифода аз фарҳангу луғоти ирфонӣ ва рисолаҳои тадқиқотӣ перомуни маънои ирфонии *боди сабо* сухан кардаем. Ин ҷо ба таври мухтасар бо шоҳиди шеърӣ маънои рамзии ирфонии сабои орифонро равшан мекунем.

Сайидҷаъфари Саҷҷодӣ-муаллифи «Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ» дар мавриди маънои рамзии ирфонии *сабо* менависад: «Сабо- нафаҳоти раҳмонӣ, ки аз ҷиҳати машриқи руҳоният ояд. Низ он чиро, ки боис ба хайр бошад, сабо гӯянд:

Мерасад боди сабо рақскунон меояд,

Хуш насимест, ки аз Машриқи ҷон меояд» [195, 520].

Муаллифи фарҳанги ирфонӣ барои далели фикраш аз ашъори шоирони ориф, монанди Шайх Аттор, Фахриддини Ироқӣ ва Хоҷа Ҳофиз шоҳиди шеърӣ меоварад ва баъд аз он таърифи саборо дар рисолаҳои тасаввуфӣ ҷустуҷӯ мекунад: «Ибни Ато гӯяд: «Сабо, савлат ва руъб (тарс)-и рӯҳ аст ва истилои он, ба наҳве, ки аз шахс чизе, ки мувофиқи шаръ ва ақл аст, содир шавад. Ироқӣ гӯяд:

Эй сабо, субҳдаме бар сари кӯяш бигузар,

То муаттар шавад офоқ зи ту ҳар саҳаре.

Кошонӣ гӯяд: Сабо – нафаҳоти раҳмонӣ аст, ки аз машриқи рӯҳоният ояд ва давое боис бар хайр аст» [195, 520]. Муаллифи рисолаи «Кашшоф истилоҳот-ул-фунун» оварда, ки «сабо боде, ки аз тарафи Машриқ ояд дар фасли баҳор, ба вақти субҳ мевазад, боди латифу хунук аст, насими хуш дорад ва гулҳо аз он бишкуфанд ва ошиқон роз бо ӯ гӯянд ва дар «Истилоҳ»-и Адурраззоқи Кошӣ сабо нафаҳоти раҳмония аст, ки аз ҷиҳати машриқи рӯҳоният меояд» [172, 118].

Шореҳи асримиёнагии девони Ҳофиз Мавлоно Абдурраҳмони Хатмии Лоҳурӣ ҳангоми шарҳи байти дувуми нахустғазали девони Ҳофиз вожаи «*сабо»-ро* чунин шарҳ додаст: «Сабо - дар истилоҳ таҷаллии раҳимро гӯянд, ки файзони камолоти маънавӣ бар муъминон ва сиддиқон ва арбоби қулуб мефармояд. Мисли маърифат ва тавҳид. Ҳазрати Хоҷа ишорат аз ин таҷаллӣ ба сабо ба муносибати он фармудаанд, ки рӯҳу роҳати куллӣ дорад, чи сабо бодест саҳаргоҳ аз зери арш хезад ва роҳати тамому бӯйи хуш дорад ва гулҳо бишкуфонад» [31, 6].

Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ дар «Ҳофизнома» ҳангоми шарҳи мафҳуми *боди сабо* дар шеъри Ҳофиз шарҳи ин калимаро дар рисолаҳои тасаввуфӣ

ҷустуҷӯ намудааст. Аз ҷумла, бино ба таҳқиқи ин донишманд Суҳравардӣ дар рисолаи «Сафири Симурғ» боди сaборо «нафаси Симурғ» медонад, ки маҳрами асрори ошиқон аст: «Ва насими сабо аз нафаси ӯст аз баҳри он ошиқон рози дилу асрори замоир бо ӯ гӯянд» [172, 7]. Абурайҳони Берунӣ дар «Ат-тафҳим» менависад: «Омадани сабо аз сӯйи Машриқ аст. Ва сaборо низ қабул хонанд, ки бар рӯйи Каъба ҳамеояд. Ва омадани боди дабур аз сӯйи Мағриб аст ва аз пушти Каъба ҳамеояд. [172, 119]. Аз муҳаққиқони муосир Тақии Пурномдорён дар мавриди маънои рамзии *боди сабо* менависад: «Боди сабо бодест, ки аз ҷониби Машриқ меояд ва маъмулан хунуку латиф асту сабаби сарсабзию хуррамӣ мешавад. Тасвире аз боди сaборо ҳадақал дар қадимтарин доиратулмаорифи форсӣ «Нузҳатномаи Алоӣ» дар даст дорем. Ба вазиши он дар субҳ ҳам ишора кардаанд. Дар адаби форсӣ низ сабо ҳамеша боди хушу фараҳбахш тасвир шудааст ва бо маъшуқ, ки аз назари ошиқ мазҳари лутфу зебоист, иртиботи наздик дорад ва ба ҳамин сабаб пайки миёни ошиқу маъшуқ аст. Ва ба қавли Аттор ҳамчун анфоси Исо аст, ки сабаби зиндагӣ ва ҳаёт мегардад, чаро ки бӯйи зулфи маъшуқро дар остин дорад» [144, 374].

Саиди Ҳамидиён дар «Шарҳи шавқ» менависад: «Ба гумони ин нигоранда сабо ва тасаввуроту тасвирҳои шоиронаи ҳавли он ба эҳтимоли бисёр бо Каъба, яъне, маркази орзуҳо ва бовармандиҳо омехтагӣ дошта ва ин маҷмуа бо маонию тадоиҳои гуногуне, ки ба гирди онҳо шакл гирифта, маҷмуаеро аз намодҳову таъбирҳои мухталифи дилангез ва марбут ба ҳамдигар падид оварда, ки бархеро дар мубоҳиси намодгароӣ зикр кардам [175,706]. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки С. Ҳамидиён муносибати боди сaборо бо мамлакати Сабо ва маликаи он Билқис, пайғамбар Сулаймон ва алалхусус бо Каъбаву шеъри араб шарҳу тавзеҳ дода, маънии рамзию ирфонии ин мафҳумро равшан месозад: «Ба ҳар ҳол, ҷиҳати вазиши боди сабо низ Каъба, ин омил ҷиҳатдиҳанда ба шавқи орифу омӣ аст ва сабо худ паёмрасон ё муждаоваре дар ҳамон самту сӯ. Аз ҳамин рӯст, ки сабо, Каъба ва қабул

ба унвони се мафҳуми рӯҳонӣ ва шавқангез дар азҳон (зеҳнҳо) ба ҳам мепайвандад. Ва албатта, тамоми тадоиҳои марбут ба мулки Сабо низ, ки боз дар ҳамон ҷиҳат аст, ҳамроҳ бо паёмҳои ошно миёни Сулаймон ва маликаи он ва муждаҳои ҷонбахши висолу вусул, чунин маҷмуаи латиферо падид меоварад, ки ғазали порсиро то бад-ин ҳад аз худ саршор кардааст. Сабо дар шеъри тозӣ низ ёдоварии дӯст ва паёмовари ду сӯст ва нерудиҳанда ба дил. Бад-ин сон шоирони мо ба далели унс бо шеъри араб аз он таъсироти бисёр баргирифтаанд [175, 707].

Аксари муҳаққиқон оғози шеъри сӯфиёнаро аз Ҳаким Саноӣ, аз нимаи дувуми асри XI медонанд. Воқеан, пайдоиши маъно ва мафҳуми ирфонии *сабо* бо тасаввуф, алалхусус бо зуҳури шеъри сӯфиёна сахт марбут аст. Ш.Р. Исрофилниё бо такя ба рисолаҳои тасаввуфӣ, монанди «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ ва навиштаҳои муҳаққиқони суфишинос чун Насруллоҳ Пурҷаводӣ менависад: «Аз таҳқиқоти муҳаққиқони суфишинос бармеояд, ки сарчашмаи асосии шеъри суфиёна ашъори шоирони мутақаддимин, яъне шоирони ғайрисӯфӣ аст.Шоирони суфимашраб вақте ба шеър рӯ оварданд, афкори худро монанди шоирони ғайрисуфӣ дар қолаби дубайтию рубоӣ, ғазалу қитъа ва маснавию қасида баён намуданд ва бархе мазомини шеъриро низ аз ашъори шоирони пешин гирифтанд… Дар нисбати алфоз низ ҳамчунин, шоирони суфӣ ва ориф калимаҳоеро ба кор мебурданд, ки шоирони ғайрисӯфӣ ба кор бурдаанд ва мебурданд. Аммо маъоние, ки суфиён аз онҳо мефаҳмиданд, аз маънои роиҷ фарқ дошт. Яъне, ба қавли Насруллоҳ Пурҷаводӣ, «ҳарчанд шоирони сӯфӣ дар ашъори ошиқонаи худ аз лиҳози алфоз пайрави шуарои дигар буданд, аз лиҳози маънӣ комилан мубдеъ буданд» [213,18].

Бидуни тардид, вожаи «сабо»-ро низ шоирони суфимашраб аз ашъори шоирони пеш аз худ, яъне шоирони ғайрисуфӣ, монанди устод Рӯдакӣ гирифтаанд, зеро ҳамон сифату «ҳунар»-ҳое, ки дар сабои шоирони ғайрисуфӣ мебинем, дар ашъори шоирони ориф низ ба назар мерасад, монанди дар фасли баҳор, саҳаргоҳон аз сӯйи Машриқ

вазидани боди сабо, маҳз бо вазидани боди сабо шукуфтани гулҳо, қосиди ошиқон будани сабо ва амсоли инҳо. Аммо дар тасвири шоирони ориф *сабо* он боди муқаррарӣ нест, балки «нафаҳоти раҳмонист, ки аз машриқи рӯҳоният меояд». Муҳимтарин хусусияти боди сабои орифон, ки аз сабои шоирони ғайрисуфӣ фарқ дорад, ҳамоно «маҳрами ҳарими ёр» будани боди сабост.

Гарчанде оғози шеъри тасаввуфӣ аз Ҳаким Саноӣ оғоз мешавад ва ин шоири бузург бунёдгузори адабиёти тасаввуфист, аммо пеш аз ӯ суфиёне, монанди Абусаиди Абулхайру Бобо Тоҳири Урён, ки аз соликону пирони роҳи тариқати суфиёнаанд, гоҳ-гоҳе рубоию дубайтӣ сурудаанд. Калимаҳои боду насим, боди бомдодиву боди сабо ва амсоли он дар ашъори онҳо ва ё мансуб ба эшон комилан маънои рамзии ирфонӣ доранд. Аз ҷумла, дар дубайтии зери Бобо Тоҳири Урён вожаи «насим» боди муқаррарӣ нест, балки насимест, ки «аз буни кокул»-и маъшуқи ҳақиқӣ ва ё худ маҳбуби азалию абадӣ мевазад:

Насиме, к-аз буни он кокул ояд,
Маро беҳтар зи бӯйи сунбул ояд.
Чу шав гирам хаёлатро дар оғӯш,
Саҳар аз бистарам бӯйи гул ояд [7, 334].

Сайидҷаъфари Саҷҷодӣ дар мавриди маънии ирфонии «насим» менависад: «Таҷаллии ҷамоли Илоҳӣ ва раҳмати мутавотир ва нафси раҳмониро гӯянд» [195, 761].

Дар рубоии зери Шайх Абусаиди Абулхайр, ки аз суфиёни хонақоҳнишин асту дар шоирӣ низ шуҳрат дорад, *боди сабо* дар баробари маънои луғавӣ маънии рамзии ирфонӣ дорад:

Овард сабо гуле зи гулзори умед,
Ё Рӯҳулқуддус шаҳпар афканд сафед.
Ё кард сабо шақ вароқе аз хуршед,
Ё номаи ёр аст, ки овард навид [7, 274].

Аммо *сабо* дар рубоии дигари Шайх Абусаиди Абулхайр комилан ба маънои ирфонист:

Аз боди сабо дилам чу бӯйи ту гирифт,
Бигзошт марову ҷустуҷӯи ту гирифт.
Акнун зи манаш ҳеҷ намеояд ёд,
Бӯйи ту гирифта буд, хӯйи ту гирифт [7, 258].

Пеш аз он ки тасвири *саборо* дар ашъори орифони бузурги мутасаввиф, монанди Ҳаким Саноию Шайх Аттор ва Мавлавию Ироқӣ баррасӣ кунем, бояд «сабо»-и шоиронеро аз назар гузаронем, ки мутаассири шеъри суфиёнаанд, аммо шоири суфӣ ва ё орифи комил нестанд. Сабо дар тасвири ин шоирон то андозае ҳам аз сабои шоирони ғайрисӯфӣ ва ҳам сӯфимашраб фарқ дорад. Дар ашъори Ҳаким Низомии Ганҷавӣ, ки бино ба гуфти муҳаққиқон, мутаассири шеъри сӯфиёна аст, аммо пурра зери таъсири он нест [60, 167] , тасвири сабо ба маънии рамзӣ ба кор рафтааст, вале аз ашъори шоирони суфимашраб то андозае фарқ дорад. Масалан, дар «Махзан-ул-асрор» дар фасли «Тавҳид» мегӯяд:

Занги ҳаворо ба кавокиб сутурд,
Ҷони саборо ба раёҳин супурд [16, 14].

Шоир мегӯяд: «Худованд сиёҳӣ ва торикии осмонро ба василаи ахтарони осмон ва хуршеду моҳ пок кард ва шамими атри ҷонбахши боди саборо ба гулҳову гиёҳон супурд» [94,14]. Дар маснавии зикршуда дар фасли «Дар сиёсат ва қаҳри Яздон» мегӯяд:

Ғамзаи насрин на зи боди сабост,
К-аз асари хоки туяш тӯтиёст [16, 20].

Шоир ин ҷо аз як сифати боди сабо, ки бо вазидани он гулҳо мешукуфанд ёд намуда, баръакси шоирони пешин мегӯяд, ки «Шукуфтани гули зебои насрин ва шифобахшии он чашми беморро на аз боди сабо, балки аз карами Ту (Худованд) ва хоки Ту аст, ки тӯтиёи чашм шудааст» [94, 20]. Бояд зикр кард, ки Низомӣ қоил ба сифати шукуфонандагии боди сабост, вале бар он андеша аст, ки ин сифатро ба сабо Худованд ато кардааст.

Ҳангоми сурудани наъти пайғамбар низ Низомӣ барои баёни андешааш аз боди сабо суд ҷустааст:

Дар садафи субҳ ба дасти сафо,
Ғолияи бӯйи ту сояд сабо.
Лочарам он ҷо, ки сабо тохта,
Лашкари анбар алам андохта [16, 25].

Шоир аз меъроҷи Пайғамбар ёд мекунад ва мегӯяд: «Чун пайғамбар қадам дар осмон ниҳод ва ба осмон иззату каромат бахшид, бо сабо бо дасти сафобахши худ бӯи ғолияро дар садафи субҳ месояд. Ин ҳама роиҳаи сапедадамон ҳамоно аз бӯйи хуши анбаросои Пайғамбар аст» [94, 25]. Аз маънии байт бармеояд, ки *боди сабо* дар арш низ роҳ дорад ва шоир сабаби атрогин будани сaборо аз он медонад, ки дар меъроҷ ҳамроҳи Пайғамбар буд.

*Сабо* ба маънии луғавӣ, яъне ба сифати як унсури табиат, ки ороишгари замин дар фасл баҳор аст, дар осори Низомӣ ба мушоҳида мерасад:

Сурмакаши дидаи наргис сабост,
Рангрази ҷомаи мис кимиёст [17, 79].

***

Шақоиқ сангро бутхона карда,
Сабо ҷаъди чаманро шона карда [17, 180].

***

Сабо чун дарояд ба дебогарӣ,
Замин румӣ орад, ҳаво шуштарӣ [17, 279].

Яке аз муосирони Низомии Ганҷавӣ Афзалуддин Бадил ибни Алӣ Хоқонии Шарвонӣ мебошад, ки гарчанде дар тамоми анвои адабӣ шеър гуфтааст, муҳаққиқон авҷи ҳунари ӯро дар қасидасароӣ медонанд. Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ қисмати аъзами шеъри Хоқониро «назми ҳунармандона» номидааст. Бино ба таъкиди донишмандон, Хоқонӣ «лафзгарою мазмунпардоз асту сабки буғранҷу дерёбе дорад» [172, 46]. Воқеан, Хоқонӣ шоири бузург асту тасвири *боди сабо* дар ашъори вай

ҳунармандона воқеъ шудааст ва шоирони баъдӣ, алалхусус суханварони ғазалсарои асри XIV ба девони ӯ назар доштаанд.

Дар ашъори Хоқонӣ тамоми нақшу вазифаҳои *боди сабо*, ки дар назми шоирони асрҳои X-XII мушоҳида кардем, ба тасвир омадааст , аммо ба тарзу сабки ба худ хос мебошад. Масалан, дар байти зер шоир табъу қареҳаи шоири (хотир)-и худро, ки ҳомили андешаҳои тозаву бикр аст, ба Марям ташбеҳ додааст ва бар он аст, ки ин илҳом худодод асту бо воситаи сабо ба ӯ расидааст. Монанди он ки Худованд Руҳулқудусро сӯйи Марям фиристод, то дар остини вай дамид ва ба Исо бордор шуд:

Хотирам Марямест ҳомили бикр,
Ки дамеш аз сабо фиристодӣ [55, 389].

Ин гуна тасвироти тозаву бикр бо корбурди *боди сабо* дар ашъори ин шоири бузург фаровон ба назар мерасад:

Бардаранд аз сабо машимаи субҳ,
Тифли хунин ба ховар андозанд [55, 231].

*Боди сабо* ба сифати пайки номарасон дар ашъори Хоқонӣ бо шеваи тоза ба тасвир омадааст:

Чунон ки дӯшам бе заҳмати кабӯтару пайк,
Расид номаи Садруззамон ба дасти сабо [55, 47].

Хоқонии Шарвонӣ бо корбурди *боди сабо* ва ривояти Сулаймону ҳудҳуд ва шаҳри Сабо, ҳатто дар ашъори мадҳияш тасвироти шоиронаи олие офаридааст:

Дурустгӯйи Садруззамон Сулаймон бувад,
Сабо чу ҳудҳуду меҳнатсарои ман чу Сабо [55, 47].

Ҷойи дигар наздик ба маънии боло мегӯяд:

Чунон ки дӯшам бе заҳмати кабӯтару пайк,
Расид номаи Садруззамон ба дасти сабо [55, 48].

Ташбеҳи ҳудҳуд ба барид (пайк-қосид)-и сабо хеле олӣ сурат гирифтааст:

Чу ҳудҳуде, ки саҳар хост бар Сулаймонвор,

Мубашшири дами субҳ омаду бариди сабо [55, 49].

Корбурди *боди сабо* бо ривоятҳои қуръонии пайғамбарон чун Сулаймону Юсуф, ки дар боби дувум батафсил баён кардем, дар ашъори Хоқонӣ мушоҳида мешавад. Бешубҳа, суханварони асри XIV ба ашъори Хоқонӣ назар доштаанд ва баъзе ташбеҳоту истиорот ва таркиботро аз ин шоири бузург гирифтаанд:

Забон саногари даргаҳи Мустафо хуштар,
Ки богири Сулаймон накутар аст сабо [55, 51].

***

Агар зери зулфбанди ӯ боди сабо ҷо ёфтӣ,
Сад Юсуфи гумгаштаро дар ҳар хаме во ёфтӣ [55, 435].

Тасвири *боди сабо* ба маънии рамзии ирфонӣ дар ғазалҳои Хоқонӣ мушоҳида мешавад:

З-он зулфи мушкранг насиме ба мо фирист,
Як мӯйи сар ба муҳр ба дасти сабо фирист [55,158].

***

Гар асари рӯйи ту сӯйи гулистон расад,
Боди сабо рад кунад туҳфаи наврӯзро [55,112].

Аммо дар ашъори Хоқонӣ *боди сабо*, пеш аз ҳама, ба маънии луғавии худ – ҳамон насими хуши баҳорист, ки саҳар нарму мулоим мевазаду бо вазидани он гулҳо мешукуфанд:

Дод нақиби сабо арзи сипоҳи баҳор,
К-аз ду гурӯҳе бидид ёвагиёни хазон [55,386].

***

Пеши сабо нисор кунам ҷон шукуфавор,
Ку ақди анбарин, ки шукуфа кунад нисор [55,237].

Дар ашъори поягузори адабиёти тасаввуфӣ Ҳаким Саноии Ғазнавӣ *сабо* бештар ба маънии рамзии ирфонӣ ба кор рафтааст. Нуктаи ҷолиб он аст, ки сабо барои Саноӣ воситаи баёни андеша аст. Дар тасвири ин

шоири ориф, ҳатто боде, ки дар фармони пайғамбар Сулаймон буд, ҳамон *боди сабост*:

Он Сулаймон, ки дар ҷаҳони қадар,
Буд султони вақту пайғамбар,
Барнишаста буд ӯ ба боди сабо,
Сӯйи Машриқ шуд ӯ зи Ҷобулсо… [21, 193].

Саноиро метавон нахустин шоире донист, ки саборо ба маънии рамзии ирфонӣ ба кор бурдааст. Дар тасвири Саноӣ *сабо* қосид миёни ошиқ ва маъшуқи азалист, ки паём аз олами ғайб меоварад:

Дар ҳасрати насими сабоем, эй сабо,
К-орад сабо насиму наёрад насими мо [21, 274].

Чунон ки мушоҳида менамоем, дар байти болоии шоири ориф «*сабо*» ҳам ба маънии ирфонӣ ва ҳам ба маънии луғавӣ ба кор рафтааст. Мурод аз «насими сабо» дар мисраи аввал ҳамон «нафаҳоти раҳмонӣ»-ст, ки аз кӯйи маъшуқи азалӣ мевазад ва шоири ориф дар ҳасрати он аст. Дар мисраи дувум насими овардаи сабо боди муқаррарист, аммо он насиме, ки ориф дар ҳасрати он аст («насими мо»), сабо наовардааст. Аммо ин на ба он маънист, ки тасвири сабои табиӣ дар ашъори шоир вуҷуд надошта бошад. Дар байти зери Саноӣ сабо ҳамон сабои муқаррарист:

Чок зад, ҷони падар, дасти сабо домани гул,
Хез, то ҳарду хиромем ба промани гул [21, 409].

Ҳамон сифати паёмоварии *сабо* дар ғазали Саноӣ ба назар мерасад, аммо паём аз маъшуқи азалию абадӣ:

Ман бандаи сабо шудам аз ҷону дил ҳаме,
К-оварад ба назди ман аз назди ту паём [21, 415].

Дар қасидае, ки шоири ориф дар радифи «оташу об» сурудааст бо баёни андешаҳои фалсафию ирфонӣ саборо падару заминро модар донистааст:

Ба таъб шодӣ зояд зи зодае, ки ӯро
Падар сабову замин буд модар оташу об [21, 276].

Чунон ки мушоҳида намудем, «боди сабо» муродифҳои зиёде дорад, монанди боди субҳ, боди субҳгоҳӣ, боди саҳар, боди наврӯзӣ ва амсоли инҳо. Гарчанде бод ақсоми зиёде дорад ва дар ҳар мавриде ба кор меравад, *боди сабо* гоҳе танҳо бо зикри бод ҳам ба кор рафтааст. Дар шеъри шоирони суфимашраб, ки ин вожаҳоро аз шеъри шоирони пеш аз худ гирифтаанд, бод низ маънии махсуси ирфонӣ дорад. Муаллифи «Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ» менависад: «Бод дар адабиёти ирфонӣ ба маънии файз, имдодоти ғайбӣ ва ба маънии ғуруру худхоҳӣ ҳам омадааст. Дар суханони Шиҳобуддини Суҳравардӣ «боди хушбӯй» ба маънии башорату сурур ва хушӣ омадааст:«Муддате дар он тафаккур бимонд, ки ин боди хушбӯй чист ва ин асвоти хуш аз кучост? Маълумаш намегашт ва дар ин авқот беихтиёри ӯ фараҳе дар ӯ меомад. Ва ин ҷаҳолати ӯ аз он буд, ки худро фаромӯш карда буд… Ҳар вақт ки аз боғ боде ё бонге бармеомадӣ, ӯ дар орзу омадӣ, бе он ки мӯҷиби шинохте ё сабабаш маълум будӣ…[192, 178].

Дар осори шоири бузурги сӯфимашраби асри XII Шайх Аттори Нишопурӣ *боди сабо* бештар ба маънии ирфонӣ корбаст шудааст:

Чун боди сабо сӯйи чаман тохтан овард,
Гӯйӣ ба ғанимат ҳама мушки Хутан овард.
З-он тохтанаш Юсуфи гул гар нашуд афгор,
Пас аз чӣ сабаб ғарқа ба хун пираҳан овард [5, 278].

Аммо, гоҳе дар достонҳои ирфонияш, монанди маснавии «Мантиқ-ут-тайр» вақте саҳнаеро тасвирорӣ мекунад, саборо ба сифати воситаи тасвир ба кор мебарад, ки дар айни баёни мавзуи ирфонӣ *боди сабо* маънии луғавии худро ҳифз кардааст. Масалан, ҳангоми тасвири ҳусни духтари тарсо, ки Шайх Санъон мубталои ӯ мегардад, мегӯяд:

Чун сабо аз зулфи ӯ мушкин шудӣ,
Рум аз ӯ озарми Ҳинду Чин шудӣ [3, 79].

Ҳамчунин, ҳангоми баёни андешаҳои андарзӣ шоири ориф аз боду насими субҳгоҳӣ, ки ҳамон боди сабост, суд ҷустааст, ки он ба маънии луғавияш ба кор рафтааст:

Чу пайдо шуд насими субҳгоҳӣ,

Дар он соат биёбӣ, ҳар чи хоҳӣ [3, 430].

Дар ашъори бузургтарин шоири орифи адабиёти форсу тоҷик Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ низ ҳамин ҳолатро мушоҳида мекунем. Масалан, дар байти зер аз ғазали Мавлоно *сабо* ҳамон «нафаҳоти раҳмонист, ки аз ҷиҳати машриқи рӯҳоният меояд»:

Чу ҳеҷ боди сабое ба гардашон нарасад,

Ба ҷонашон хабар аз ваъдаи сабо медиҳад [9, 331].

Аммо дар «Маснавии маънавӣ» боди сабо бо он ки воситаи маърифати андешаи ирфонист, ҳангоми тасвирорӣ чун воситаи тасвир гоҳе маънии луғавӣ ба кор рафтааст:

Ё ки пояш бар ҳариру ҳуллаҳост,

Ё самум ӯро беҳ аз боди сабост [34, 468].

Ин ҷо сухан аз зоҳиде меравад, ки ҳоҷиён ӯро дар биёбони тафсон дар ҳоли намоз вохӯрданд, ки ҳеҷ осебе ба ӯ нарасидааст. Реги тафсон, ки аз ҳарораташ оби дег меҷӯшад, зери пойи зоҳид монанди абрешиму ҳулла роҳатбахиш аст ва гӯё боди гарми муҳлики самум барои ӯ чун боди роҳатбахши сабо нарму рӯҳафзост.

Дар байти дигар низ аз «Қиссаи аҳли Сабо» *сабо* ба маънии луғавӣ ба кор рафтааст:

Чун зи ҳад бурданд асҳоби Сабо,

Ки ба пеши мо вабо беҳ аз сабо [34, 1126].

Ҳамин маънии дар идомаи достон бо корбурди вожаҳои *«вабо»*-ю *«сабо»,* ки мухолифи ҳаманд, баён шудааст:

Ёдам омад қиссаи аҳли Сабо,

К-аз дами аҳмақ сабошон шуд вабо [34,1133].

Боде, ки дар фармони Ҳазрати Сулаймон буду ӯро аз ҷое ба ҷое мебурд, ҳамон боди сабост:

Гуфт: Қавли туст бурҳони дуруст,

Хасми ман бод асту он дар ҳукми туст.

Бонг зад он шаҳ, ки эй боди сабо,

Паша афғон кард аз зулмат биё…[34, 1233].

Ин маъниро Саъдии Шерозӣ низ таъкид мекунад:

Сулаймон аст гӯӣ дар аморӣ,

Ки бар боди сабо тахташ равон аст [57, 65].

*Боди сабо* ба маънии пайк байни ошиқу маъшуқ дар «Маснавии маънавӣ» фаровон ба кор рафтааст:

В-ар саборо пайк кардаӣ дар вафо,

Аз ғуборе тира гаштӣ он сабо [34, 1238].

Шоири ориф вақте аз қудрати маъшуқи азалӣ сухан мегӯяд*, боди сабо* ва муқобили он боди *самуму* боди *дабур* чун воситаи баёни андеша хидмат мекунанд:

Мекунад як бодро заҳри самум,

Мекунад боди саборо хуррамқудум.

Ин шамолу ин сабову ин дабур,

Кай бувад аз лутфи инъомат дур [34, 1251].

Мавлоно ҳангоми баёни масъалаи аҳли Сабо аз рӯзгори пайғамбари ислом – ҳазрати Муҳаммад (с) қиссаҳо баён мекунад. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Пайғамбар бӯйи Увайси Қараниро аз *боди сабо* шамидаанд:

Гуфт: «Бӯйи булаҷаб омад ба ман,

Ҳамчунон ки мар набиро аз Яман.

Ки Муҳаммад гуфт: Бар дасти сабо,

Аз Яман меоядам бӯйи Худо»…[34,344].

Дар ғазалиёти шоири орифи ҳамасри Мавлоно Шайх Фахруддин Ироқӣ *сабо* ҳамон «нафаҳоти раҳмонист, ки аз ҷиҳати машриқи руҳоният» меояд:

Эй сабо, субҳдаме бар сари кӯяш бигузар,

То муаттар шавад офоқ зи ту ҳар саҳаре [25,341].

Пеш аз баррасии тасвири *сабо* дар ғазали асри XIV мо бояд тасвири ин боди хушнасими баҳориро дар ашъори ду шоири тавонои асри XIII Саъдии Шерозӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ баррасӣ намоем. Гарчанде аз шоири ориф будани ин ду суханвари бузург ҷойи ҳеҷ шакке нест, аммо шуҳрати шоирии онҳо беш аз шуҳрати орифиашон аст. Аз сӯйи дигар, Саъдии Шерозӣ ба сифати «бузургтарин шоири ғазалсаро» ва «устоди ғазал» шинохта шудааст. Амир Хусравро, ки сабки сухани Саъдиро идома додааст, «Саъдии Ҳиндустон» номидаанд.

Чи тавре ки зикр намудем, Саъдӣ устоди ғазал аст ва ба ин нукта ҳам шоирону ҳам муҳаққиқон қоиланд ва тасвири «боди сабо» низ бо ҳама латофату ҷаззобияташ дар ашъори ин шоири беназир ҷилвагар аст. Дар ғазали Саъдӣ *сабо*, пеш аз ҳама, *паёмовар* аз кӯйи ёр аст ва аз ин рӯ назди ошиқон азизу мукаррам аст:

Эй нафаси хуррами боди сабо,
Аз бари ёр омадаӣ, марҳабо ! [57,10]

***

Сабои равзаи Ризвон, надонамат, ки чӣ бодӣ,
Насими ваъдаи ҷонон, надонамат, ки чӣ бӯйӣ [57,211].

*Сабо* бӯе аз зулфи мушкбори ёр ба ошиқ меоварад, аммо чун бисёр таъхир мекунад, дили умедворон хун мешавад. Шоир аз сабо дархост дорад, ки агар бӯе меоварад, сӯйи Шероз гузар кунад, зеро ёри шоир дар ин шаҳр аст:

Охир, эй боди сабо, бӯе агар меорӣ,
Сӯйи Шероз гузар кун, ки маро ёр он ҷост [57,42].

Ҳарчанд зикри Шероз, ки «ёри шоир он ҷост», хонандаро ба шак меорад, ки муроди шоир ёри заминист, аммо аз муҳтавои ғазал бармеояд, ки ғазал комилан ирфонист. Шоири ориф саборо «*маҳрами асрор»* медонад ва бо ӯ ғами дил мегӯяд, то рози ӯро ба дилдор бирасонад:

Дарди дил пеши кӣ гӯям, ғами дил бо кӣ хурам?

Равам он ҷо, ки маро маҳрами асрор он ҷост [57,42].

Дар ғазали дигар ин маънӣ равшантар баён шудааст:

Дарди дил пеши кӣ гӯям, ки ба ҷуз боди сабо

Кас надонам, ки дар он кӯй маҷоле дорад [57,123].

Дар байти мақтаи ғазали мавриди назар, ки андешаи шоир ҷамъбаст шудааст, солики тариқати ишқ азми олами малакут дорад. Мурод аз «манзили вайрон» ин дунёст, ки ошиқ наметавонад ба дилдор бирасад ва ғараз аз «манзилгаҳи аҳрор» ҳамон «манзили ҷонон» ё худ олами улвист, ки рӯҳи инсон он ҷо ҳалқ шудааст:

Саъдӣ, ин манзили вайрон чӣ кунӣ? Ҷойи ту нест,

Рахт барбанд, ки манзилгаҳи аҳрор он ҷост [57,42].

Бино ба қавли Саъдӣ, танҳо *боди сабо* дар ҳарими ҳарами дӯст роҳ дораду бас, аз ин рӯ ошиқ маҳз тавассути сабо ба дӯст пайғом мефиристад:

Бори дигар гар ба сари кӯйи дӯст

Бигзарӣ, эй пайки насими сабо,

Гӯ: Рамақе беш намонд аз заъиф,

Чанд кунад сурати беҷон бақо? [57, 10]

Дар ғазали дигар мегӯяд:

Куҷо маҷоли сухан бошадам ба ҳазрати дӯст,

Магар насими сабо, к-ин паём бигзорад [ 57,118].

Аммо гоҳе аз сабо ҳам ноумед мешавад, зеро сабо низ пайбанд ба аҳду вафо нест. Мурод аз «бод дар чанг будан» киноя аз бебаҳраву бенасиб будан, ноумед шудан аст:

Ба ёдгори касе домани насими сабо

Гирифтаему дареғо, ки бод дар чанг аст [57,58].

Дар ғазалҳои Саъдӣ ибораҳои шоирона фаровон ба назар мерасанд, ки дар заминаи анвои гуногуни ташбеҳ офарида шудаанд. Алалхусус,

шоири бузург бо корбурди вожаи *сабо* ибораҳои шоиронаву таркиботи нодир офарида, ки ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам аз нигоҳи зебошинохтӣ ба ғазали ӯ таровати тоза бахшидааст. Аз ҷумла, ибораи «Зулайхои сабо» дар байти зер хеле табиӣ ва дар айни замон пурмаъност:

Пора гардонад **Зулайхои сабо**

Субҳдам бар Юсуфи гул пираҳан [57,301].

Ташбеҳи *сабо* ба Зулайхо ва *гул* ба Юсуф бо назардошти амали сабову Зулайхо ва зебоии гулу Юсуф хеле табиӣ, шинаму зебо ва дар айни замон пурмаъност. Муроди шоир аз ин байт тасвири вазидани боди сабҳгоҳӣ, ё худ сабо дар миёни ғунчаҳои гул ва аз ин вазиши сабо кушода шудани ғунчаҳои гул аст. Шоири тасвироро ба достони «Юсуфу Зулайхо» талмеҳ мезанаду саборо ба Зулайхо монанд мекунад, ки сабаби ин ташбеҳ пераҳани Юсуфи гулбаданро пора кардани Зулайхост ва гулро ба Юсуф ташбеҳ карда, ки ваҷҳи ташбеҳ ҳамоно зебоии гулу Юсуф аст. Агар ваҷҳи ташбеҳи сабо ба Зулайхо амали онҳо бошад, яъне пора кардани пираҳани Юсуф аз тарафи Зулайхо ва бо вазидани сабо пора шудани гулбаргҳо ва ё худ шукуфтани гул аст, аммо ваҷҳи ташбеҳи гул ба Юсуф ҳамоно зебоии онҳост.

Маънии болоро дар ғазали дигар бо корбурди санъати ташбеҳу талмеҳ аз Юсуфу пероҳанаш хеле шоирона ифода намудааст:

Азизи Мисри чаман шуд ҷамоли Юсуфи гул,

Сабо ба шаҳр даровард бӯйи пираҳанаш [57,223].

Яъне, гул монанди Юсуф, ки Азизи мамлакати Миср буд, «Азизи Мисри чаман» шуд. Гул ба Юсуф ва чаман ба Миср ташбеҳ шудааст ва бӯе, ки боди сабо меоварад, ба бӯйи пироҳани Юсуф монанд шудааст.

Дар ғазали дигар шоири бузург саборо наққош номидааст, ки ҳангоми баҳор чун Монии наққош чаманро наққошӣ кардааст:

Бӯйи гулу бонги мурғ бархост,

Ҳангоми нишоту рӯзи саҳрост,

Фарроши хазон варақ бияфшонд,

Наққоши сабо чаман биёрост [57,38].

*Сабо* дар тасвири Саъдии Шерозӣ рақиб ё худ нигаҳбони маъшуқ аст. Агар ғунча тақлиде ба лабханд, табассуми маъшуқ мекунад ва ё худро ба ӯ монанд мекунад, Сабо даҳони ӯро «медарад»:

Даҳони ғунча бидаррад насими боди сабо,

Лабони лаъли ту вақте ки ибтисом кунанд [50,103].

Ҷойи дигар шоир таркиби шоиронаи «султони сабо»-ро офарида, ки маънии олие дар худ дорад:

То дар назарат боди сабо узр бихоҳад,

Ҳар ҷавр, ки бар тарфи чаман боди хазон кард.

Гул муждаи бозомаданат дар чаман андохт,

Султони сабо пурзари мисриш даҳон кард [57,128].

Ҳамгуна тасвиророиро дар ғазалиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ мушоҳида мекунем, ки дунболаи сабки Шайхи аҷалл рафтааст. Аммо бояд гуфт, ки гарчанде Амир Хусрав «Саъдии Ҳиндустон» аст, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ пояи суханаш ба Саъдӣ баробар нест. Хусрав низ чун Саъдӣ бӯйи ёрро бо мадади боди сабо мешамад:

Расид боди сабо, тоза кард ҷони маро,

Нуҳуфта дод ба ман бӯйи дилситони маро [23,26].

Хусрав ба сабо рашк мекунад, ки бо ёр ҳамдаму асту бо зулфи ӯ ошноӣ мекунад:

Шаб хуш нахуфтам ҳеҷ гаҳ, з-он баски баҳри ҷони ман

Шуд ошноӣ бо сабо он зулфи анбарбезро [23,31].

***

Ман хоки раҳ бӯсаму аз худ ба ғайратам,

Оҳ аз сабо, ки бӯса туро бар даҳан зада-ст! [23, 64]

Амир Хусрав бо корбурди сабову зулфи ёр ҳам маънӣ меофарад ва ҳам тасвиророӣ мекунад. Масалан, дар байти зер бо вазидани боди

сабо ба зулфи дилбар, ки бӯе аз он зулф ба машоми ошиқон мерасад, дили беқарори ошиқонро ба шӯр меоварад:

То чанд ҳар дам аз сабо дар ҷунбиш ояд зулфи ту,

Охир, даме ором деҳ дилҳои бееоромро [23,35].

Дар ғазали дигар тасвири рӯйи арақолудаву зулфи тари маъшуқа, ки бо вазидани боди сабо парешон мешавад, хеле табиӣ ба тасвир омадааст:

Боз рӯйи ту хаёлудаву ҷаъди ту тар аст,

Зулфи мушкини туро боди сабо ҷилвагар аст [25,84].

Ҳамчунин, дар байтҳои зер бо вазидани боди сабо ба зулфи дилбар бӯйи мушки Хутан парокада мегардад ва ба машоми ушшоқ мерасад ва аз ин амали боди сабо ошиқон ба ҳадди расвоӣ мерасанду чун гул гиребон медаранд. Ташбеҳи бо вазидани сабо пароканда шудани баргҳои гул ба даридани гиребон хеле олӣ баромадааст:

Сабо гарде аз он зулфи дуто хост,

Ба ҳар сӯ бӯй аз мушки Хито хост.

Гиребон медарам ҳар субҳ чун гул,

Ҳама расвоии ман аз сабо хост [23,111].

Нарм вазидани боди саборо Амир Хусрав ба хиромидани маҳбуба монанд мекунад. Хиромидан оҳиставу бо нозу карашма роҳ рафтан аст. Дар тахайюлоти шоиронаи Амир Хусрав оҳиставу нарм вазидани боди сабо ба нозу карашмаву хиромон роҳ рафтани дилбари ӯ монанд аст:

Манам андар ин таманно, ки бибинам аз ту бӯе,

Чу сабо хиромише кун, камаре намой моро.[23,41].

Ҳарчанд ғазали Амир Хусрав «чошние аз тасаввуф дорад», аммо ҳангоме ки тасвири баҳор мекунад, *сабо* ҳамон боди бомдодист, ки ба маънои луғавияш ба кор рафтааст:

Баҳор ғолия дар домани сабо суда-ст,

Ба бӯстон-т гулу лола тӯда бар тӯда-ст.

Зи шарми бахшиши абр офтоб рух бинҳуфт,

Чунон ки пеши касе беш рӯй нанмуда-ст.

Миёни ғунчаву гул ҳеҷ кам намегунҷад,

Магар сабо, ки басе дар миёнашон буда-ст…[23,69].

Сабо ҳамдаму маҳрами нигор асту бо навозиши нармаш ӯро навозиш медиҳад, ки боиси рашку ғайрати ошиқ аст:

Нигори ман, ки зи ҷунбидани сабо хуфтаст,

Бигӯй, баҳри дилам, к-эй сабо, куҷо хуфтаст? [23,88]

***

Ҳама шаб гиряам хуфтан надода-ст,

Ки бӯйи гулрухи ман бо сабо буд [23,214].

***

Кушт сабо зи ғайратам, к-ояд агар зи кӯйи ту,

Ҳамраҳи бӯйи туст ҷон як, ду, се, чору панҷу шаш [23,288].

Густохии сабо, ки беибо бо зулфу мӯйи маъшуқ бозӣ мекунад, ошиқро дар ғайрат меоварад, ки бо вуҷуди миннатпазири сабо будан, аз ӯ норозӣ бошад:

З-ин сон ки бар ҳар мӯйи ту, аз нафси худ дар ғайратам,

Он ҷо чӣ густохист ин боди сабоpo ҳар замон?! [23, 406]

Амир Хусрав андешаҳои ирфонияшро низ бо корбурди мафҳуми *сабо* баён мекунад:

Шаб нагунҷидам дар ҷома, ки гуфт аз ту сабо,

Ки манам ҷони ғарибеву маро тан он ҷост [23,113].

****

Ҷон бифишонам зи шавқ дар раҳи боди сабо,

Гар бифишонад ба мо субҳдаме бӯйи дӯст.

Рӯзи қиёмат, ки халқ рӯй ба ҳар сӯ кунанд,

Хусрави мискин ба ҷон майл кунад сӯйи дӯст [23,114].

Дар тасвири Хусрав « сабо» гоҳе ғаммозию беаҳдӣ мекунад ва дарди дили ушшоқро ба маъшуқ намерасонад. Аз ин сабаб қаҳрамони лирикӣ аз ашки худ, ки дар ҳиҷрони маъшуқ ҷорист, хоҳиш дорад, ки дарди дили ӯро ба ҷонон бирасонад :

Худ рав, эй ашку бигӯ дарди дили мо-ш, аз он-к

Он чӣ андар дили мо ҳаст, сабо нагзорад [23,179].

Аз он сабаб ки сабо бӯйи ҷононро ба ошиқ мерасонад, ошиқ бори миннати саборо мекашад:

Борам набуд кӯҳи ғам, аммо ба бӯйи ту

Дар зери бори миннати боди сабо шудам [23,330].

Ба ҳамин минвол, *боди сабо* дар тасвири шоирони асрҳои XI - XIII ҳам ба маънии луғавӣ ва ҳам ба маънии рамзии ирфонӣ ба кор рафтааст. Байни маънии луғавии «*боди сабо*» ва маънии рамзии ирфонӣ он қадар фарқи куллӣ нест, зеро маънии рамзии ирфониии *боди сабо* аз маънии луғавии он бархостааст. Сифату ҳунарҳои боди сабо, чун саҳар вазидан, бӯйи хуш доштан, паём овардану қосид байни ошиқу маъшуқ будан ҳам дар шеъри шоирони ғайрисӯфӣ ва ҳам шоирони сӯфимашраб ва мутаассири шеъри сӯфиёна ба назар мерасад. Агар дар шеъри шоирони ғайрисӯфӣ *боди сабо* ба сифати як падидаи табиат ин сифатҳоро доро бошад, дар шеъри шоирони ориф ва мутаассири шеъри сӯфия мақоми рӯҳоният касб мекунад, ки аз арш мехезаду роҳ ба «ҳарими ҳарима ҷонон» (маъшуқи азалию абадӣ) дорад. Ба ибораи дигар, *сабо* дар таъбири орифон нафаҳоти раҳмонист, ки аз ҷиҳати машриқи рӯҳоният меояд ва сабаби хайру баракати солики роҳи тариқат мегардад.

# БОБИ II. ТАСВИРИ САБО ДАР ҒАЗАЛИ АСРИ XIV

Асри XIV дар таърихи адабиёти форсу тоҷик, бино ба қавли муҳаққиқон, даврони равнақи ғазалсароӣ маҳсуб мешавад, зеро маҳз дар ҳамин аср бузургтарин шоирони ғазалсаро зуҳур карданд ва ғазал дар эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ ба авҷи камол расид. Чунон ки зикр намудем, дар мавриди сайри ғазал дар адабиёти форсу тоҷик, алалхусус дар бораи пайдоиш ва инкишофи ғазал дар адабиёти аҳди классикӣ таҳқиқоти зиёде ба анҷом расидааст. Муҳимтарин таҳқиқоте, ки дар ин мавзуъ навишта шудааст, «Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X- XV»-и академик Абдулғанӣ Мирзоев[114], «Шеър-ул-Аҷам»-и Шиблии Нуъмонӣ [137], “Таҳаввули шеъри форсӣ”-и Зайнулобиддини Муътаман [128], «Семантикаи ғазалиёти Бобур»-и И.В. Стеблева [162], «Таҳаввули ғазали классикии форсӣ (а.X-XV)»-и Мария Рейснер [147], «Сайри ғазал дар адабиёти форсӣ»-и Сируси Шамисо [180] ва ғайра мебошанд. Ҳамчунин, дар китобҳои доир ба таърихи адабиёт, монанди «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳулло Сафо [155], «Таърихи адабиёти тоҷик»- Холиқ Мирзозода [116] ва рисолаҳои илмие, ки дар мавриди шоирони ҷудогона эҷод шудаанд, амсоли «Камоли Хуҷандӣ - устоди ғазал» -и А.Афсаҳзод [64], «Мероси Носири Бухороӣ ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV»-и Ш.Р.Исрофилниё [98], «Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ»-и Б. Мақсудов [109] ва чандин таҳқиқоти дигар дар ин масъала сухан рафтааст. Ин нуктаро бояд қайд кард, ки гарчанде перомуни пайдоиши ғазал ва инкишофи он асарҳои таҳқиқотии зиёде ба нашр расида бошад ҳам, то ба ҳол миёни муҳаққиқон дар ин масъала ихтилофи назар аст. Бадриддин Мақсудов дар мақолаи боарзиши худ «Ғазал ва таҳаввули он то асри Камоли Хуҷандӣ» доир ба пайдоиш ва равнақи ин жанри адабӣ ва ихтилофи муҳаққиқон дар ин масъала батафсил суҳбат кардааст [111].

Чунон ки маълум аст, назарияпардозони асрҳои миёна ғазалро дар луғат ба маънии «ишқбозӣ ва сухан гуфтан бо занон» маънӣ кардаанд, зеро дар ғазал бештар баёни аҳволи дарунии шоир, розу ниёзҳои ошиқона ё афкори орифонаву фалсафӣ ва иҷтимоӣ тасвир шудааст. Аз таҳқиқоти донишмандон бармеояд, ки нахустин ғазал дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар асри X, дар маҷлиси базму тараб ҳамроҳ бо мусиқӣ хонда мешудааст. Аксари донишмандон Рӯдакиро аввалин гӯяндаи ғазал дар адабиёти баъдазисломии форсу тоҷик донистаанд. Баъзе аз шеършиносон ақида доранд, ки ғазал аз ибтидои пайдоиши шеъри форсӣ-тоҷикӣ то охири асри ёздаҳум ва аввали қарни дувоздаҳум ҳамроҳ бо мусиқӣ хонда мешудааст. Гурӯҳи дигаре аз адабиётшиносон ба он андешаанд, ки истилоҳи ғазал ва тағаззул дар давраҳои аввали шеъри форсӣ-тоҷикӣ бо байтҳои муқаддимаи қасидаҳо гуфта мешудааст. Бино ба ақидаи ин гурӯҳ, мурод аз ишораҳое, ки дар осори шоирони ин аҳд ба ғазал шудааст, ҳамин муқаддимаи қасидаҳост, ки онро тағаззул ё ташбиб ва ё насиб ҳам гуфтаанд [111]. Рӯдакишиносон собит кардаанд, ки илова бар тағаззулу ташбибҳо дар осори боқимондаи устод Рӯдакӣ ва муосирони ӯ намунаҳое аз ғазали комилу мустақил низ ёфт мешавад [132]. Бинобар таҳқиқи донишманди эронӣ Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ, ғазал дар асрҳои X-XI «ҳанӯз комилан аз қасида ҷудо нашуда, ифтитоҳия ё тағаззулу ташбиби қасидаро ташкил медиҳад, ки бештар дар васфи табиат ва камтар дар васфи маъшуқ аст. Сипас, рафта-рафта мустақилтар ва ошиқонатар мешавад, чунон ки назди Манучеҳрию Фаррухӣ ва Саноию Анварӣ мебинем. Ин ғазали якпорчаю ҳамоҳанг ва ошиқона то замони Ҳофиз идома дорад ва ба баъд ҳам авҷашро дар ҳунари Мавлонову Саъдӣ тай мекунад. Ғазали форсӣ то замони Ҳофиз такмазмун будааст ва он мазмуни саросарӣ ишқ аст. Дар Мавлоно ин такмазмунӣ ба наҳви шадидтар ва муфраттар вуҷуд дорад» [172,34]. Донишмандон собит кардаанд, ки дар охирҳои қарни ёздаҳ ва ибтидои асри XII ғазал батадриҷ рушд мекунад ва дар девони шоирон ҷойи сазовор касб мекунад. Ҳатто шоирони қасидасарое чун Хоқонӣ ва

шоири достонсарое, монанди Ҳаким Низомӣ низ ғазал сурудаанд. Ҳаким Саноӣ навъи тозае аз ғазал ба вуҷуд овард, ки бо ғазали орифона маъруф аст. Ин навъи ғазал дар эҷодиёти орифони шоире, монанди Шайх Аттор, Ҷалолуддини Балхӣ, Фахруддини Ироқӣ ба камол мерасад. Ба ин тартиб ду шеваи ҷудогонаи ғазали ошиқона ва ғазали орифона дар шеъри форсии тоҷикӣ мушаххас мешавад [113,173].

Донишмандон бар он андешаанд, ки Ҳофиз ин ду шеваи ғазалсароӣ, яъне ғазали орифона, ки дар эҷодиёти Мавлоно ва ғазали ошиқона, ки дар ашъори Саъдӣ ба ҳадди камол расида буд, бо ҳам пайванд дод ва як сабки тозае офарид, ки ҳар ду шеваи ғазалсарои пешиниёнро дар худ дошт. Мо ин гуна ғазали ошиқонаю орифонаро дар девони аксари шоирони асри XIV мушоҳида мекунем. Яъне, дар ғазали асри XIV ҳам маънии маъмулӣ ё худ қишрӣ ва ҳам маънии ирфонӣ вуҷуд дорад. Донишмандон ин гуна ғазалро **ғазали талфиқ** гуфтаанд[111].Бо омезиши ду шеваи ғазалсароӣ калимоту таъбироти он низ аз нигоҳи маънӣ таҳаввул мекунанд. Аз ҷумла, мафҳуми *боди сабо* дар тасвири шоирони асри XIV ба маъниҳои гуногун ба кор рафтааст ва шеваи тасвир низ такомул меёбад.

Ба таври куллӣ дар ғазали асри XIV мо ду тарзи тасвири *боди саборо* мушоҳида намудем: дар қисмати аввал *сабо* ба сифати мабдаи тасвир ва дар қисмати дувум *сабо* ба ҳайси воситаи тасвир ба кор рафтааст. Яъне, дар қисмати аввал сухан бевосита дар бораи боди сабо ва амалиёти он меравад, аммо дар қисмати дувум маънию мавзуъҳои дигар ба воситаи сабо баён шудаанд. Ҳар ду қисмат дорои мавзуъ ё худ мативҳои зиёде ҳастанд, ки ҳар яки онҳоро ҷудогона баррасӣ менамоем.

### II.1. Боди сабо – мабдаи тасвир

Дар ғазали асри XIV боди сабо, пеш аз ҳама, ба сифати мабдаи тасвир ба кор рафтааст. Яъне, шоирони ин давра боди сaборо ба ҳайси як падидаи афсункори табиат ба тасвир овардаанд. Дар ин қисмат сабо

бо тамоми хусусият ва вазифаҳояш арзи ҳастӣ мекунад. Гарчанде ғазали шоирони ин даврон ғазали талфиқ асту дар онҳо ҳам маънии луғавӣ ва ҳам маънии рамзии ирфонии калимаҳо ҳузур доранд, аммо дар ин қисмат сабо бештар ҳамон насими хушбӯйи баҳорист, ки бо вазидани он гулҳо мешукуфанду замин ҷони тоза меёбад. Аз он сабаб дар қисмати аввал дар ғазали шоирони асри мавриди таҳқиқ сабо ба сифати як падидаи муъҷизаосои табиат ба тасвир омадааст. Барои он ки мавзуъ дақиқ ҳаллу фасл шавад, ин қисматро низ ба зерфаслҳо тақсим намуда, таҳқиқ мекунем.

### II.1.1. Тасвири сабо ба сифати унсури табиат

Мунаққиди бузурги рус В.Г. Белинский менависад: «Табиат намунаи ҷовидонаи санъат аст, бузургтарин ва олитарин мавзуъ ҳам дар табиат одамизод аст» [71,32]. Инсон бо табиат пайванд аст ва хосса инсони эҷодкор аз табиат илҳом мегирад ва дар кураи тахайюлоти худ ашёи хоми табиатро «мепазад» ва дар сурати зебову марғуб дар шеър ба тасвир меоварад. Бино ба қавли назарияпардозон, «корбурди забони воқеӣ барои халқ ё бознамоии як таҷрибаи ҳиссӣ тасвирпардозӣ ном дорад» ва ба таври куллӣ истилоҳи тасвирпардозӣ (imagery) дар адабиётро ба ду мафҳум ба кор бурдаанд:

1.Нависандае, ки забони воқеиро ба манзури интиқоли як тасвири басарӣ (як акси табиӣ аз ашё) ба зеҳни хонанда ба кор мебарад, ба тасвирпардозӣ даст задааст. Нависандагони воқеъгаро барои бознамоии воқеият аз ин навъи тасвирпардозӣ истифода бурдаанд.

2.Корбурди санъатҳои балоғӣ барои «баёни тасаввур ва андешаи интизоӣ дар забони зинда, халлоқа ва ибдоъе» низ тасвирпардозӣ номидаанд. Тасвирпардозии навъи дувум, ки «аз шигардҳои ташбеҳу ташхис ва кинояву истиора ва дигар санъатҳои маънавӣ баҳра мегирад, аносири асосии шеъру шолудаи кори шоирӣ» номидаанд [167,46]. Бояд зикр кард, ки иможро низ муҳаққиқони замони муосир ба ду навъ:

иможи забонӣ (verbal\literal) ва иможи маҷозӣ (figurative) тақсимбандӣ намудаанд. Маҳмуди Футӯҳӣ низ такя ба тақсимбандии имож тасвирро ба ду навъ тақсим намудааст: тасвири забонӣ (verbal image) ва тасвири маҷозӣ (figurative image) [167,47].

Қобили зикр аст, ки дар афкори назарии асримиёнагии форсу тоҷик низ барои забон ё худ калима ду соҳат қоил буданд: соҳати ҳақиқат ва соҳати маҷоз. Ин ду соҳати маънии калима на танҳо дар рисолаҳои шеършиносӣ, ҳатто дар адабиёти бадеӣ ба кор рафтааст. Масалан, шоири бузурги ғазалсарои асри XIV Ҳофизи Шерозӣ дар байти зер мафҳумҳои ҳақиқат ва маҷозро барои майе, ки аз он сухан мегӯяд, ба кор бурдааст:

Хумҳо ҳама дар ҷӯшу хурӯшанд зи мастӣ
В-он май, ки дар он ҷост, ҳақиқат, на маҷоз аст [59,70].

Дар бораи пайдоиш ва таҳаввулу такомули маънои маҷозии рамзии калима дар шеър таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расидаанд, ки навиштаҳои Лотман Ю.М. [108], Османов М.Н. [140], Лосев А.Т. [107], Бахтин М.М. [67], Стеблева И.В. [162], Хусрави Фаршедвар [165], Н.Пурҷаводӣ [213] ва чанде дигарон аз он ҷумла аст. Масалан, перомуни пайдоиш ва такомули маънии рамзии ирфонии калимаҳои хамрӣ, монанди май, бода, шароб Ш.Р.Исрофилниё дар монографияи «Хамриёти Ҳофиз» [99] ва «Фарҳанги таҳлилии алфози хароботии ашъори Хоҷа Ҳофиз» [188] батафсил маълумот додааст. Тасвири «боди сабо», ки мо мехоҳем онро таҳқиқ кунем, аз ин мафҳумҳо то андозае фарқ дорад. Агар мафҳуми «май», бино ба гуфтаи муҳаққиқи номбурда, дар шеъри шоирони ориф ба маънии «ғалаботи ишқ» ба кор рафтаву аз маънои аслияш дур афтода бошад, «боди сабо» чунин таҳаввулро аз сар нагузаронидааст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки мафҳуми *сабо* дар шеъри шоирони ориф бо вуҷуди он ки маънои рамзии ирфонӣ касб мекунад, аммо аз маънии луғавии худ чандон ҷудо нест ва сояи маънои луғавии *боди сабо* ҳамеша ҳузур дорад.

Гарчанде дар асри XIV тасаввуфу ирфон ба ҳадди камоли худ расида ва ҳеҷ як шоири ин даврон аз таъсири он дар канор намонда буд, аммо дар ғазали ин давра *сабо,* пеш аз ҳама, ба сифати як унсури муъҷизаосои табат, ки замини дар зимистон «мурда»-ро «зинда» мекунаду ҷони тоза мебахшад, тасвир шудааст. Масалан, дар ғазали шоири орифи ин аҳд Хоҷуи Кирмонӣ, ки ӯро барҳақ метавон сарҳалқаи шоирони асри XIV номид, дар баробари маъниҳои дигар сабои табииро низ метавон мушоҳида кард:

Гӯйӣ магар анфоси равонбахши биҳишт аст,

Ин бӯйи диловез, ки аз боди сабо хост [28,156].

Хоҷу «бӯйи диловез»-и сабороро ба нафаси ҷонбахши биҳишт монанд кардааст. Боди сабо аз он ҷо, ки бо худ бӯйи гулу раёҳин ҳамроҳ дорад, ба «анфоси равонбахши биҳишт» ташбеҳ шудааст. Вачҳи ташбеҳ ҳамоно хушбӯйии боди сабо ва анфоси биҳишт аст. Хоҷуи Кирмонӣ шоири ориф аст ва бештари ашъораш маъниҳои ирфонӣ доранд, аммо аз тасвири сабои табиӣ сарфи назар накардааст.

Салмони Соваҷӣ-маликушшуарои дарбори Ҷалоирӣ, ки ӯро наметавон чун Хоҷуи Кирмонӣ шоири ориф номид, зеро мадҳу ситоиши дар ашъори ӯ беш аз андешаҳои ирфонист, боди сабо бештар ба маънии табиияш ба кор бурдааст. Масалан, дар байти зер шоир аз соқӣ дархости шароб («оби оташранг» - истиора аз шароб) мекунад, то хурсандӣ кунад, зеро боди сабо бо нафаси ҷонбахши худ замин ( «хок» бо киноя замин)-и пирро майли кӯдакию тифлӣ медиҳад(«сибо» ба маънии кӯдакӣ ва бачагист):

Оби оташранг деҳ соқӣ, ки мебахшад сабо

Хокро пиронасар перояи аҳди сибо [40,59].

Қобили зикр аст, ки маънии ин байт хеле наздикӣ дорад ба маънии байтҳои зери устод Рӯдакӣ, ки дар боби аввал онро шарҳ додаем:

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,

Бо сад хазор нузҳату оройиши аҷиб.

Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,

Гетӣ ба дил ёфт шабоб аз пайи машиб [36, 61].

Яъне, ҳамон маънӣ, ки бо омадани баҳору боди сабо «олами пир» ба даврони ҷавонӣ бармегардад, ки бори нахуст устод Рӯдакӣ баён кардааст, баъд аз чаҳорсад сол Салмони Соваҷӣ ин маъниро ба тарзи дигар иброз доштааст. Маълум мешавад, ки шоирони асри XIV ба шеъри Рӯдакӣ назар доштаанд.

Ҳамон маънии болоро дар байти дигар ба таври ҷолибтар баён мекунад ва корбурди мафҳумҳои *сабо* ва *сибо*, ки санъати таҷнис аст, латофати ғазалро афзудааст. Ба андешаи шоир, аз нафаси боди сабо ҳар сари сол даврони куҳан майл ба аҳди тифлию бачагӣ мекунад. Ба таъбири дигар, ҳар сари сол боди сабо дунёи пирро аз сари нав ба айёми кӯдакию ҷавонӣ бармегардонад:

То аз нафаси боди сабо ҳар сари соле,

Даврони куҳан тоза кунад аҳди сиборо [40,137].

Наздик ба ҳамин маънӣ ҷойи дигар мегӯяд:

Ало, то насими сабо ҳар баҳоре,

Заминро диҳад кисвати осмонӣ [40,398].

Носири Бухороӣ аз шоирони орифи ин даврон низ аз сабои табиӣ сухан мегӯяд, гарчанде масъалаҳои ирфон дар девони ӯ мақоми асосӣ дорад. Масалан, вазидани боди сабо ҳангоми субҳ дар миёни ғунчаҳои гул чунин ба тасвир овардааст:

Басе бӯсаҳо зад сабо дар саҳар,

Чу гулро ба ханда даҳон боз ёфт [13,373].

Муроди шоир аз «бӯса задани сабо гул»-ро ҳамон нарм вазидани боди сабо ва гулҳоро ба ҷунбиш овардани ӯст. «Хандидани гул» киноя аз шукуфтани он аст. Боди сабову гул ба масобаи инсонҳое дар тасаввур омадаанд, ки яке механдаду дигаре бӯса мекунад.

Салмони Соваҷӣ бо корбурди калимоти байти Носир, чун сабо, бӯса ва даҳон ҳамин маъниро ба таври дигар баён мекунад:

Дар бӯстон ба ёди даҳони ту ғунчаро

Ҳар дам ҳазор бӯса сабо бар даҳон диҳад [40, 275].

Наздик ба ҳамин маънӣ шоири орифи дигари асри XIV Камоли Хуҷандӣ менигорад:

Пеши лабҳои ту аз даъвии кӯчакдаҳанӣ

Ғунчаҳоро ба задан боди сабо тавба диҳад [52,227].

Дар зоҳир дар абёти болои Носиру байти дувуми Салмон тазоди маънӣ мушоҳида мешавад. Агар дар байти Носиру байти якуми Салмон сабо даҳони гулро «бӯса» занад, дар байти дувуми Салмон, аз он ҷо ки ғунча худро ба даҳони маҳбуба монанд кардааст, сабо ӯро «мезанад»-у тавба медиҳад, то дигар ин андешаи хато(худро ба даҳони маҳбуба монанд кардан)-ро накунад. Аммо мақсуди аслии аз ҳар се байт тасвири вазидани боди сабо ба ғунчаҳои гули баҳорист.

Шоири танзпардози ин аҳд Убайди Зоконӣ маънии дар боло баёнкардаи Носиру Салмонро ба таври дигар ба тасвир мекашад:

Меҷаҳад боди сабо ҳар субҳдам,

Бо арӯсони раёҳин дастдарозӣ мекунад [24, 67].

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ҳамин маънӣ, яъне вазидани боди сабо ба гулҳои баҳорӣ дар ашъори шоирони ин аҳд ба такрор омадааст, аммо дар ҳар байт тасвири гуногун аст. Масалан, дар байти дигари Носири Бухороӣ ҳамон маънӣ ороиши дигар ёфтааст:

Дили санавбарии ғунчаро сабо бирабуд,

Ки сарв бар сари гул ҳамчу бед ларзон аст [13, 334].

Боридани борон бар сари сабзаву гулҳо ва вазидани насими боди сабо дар тасвири Носири Бухороӣ пайғом барои майхорагон баҳри тараб кардан аст. Дар тасвири шоир абри баҳорӣ ба сари гулзор гуҳар мепошад :

Сабо ба сӯйи сабӯҳикашон паём овард,

Ки абр бар сари гулзор дар гуҳарпошист [13, 337].

Дар назари Салмони Совачӣ маҳз абри баҳорист, ки тоҷи гули наргисро ба тилло мерояд ва боди сабо гулзорро чунон ба ҷунбиш меоварад, ки пиндори оташи фурӯзон аст:

Тоҷи наргисро биорояд ба зар ҳар шаб саҳоб,

Оташи гулро барафрӯзад ба дам ҳар дам сабо [40, 46].

Дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ тасвири баҳор бо тамоми тароваташ таҷассум мегардад, ки дар он бод, ки муроди шоир аз он боди сабост, нақши асосиро мебозад:

Бод гулбез шуду бар сари гул жола чакид,

Об дар ҷӯву зи перомани ҷӯ сабза дамид [52,179].

Дар ин байт ҳеч гуна маънии ирфонӣ вуҷуд надорад, ҳарчанд ки Камол шоири ориф асту бештар аз маърифати оламу одам сухан мегӯяд. Шоир аз унсурҳои зебоиофарини дунёро дар фасли баҳор, ки яке аз онҳо боди сабост, сухан мекунад. Гулбезии боди сабо, чакидани жола бар сари гул, шитоби об дар ҷӯй, дамидани сабза дар перомуни ҷӯй ҳама аз амали табиат дар фасли баҳор аст, ки ба дил шодиву фараҳ мебахшанд ва хонанда низ аз хондани ин гуна абёти шоир фасли баҳорро дар вуҷудаш эҳсос мекунад.

Дар ҳамин ғазал, ки байти боло матлаи он аст, шоир аз муждарасонии боди сабо хабар медиҳад:

Бод сӯйи чаман омад, ки диҳад мужда, ки боз

Гул ба бӯстону ба гул меваи мақсуд расид [52,179].

Шоир аз сафари боди сабо ба сӯйи чаман сухан мегӯяд, ки аз расидани баҳору шукуфтани гулҳо паём мерасонад ва ҳам ҳастии чаманро нусрат мебахшад. Вазидани боди сабо дар тасвири шоир сафари пайки нусратбахше мемонад, ки аз расидани гул ба бӯстону ҳосил шудани мақсуд хабар меоварад.

Дар байти дигар низ аз ҳамин ғазал, ки дар он гул худро бо рухсори маҳбубаи шоир ба ҳисоб гирифтанӣ мешавад, боди сабо ба гул «дармепечад», то ин даъвои носавобро накунад:

Бо ту гул дафтари худ хост, ки гирад ба ҳисоб,

Боғбон он варақу бод ба гул дарпечид [52,179].

Дар ғазали Хоҷа Ҳофиз, ки ба иттифоқи кулли донишмандон, бузургтарин шоири ғазалсарои ин аҳд аст, сабои табиӣ рангу ҷилваи дигар дорад. Ҳамон маънӣ, яъне бо вазидани боди сабо, ба таври умум, бо омадани баҳор олами пир ҷавон мегардад, ки Хоҷуи Кирмонию Салмони Совaҷӣ ва Носири Бухороию Камоли Хуҷандӣ баён кардаанд, Ҳофиз бо таври дигар, аммо беҳтару хубтар ва табиитар тасвир мекунад:

Нафаси боди сабо мушкфишон хоҳад шуд,

Олами пир дигарбора ҷавон хоҳад шуд [59,166].

Воқеан, ин байт матлаи яке аз ғазалҳои риндонаву баҳорияи Ҳофиз аст, ки хонанда аз он бӯйи баҳорро мешамад, вуҷуди гулу раёҳинро эҳсос мекунад. Таъбири «нафаси боди сабо», ки дар байти Салмон низ ба кор рафтааст, мурод вазидани боди сабост. Яъне, боди сабо бӯйи мушк, ки ҳамон бӯйи гулҳои баҳорист, меоварад. Аз ин дами ҷонбахшу муаттари боди сабо олами пир ё худ ҳастӣ аз нав ҷавон мешавад.

Тасвири сабои табиӣ дар ашъори ин шоири баландовоза доманаи васеъ дорад, гарчанде шореҳон саъй намудаанд бештари ашъори Ҳофизро ирфонӣ таҳлил кунанд, аммо дар ҳамон ғазалҳои орифонаву ошиқона низ гоҳе *сабо* ба маънои табиии худ ба кор рафтааст:

Баъд аз ин дасти ману домани сарву лаби ҷӯй,

Хосса акнун, ки сабо муждаи фарвардин дод [59,125].

Дар байти боло *сабо* бо вазидани худ паёми омадани баҳорро меоварад. Шоири ошиқ бар он ақида аст,ки чун сабо бӯйи баҳорро овард, салоҳ он аст, ки мо рӯ ба дашту даман биоварему зери сояи сарву лаби ҷӯй паноҳ барем.

Тасвири “боди сабо”-и табиат дар ғазали асри XIV муродиф бо баҳор меояд, зеро *сабо* «боде, ки дар баҳор аз тарафи Шарқ мевазад» ва «шамоли фораму насими салқин» аст. Аз ин ҷост, ки шоирони ин даврон

дар бештар маврид вақте аз баҳору таровати он сухан мегӯянд, ҳатман аз сабову насими салқину форами он ёд мекунанд. Масалан, Авҳадии Мароғаӣ, ки аз шоирони орифи ин аҳд аст, мегӯяд:

Лола ба мавкаби сабо гуфт ҳазор марҳабо,

Ғунча хазид дар қабо, гул бидарид пираҳан [32, 359].

Ибни Ямин, ки дар қитъасароӣ шухрат ёфтааст, аммо дар ғазал низ бино ба қавли муҳаққиқон, «дасти тамом дорад», дар ғазалиёташ аз боди сабову муродифҳои он, чун «насими саҳарӣ» истифода бурдааст:

Чун баҳор аст, биё ,то тараб аз сар гирем,

Ҷой дар сояи шамшоду санавбар гирем.

Чун насими саҳарӣ ҳар нафасе аз сари лутф,

Турраи сунбулу ҳам ҷайби суманбар гирем [43, 264].

Дар байтҳои боло шоир даъват ба ғанимат донистани умр ва баҳра бардоштан аз лаҳзаҳои фараҳбахши баҳор мекунад ва амали боди сабо (насими саҳарӣ)-ро, ки зулфи сунбулу ҷайби суманбарро мегирад, мояи пайравӣ донистааст.

Аз сӯйи дигар, дар ашъори шоирони орифи ин аҳд талмеҳоти ашхосу таъбироту ирфонӣ ҳангоми тасвири баҳору боди сабо истифода шудааст. Масалан, дар байти зери Авҳадии Мароғаӣ Мансури Ҳаллоҷу «аналҳақ» гуфтани ӯ, ки сабаби ба дор кашиданаш шуд, воситае барои тасвири баҳору сабо шудааст:

Мансурвор дар ҳама боғе шукуфаро

Бар дорҳо кашида сабо бе «аналҳақе» [32, 387].

Гарчанде дар байти болои Авҳадии Мароғаӣ аз ашхосу истилоҳоти ирфонӣ чун Мансуру «анал-ҳақ» истифода шудааст, аммо манзури шоир тасвири лаҳзаи баҳор аст, ки бо вазидани боди сабо гулбаргҳои гул пароканда мешаванду бар сари дарахтон овезон мемонанд, мебошад.

Хоҷа Ҳофиз бо зикри пири асотирии худ «пири майфурӯш» аз сабову пайғоми баҳор ва мавсими тарабу айшу нӯш хабар медиҳад:

Сабо ба таҳнияти пири майфурӯш омад,

Ки мавсими тарабу айшу нозу нӯш омад [59, 174].

Муқобалаву муқоиса ва баррасии ғазалиёти шоирони асри XIV моро ба хулоса овард, ки *сабо* ба сифати як падида ва унсури муъҷизаосои табиат дар ашъори ҳама шоирони ин аҳд ба назар мерасад. Аммо тасвири сабои табиӣ дар ашъори Салмони Соваҷӣ ва Убайди Зоконӣ бештар аст. Ба тариқи намуна чанд мисол аз ин ду шоир меоварем, ки дар онҳо сабо ба маънии луғавии худ ба кор рафта, маънии ирфонии сабо ҳузур надорад:

Аз Салмони Соваҷӣ:

Мекунад боди сабо тифли чаманро дар хоб,
Варна маҳди шаҷараш баҳри чӣ ҷунбон бошад [40, 316].

***

Сарвро боди сабо мансаби боло бахшид,
Лоларо лутфи ҳаво талъати воло бахшид [40, 373].

***

Ниҳода шохи шаҷар тахтаҳои бозорӣ,
Кушода боди сабо кулбаҳои атторӣ [40, 412].

Аз Убайди Зоконӣ:

Ба сад ҷамол даромад арӯси гул ба чаман,
Сабо-ш домани гулгунғулола бардорад [24, 267].

***

Сабо фасонаи ҳурони сарвқад гӯяд,
Чаман ҳикояти хубони гулъузор кунад [24, 256].

***

Боди сабо ҷайби суман баркушод,
Ғулғули булбул дар чаман дарфитод [24, 203].

Аммо ин маънои онро надорад, ки Салмони Соваҷӣ ва Убайди Зоконӣ аз таъсири тасаввуфу ирфон дар канор монда бошанд.

Дар ғазали ин ду шоир низ *сабо* ба маънии рамзии ирфонӣ ба кор рафтааст, ки мо намунаҳо хоҳем овард. Ба андешаи мо, Салмони Соваҷӣ маликушшуарои дарбори Ҷалоирӣ буд ва бештари ашъораш ба мадҳи султонону ҳокимони замонаш ихтисос дорад. Убайди Зоконӣ бошад, адиби ҳаҷвпардоз асту шуҳраташ нисбат ба ғазал дар ҳаҷв бештар аст. Аз ин сабаб дар ашъори ин ду шоир сабои табиӣ бештар аз сабои орифона ба тасвир омадааст.

Хулоса, тасвири сабои табиӣ дар ғазали шоирони асри XIV, бо вуҷуди таъсиру ривоҷи тасаввуфу ирфон дар ин аҳд, ба таври густарда мушоҳида мешавад. Чи шоирони ориф ва чи орифони шоири ин аҳд вақте аз табиату баҳор сухан мегӯянд, ҳамеша аз насими ҷонбахши сабои табиӣ ёд кардаанд.

### II.1.2. Мушаххасоти боди сабо

Дар ғазали шоирони асри XIV *боди сабо* бо мушаххасоти хоси худ ба тасвир омадааст. Яке аз хусусиятҳои боди сабо, ки муаллифони луғату фарҳангҳо таъкид кардаанд, «фораму салқин» ва «оҳистахезию нарм вазидан»-и он аст. Ин сифати сабо дар шеъри шоирон ба «бемории сабо» таъбир шудааст. Масалан, дар байти зери Ҳофиз:

Дили заифам аз он мекашад ба тарфи чаман,
Ки ҷон зи марг ба беморҳии сабо бибарад[59, 138].

Донишманди эронӣ Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ менависад: «Насими сабо ё мутлақ насим бодест оҳистахез, ки гоҳ мераваду гоҳ меистад, монанди инсони беморе, ки дар ҳар чанд қадам меистаду нафас тоза мекунад. Лизо аз дер боз дар шеъри арабӣ ва форсӣ сабо ё насимро бемору алил ва бетоқат хондаанд» [172, 553]. Воқеан, дар ашъори шоирони пеш аз асри XIV таъбири «беморӣии сабо»-ро мушоҳида мекунем. Камолиддини Исмоил, ки шоирони ғазалсарои асри XIV, алалхусус Хоҷа Ҳофиз дар сабк аз ӯ истиқбол кардаанд, саборо гирифтори беморӣии «хафақон» медонад:

Ба ҳар ду гом сабо дам занад се ҷою ҳанӯз
Зи нотавонӣ бар вай ҳамефитад хафақон [27, 78].

Сабаби «беморӣ»-и saборо шоир аз рашки ӯ нисбат ба лутфи маҳбуб медонад:

Дили сабо нафасе нест холӣ аз хафақон,
Аз он сабаб, ки шуд аз рашки лутфи ӯ бемор [27,124].

Иллати дигари бемории сабо аз назари Камоли Исмоил ҳамоно тимордории ӯ аз гулзор аст:

Сабо, к-ӯ бо тани бемор ҳар дам
Ба ҷон кӯшад дар тимори гулзор [27, 227].

Аксари муҳаққиқон бар онанд, ки шевае, ки Ҳофиз ба камол расонду ба сабки хосса табдил дод, сарчашма аз шеъри Камоли Исмоил дорад. Маълум мешавад, ки Ҳофиз на танҳо ба сабки Камоли Исмоил, балки ба таъбироти шоиронаи ӯ низ назар доштааст, аз ҷумла ба таъбири «бемории сабо». Дар шеъри Камоли Исмоил ин таъбир фаровон ба кор рафтааст:

Нафасат суҳбати ҷон мебахшад,
Гарчи чун боди сабо беморӣ [25, 350].

Шоири орифи асри XIII Шайх Фахруддини Ироқӣ андалебро ба аёдати насими бемор,ки ҳамон сабост, меоварад:

Дид чун андалеб заъфи насим,
Ба аёдат ба марғзор омад [25,73].

Шоирони ҳамасри Ҳофиз чун Салмони Соваҷию Носири Бухороӣ, ки аз ӯ калонсолтаранд, қабл аз ӯ ин таъбирро ба кор бурдаанд ва бешак, онҳо низ назар ба шеъри Камоли Исмоил доштаанд. Салмони Соваҷӣ мегӯяд:

Ба бӯйи хулқи ту ёбад ҳаёту бархезад
Насими субҳ, ки ҷон медиҳад зи беморӣ [40, 227].

«Насими субҳ» дар байти боло ҳамон боди сабост, ки шоир онро дар ҳолати «ҷон додан» тасвир мекунад. Мақсади шоир аз «ҷон додан»-и

сабо ҳамон оҳиставу нарм вазидани боди сабост ва гӯё аз бӯйи хулқи мамдуҳи шоир боди сабо аз нав ҳаёт меёбад.

Дар ғазали дигар *сабо* гӯё аз «бемори»-и дирӯзааш «сабуктар» шудааст, ки чолок меояд. Яъне, боди сабо ин субҳ тезтар мевазад:

Субҳ бархост ба бӯйи ту сабо, пиндорӣ,

Ки зи бемории дӯшина сабуктар шудааст [40, 272].

Салмони Соваҷӣ дар чандин ғазали худ ба «беморӣ»-и сабо ишорат мекунад, ки мурод аз онҳо ҳамон нарму оҳиста вазидани боди сабост:

Сабо агарчи расули ман аст, бемор аст,

Бад-ин баҳона, мабодо,ки рӯзгор барад [40,376].

***

Дар раҳи ӯ шуд сабо бемору мехоҳам, ки ӯ

Гарчи бемор аст, ин раҳ заҳмати дигар кашад [40, 386].

Носири Бухорой сареҳан ба бемории «зиққуннафас»-и сабо ишора дорад ва сабабҳои ин «бемори»-ро баён мекунад:

Сабо афтону хезон гирди гул бисёр мегардад,

Заиф аст, аз давидан дам ба дам бемор мегардад.

Чунон зиққуннафас дорад, ки гар суръат кунад дар раҳ,

Ба ӯ аз нотавонӣ дам задан душвор мегардад [13, 389].

Дар байти дигар «беморию харобӣ ва бехабари»-и саборо шоир барои баёни андешаҳои ирфониаш истифода кардааст:

Хабари васли ту аз боди сабо мепурсам,

Гарчи бемори хароб асту чу ман бехабар аст [13,347].

Ҷойи дигар гӯяд:

Чун сабо дар кӯйи ту ошуфта бархоҳам гузашт,

Бар дарат бемор хоҳам рафту хоҳам даргузашт [13, 384].

Носири Бухорой ба сабо сифатҳои «заъфию сустҳаракатӣ» медиҳад, ки низ ишора ба нарму оҳиста вазидани боди сабост:

Нест ҷуз боди сабо қосиду ҳамдам, ӯ низ

Сахт суст аст, надонам, биравад ё наравад [13, 412].

***

Сабо, аз заъф дар кори рисолат

Ки солат менамояд, сахт сустӣ [13, 468].

«Нотавонӣ»-и сабо низ киноя аз нарму оҳиста вазидани ӯст:

Сабо, бархез, агарчи нотавонӣ,

Макун, зинҳор, дар рафтан тааллул [13, 433].

Хоҷа Ҳофиз таъбири «бемории сабо»-ро аз дигарон гирифтааст, аммо дар тасвири ин таъбир чунон суханро ба ҳадди камол расонида, ки балоғати суханаш беш аз дигарон аст:

Чун сабо бо тани бемору дили бетоқат

Ба ҳаводории он сарви хиромон биравам [59, 321].

***

Бо сабо афтону хезон меравам то кӯйи дӯст

В-аз рафиқони раҳ истимдоди ҳиммат мекунам [59, 315].

Аммо ин «беморӣ» сифати хуби сабост, ки маҳз ҳамин «хубии беморӣ» мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор гирифтааст. Чунин тарзи тасвирро тасвири таноқусӣ (породоксӣ) мегӯянд. Дар тасвири Ҳофиз ин беморӣ дар тариқати ишқ («андар ин раҳ») «беҳтар аз тандурустӣ»-ст:

Бо заъфу нотавонӣ ҳамчун насим хуш бош,

Беморӣ андарин раҳ беҳтар зи тандурустӣ [59, 378].

«Беморӣ»-и сабо шабеҳи бемории дили ушшоқ аст, зеро сабаби ин бемориҳо маъшуқ аст, ки ҳам сабо ва ҳам ошиқон ҳаводори ӯянд:

Ба бӯйи ӯ дили бемори ошиқон чу сабо

Фидои оразы насрину чашми наргис шуд [59, 168].

Шоир ба сабо шахсият қоил аст, ӯро ба масобаи инсони беморе ба тасаввур меоварад, ки дар ҳар чанд қадам меистад, нафаси рост мегирад ва боз ба ҳаракат медарояд. Ба таъбири дигар, сабо монанди инсони бемор оҳиставу нарм ҳаракат мекунад.

Хусусияти дигаре, ки муаллифони фарҳангҳо ҳангоми шарҳи боди сабо зикр кардаанд, «аз тарафи Машриқ, дар фасли баҳор, ба вақти субҳ вазидану сабаби шукуфтани гулҳо» гаштани он аст. Ҳамаи ин авсофи сабо дар шеъри шоирони аҳди мавриди таҳқиқ бо рангу тобишҳои тоза тасвир шудаанд. Масалан, Хоҷуи Кирмонӣ мегӯяд:

Сабо аз туррааш анбарнасим аст,

Насим аз сунбулаш анбарфишон аст [28, 189].

Дар ғазали Хоҷу ин сифатҳои сабо вобаста ба маъшуқ баён мешавад. Шоири ориф сабаби хушбӯӣ ва анбарфишонии саборо вобаста ба зулфи маҳбуби азалӣ медонад. Ҳамин хусусияти сабо дар ғазали Авҳадии Мароғаӣ низ мушоҳида мешавад. Авҳадӣ низ чун Хоҷу шоири ориф асту иллати хушбӯйи саборо аз он медонад, ки аз сари зулфи ёр гузар кардааст:

Рӯзе насим бар сари зулфаш гузор кард,

З-он рӯз бӯйи ғолия дорад сабо ҳанӯз [32, 298].

***

Аз чаман накҳати сабо бидамид,

Зи сабо бӯйи зулфи ёр омад [32, 273].

Дар шеъри Салмони Соваҷӣ низ ин хусусият мушоҳида мешавад ва шоир сабаби хушбӯйи саборо аз он медонад, ки аз сари хоки анбарини ёр гузар кардааст:

То сабо аз сари хоки анбаринат бурд бӯй,

Ошиқи ӯ шуд ба сад дил з-ин сабаб номаш сабост [40,263].

Дар байти дигар сареҳан иброз медорад, ки «як ҷаҳон ҷон»-и ошиқон дар пайи боди сабо ҳастанд, зеро ӯ «бӯе аз хоки ҷонон» бурдааст:

Як ҷаҳон ҷон дар пайи боди сабо афтодаанд,

Ӯ магар бӯе зи хоки кӯйи ҷонон мебарад [40, 374].

Носири Бухороӣ ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

Ҳама ҷо фош шавад зулфи ту чун мушк ба бӯй,

Маҳрами хилват агар боди сабоят бошад [14,341].

Камоли Хуҷандӣ низ сабаби атромезии саборо аз сари кӯйи маҳбуб медонад:

Медамид аз дами мушкини сабо бӯйи биҳишт,

Бӯй бурдем, ки ӯ з-он сари кӯ омада буд [52, 286].

Ҳамаи он авсофи сабо, ки дар ашъори шоирони дар боло зикршуда мушоҳида кардем, дар ғазалиёти Ҳофиз бо рангу тобишҳои тоза ҷилвагар шудаанд. Барои Ҳофиз боди сабо, ки ҳангоми саҳар мевазад аз мушки Хутану нофаи Чин хушбӯйтар аст:

Кас надидаст зи мушки Хутану нофаи Чин,

Он чи ман ҳар саҳар аз боди сабо мебинам [59, 317].

Шоир бо киноя мегӯяд: «Он бӯйи хуше, ки саҳаргоҳон ман аз боди сабо мебинаму мешунавам, ҳаргиз касе аз мушки Хутану нофаи Чин намебинад. Яъне, боди саҳаргоҳии кишвари мову вилояти мо ва Шероз аз мушку нофаи ақвоми бегонаву дур хушбӯйтар аст. Ё ман, инчунин эҳсос дораму меҳани худро ва ҳатто боди онро аз ҳама тароифу зароифи олам беҳтар медонам» [151, 1817].

Байни сабову гул ё худ ғунчаву насим қаробате вуҷуд дорад. Дар тасвири Ҳофиз чун шоирони бузурги пешин маҳз сабо (насими саҳар), ки ҳангоми субҳ мевазад, боиси шукуфтани гулҳо ва кушода шудани ғунчаи гул мегардад:

Чу ғунча бар сарам аз кӯйи ӯ гузашт насиме,

Ки парда бар дили хунин ба бӯйи ӯ бидаридам [59, 291].

Дар байти боло шоир худро ба ғунчае монанд мекунад, ки насими кӯйи дӯст (маъшуқ) онро мекушояд, аммо боз шудани ин ғунча, парда баргирифтан аз дили хунини ҳиҷрон кашидан аст. Рози дили ошиқ аз шавқи насими кӯйи дӯст аз парда бурун афтода ва ашки хунинаш равон гаштааст.

Дар шеъри Ҳофиз байни сабо (насим), гул ва ғунча инсиҷоми томи маъноӣ вуҷуд дорад ва шоир бо корбурди ин калимот ибрози андеша мекунад. Чунончи, ба гуфтаи Ҳофиз фасли баҳор, ки беҳтарин айёми май хӯрдану шодӣ кардан аст, бояд дафтару қалам ва мактабу мадрасаро як сӯ гузошту ба саҳро рафт:

Чун сабо маҷмуаи гулро ба оби лутф шуст,
Каҷдилам хон, гар назар бар сафҳаи дафтар кунам [59, 310].

Мурод аз «маҷмуаи гул» дар байти боло чаман аст, ки гулҳо канори ҳам шукуфтаанд. Дар тахайюлоти зебописандии шоир он чӣ дар субҳи баҳор гулҳоро мешӯяд, на оби борон, балки лутфи насими сабо, боди субҳи баҳорист.

Тасвирсозӣ ва маъниофарини бо сабову насим, гулу булбул, ғунчаву дил дар ғазалиёти Ҳофиз фаровон ба кор рафта, ки бо зикр чанд байт иктифо мекунем:

Гаҳ чун насим бо гул рози нуҳуфта гуфтан,
Гаҳ сирри ишқбозӣ аз булбулон шунидан [59, 345].

***

Бунафша турраи мафтули худ гиреҳ мезад,
Сабо ҳикояти зулфи ту дар миён андохт [59, 53].

***

Дило, чу ғунча шикоят зи кори баста макун,
Ки боди субҳ насими гиреҳкушо овард [59, 151].

Хулоса, *сабо* дар ғазалиёти шоирони асри XIV, пеш аз ҳама, як падидаи табиати афсункор аст, ки бо тамоми мушаххасоти худ ба тасвир омадааст. Саҳаргоҳон, нарму мулоим ва оҳиста вазидани насими сабо аз диди зебописандии шоирон инсони бемореро мемонад, ки оҳиста роҳ меравад, дам мегираду нафас рост мекунад ва боз ҳаракат мекунад. Бо вазидани сабо шукуфта шудани гулҳо ва паҳн гардидани бӯйи хуш шоиронро ба илҳом оварда, таъбироту тасвироти нодир офаридаанд.

Ҳангоми тасвири хусусиятҳои сабо шоирон бештар ин мафҳумро ба сифати мабдаи тасвир ба кор бурдаанд, аммо аз он ҷо, ки ғазали ин даврон ғазали талфиқ асту дар баробари маънии луғавии калимот маънои рамзии ирфонии вожаҳо ҳузур дорад, гоҳе сабо воситаи баёни андешаҳои ирфониашон гаштааст.

## II.2. Сабо – воситаи тасвир

Барои шоирони асри XIV *боди сабо* монанди калимоти калидии дигари шеърӣ ба ҳайси воситаи тасвир ба кор рафтааст. Ба таъбири дигар, дар ин қисмат шоирон сабоalmost барои тасвири мавзуоти дигар, алалхусус ҳангоми баёни мавзуи ишқ ба кор бурдаанд. Дар ин қисмат сабо аз як унсури табиат фаротар рафта, шахсият касб мекунад, ҳамдаму ҳамрози қаҳрамони лирикӣ мегардад.

Шоирони ин даврон, ки аксар шоирони ориф ҳастанду андешаҳои ирфонӣ дар ғазалиёти онҳо мақоми хос дорад, ба воситаи сабо ва муродифҳои он, монанди насим, бод, насими субҳгоҳӣ, боди субҳгоҳӣ баёни андеша кардаанд. Илова бар ин, бо воситаи вожаи «сабо» таркибу ибораҳои шоирона зиёде офаридаанд, ки ҳар як маъное ба худ дорад. Бо вуҷуди ин ҳама, нуктаи ҷолиб он аст, ки «сабо» дар байтҳое, ки ба ирфон ихтисос доранд, аз маънои луғавии худ, яъне ҳамон насими хуши баҳорӣ дур намемонад. Яъне, сояи маънои луғавии сабо дар «сабои сӯфиёна ё худ орифона» низ ҳузур дорад.

Пеш аз он ки ба қисмати дувуми тасвир, яъне «сабо- воситаи тасвир» бигзарем, бояд мафҳуми «сабои сӯфиёна» ва ё «сабои орифона»-ро баррасӣ намоем. Ин амал имкон медиҳад, ки ҳангоми тавзеҳи боди сабо ва шарҳи байт аз такрори сухан худдорӣ намоем.

### II.2.1. Сабои орифона

Дар бораи тасаввуфу ирфон ва нақши андешаҳои сӯфиёнаву орифона дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ асарҳои тадқиқотии зиёде ба нашр

расидаанд ва ҳамчунин, дар бораи андешаҳои ирфонии орифону шоирони ҷудогонае, монанди Ҳаким Саноӣ, Шайх Аттор, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Шайх Фахруддини Ироқӣ ва шоирони орифе чун Саъдию Хоҷуи Кирмонӣ, Носири Бухороию Ҳофиз ва Камоли Хуҷандию Салмони Соваҷӣ низ мақолаву монографияҳои зиёде эҷод шудаанд, ки дар китобнома баъзе аз онҳоро овардаем. Аммо дар ин асарҳои таҳқиқотӣ бештар дар бораи ҳаёту эҷодиёт ва андешаҳои ирфонии шоирони ориф сухан рафта, тасвирҳои шоирона дар ашъори онҳо камтар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Бино ба таҳқиқи муҳаққиқон, орифон ҷаҳони ҳастиро сояи олами руҳонӣ медонанд, «ҳар чӣ дар ин ҷост рамзест аз амри кул ва ҳақиқати мутлақ, ҷони суфӣ машғули амри кул аст, аз ин ҷиҳат руъяти кулли мутлақ ва фано дар куллу иттиҳод бо он волотарин ва ширинтарин таҷрибаҳои орифона ба шумор меравад» [167, 362]. Тасвир ва таҷассуми амри куллӣ имконнопазир аст ва «маонии ҳақиқат бе дастёрии амсолу ашё ба олами сувар дарнамеояд» шоири ориф ногузир аст «он кулли мутлақ ва таҷрибаҳои марбут ба онро бо воситаи умури ҳиссӣ ва ҷузъӣ нишон диҳад, ҷузъро тамсилу тасвире барои кулл қарор диҳад» [167, 210]. Аксари ирфоншиносон бар он андешаанд, ки «сувари ҷузъӣ ва ҳиссии шеъри ирфонӣ ба зоти ғайриқобили идроки Ҳақ тааллуқ дорад».

Ба таври умум, муҳаққиқон калимоти хоси забони тасаввуфро ба ду даста тақсим кардаанд: истилоҳоти расмӣ-илмии тасаввуф ва рамзҳои тасвирӣ. Калимоти дастаи аввал вожаҳое ҳастанд,ки дар шумори истилоҳоти расмии тасаввуф даромадаанд, монанди таҷаллӣ, каромот, саҳв, сукр, фано, солик, сулук ва ғайра. Дастаи дувум аз калимоти хоси орифон тавирҳои намодин дар адабиёти ирфонист. Ин тасвирҳо, ки аксаран номи унсур ва падидаҳои табиию ҳиссиянд, ҳар кадом рамзе аз андешаҳои «ногуфтании ориф ва калиди ишорат ба дарёфтҳову маъонии ғайбии суфии шоир ҳастанд» [167,112]. Поягузори ирфони назарӣ Муҳиддин Арабӣ дар осори мансураш дар қатори дигар калимот «сабо»-ро ҳам ба сифати истилоҳи ирфонӣ ба кор бурдааст [199].

Чи тавре ки зикраш рафт, сабо дар фарҳангҳои ирфонӣ ба маъниҳои гуногун шарҳ дода шудааст, аммо маъмултарин маънии рамзии ирфонии сабо ҳамоно «нафаҳоти раҳмонӣ, ки аз ҷиҳати машриқи рӯҳоният ояд» аст. Масалан, Хоҷуи Кирмонӣ як шоири ориф асту аксари калимоти калидӣ, аз ҷумла вожаи «сабо» дар шеъри ӯ ба маънои рамзии ирфонӣ ба кор рафтаанд:

Аз сабо бӯйи рӯҳ мешунавам,

Дами Исӣ магар насими сабост [28, 456].

Сабо дар байти боло ҳамон «нафаҳоти раҳмонист, ки аз ҷиҳати машриқи рӯҳоният» меояд, аз ин сабаб монанди дами ҳазрати Исо ҷонбахшу зиндакунандааст.

Авҳадии Мароғаӣ, ки аз шоирони орифи ин аҳд аст, сaборо бештар ба маънии ирфонӣ ба кор бурдааст:

Эй сабо, аз чамани васл насиме бирасон,

Ки аз ин хонаи тангам дили бемор гирифт [32, 275].

Сабо дар байти боло ба маънии «маърифат ва тавҳид» аст. Шоири ошиқ аз сабо, ки қосид байни ошиқу маъшуқ аст, дархост дорад, то аз чамани васли ҷонон «насим» (таҷаллии ҷамоли илоҳӣ)-е бирасонад. Яъне, ба ваҳдат ва тавҳид бирасад, ки дил аз ин «хонаи танг» (киноя аз дунё) ба ранҷ аст. Наздик ба ҳамин маъниро дар байти зери Ҳофиз мушоҳида мекунем:

Ба бӯйи нофае, к-охир сабо з-он турра бикшояд,

Зи тоби ҷаъди мушкинаш чӣ хун афтод дар дилҳо [59, 41].

Дар шарҳи байти боло навиштаанд: «Ба умеди нофакушоии боди сабо аз турраи зулфи ӯ, аз дасти ҷаъди мушкини ӯ – лобуд аз он ҷиҳат, ки дар қиболи боди сабо муқовимат мекарда ва ба осонӣ кушода намешудааст, то роиҳааш тасаллибахши ошиқон бошад, аз шиддати беқарорию интизорӣ бисёр дилҳо хуну тоқатҳо тоқ шуд» [172,92]. Хулосаи байти боло ин аст, ки ошиқони Ҳақ дар орзуи ин ки инояти Ҳақ ба ишқи онҳо посухе бидиҳад, басе ранҷ мекашанду ғуссаҳо мехӯранд.

Камоли Хуҷандӣ наздик ба маънии болои байти Ҳофиз мегӯяд:

Кушудан зи зулфат гираҳ мушкил аст,

Дар ин шева мӯ мешикофад сабо [52, 35].

Сабои орифонаро мо дар ашъори аксари шоирони асри XIV мушоҳида мекунем. Масалан, Салмони Соваҷӣ аз сабое сухан мегӯяд, ки бӯйи Увайси Қараниро аз Яман ба Ҳиҷоз, ба машоми ҳазрати Муҳаммад (с) расонидааст:

Бод сад ҷони муқаддас ба фидои нафасе,

Сабо бӯйи Увайс аз Яман орад ба Ҳиҷоз [40, 373].

Носири Бухороӣ аз боди сабое сухан ба миён меоварад, ки «ҳадиси ҷон ба ҷонона» мерасонад:

Магар боди сабо гӯяд ҳадиси ҷон ба ҷонона,

Ки набвад шамъи тобонро хабар аз сӯзи парвона [13, 396].

Дар ғазалҳои ирфонии шоирони асри XIV вобаста ба мавзуъ сабо вазифа ё худ «ҳунар»-ҳои зиёде дорад. Ин нақш ё худ ҳунару вазифаҳои сабо бархоста аз хусусият ва сифатҳои сабои табист, ки ҷанбаҳои ирфонӣ ба худ касб кардааст. Дар тасвири шоирони орифи ин аҳд ҳар як нақш ва вазифаву ҳунарҳои боди сабо барои баёни як андешаи ирфонӣ ба кор рафтаанд. Албатта, ин амалҳои боди сабо дар тасаввуроти шоиронаи ин суханварон ба вуқуъ мепайвандад, аммо новобаста аз ин, онҳо поя ва сарчашмаи заминӣ доранд. Яъне, дар ғазали шоирони асри XIV дар баробари маънии ирфонии сабо сояи маъноии луғавии дар ҳар як тасвир он ҳузур дорад.

### II.2.2. Нақш ва вазифаҳои сабои орифона

Сабо дар ашъори шоирони асри XIV вазифа ва нақшҳои зиёде дорад. Муҳимтарин нақш ё худ вазифаи сабо пайк - қосид миёни ошиқу маъшуқ будани ӯст ва маҳз ҳамин амали сабо боиси таваҷҷуҳи шоирон

ва маҳбубияти ӯ гаштааст. Масалан, Ҳофиз саборо «ба хушхабарӣ ҳудҳуди Сулаймон» медонад:

Сабо ба хушхабарӣ ҳудҳуди Сулаймон аст,
Ки муждаи тараб аз гулшани Сабо овард [59, 151].

***

Эй ҳудҳуди сабо, ба Сабо мефиристамат,
Бигар, ки аз куҷо ба куҷо мефиристамат [59, 150].

Дар абёти боло шоир бо воситаи калимоти сабо, ҳудҳуд, Сабо (номи шаҳр) ва Сулаймон дар баробари баёни маънии ирфонӣ ин калимотро чунон чидааст, ки байтҳо оҳанги мусиқоие ба худ гирифтаанд. Дар ривояте, ки аз Сулаймон – пайғамбари банни Исроил нақл мекунанд, ҳудҳуд пайкест, ки Сулаймон ӯро назди Билқис – маликаи шаҳри Сабо мефиристад. Ҳамчунин, тибқи ҳамин ривоят, «Сабо сарзамини ободу пурнеъмат будааст, аммо носипосии қавми Сабо он ободиро ба бод додааст. Аммо дар байти аввал «сабо (шаҳр) киноя аз ҳастии моварои ин ҷаҳони моддист ва боди субҳи баҳор, барои соҳибдиле чун Ҳофиз, паёмовари шодиҳои он сарзамин аст» [102, 432].

Дар байти дувум, ки матлаи ғазали дигар аст, боди сабо ба ҳудуди қосид, ки Билқисро ба дӯстӣ ва байъат бо Сулаймон даъват мекунад, дар як радиф қарор дорад ва ташбеҳ шудааст. Шоир бо назардошти хусусият ва амали ҳудҳуду сабо таркиби шоиронаи «ҳудҳуди сабо» офаридааст. Ваҷҳи ин ташбеҳ ё худ монандӣ ҳамоно қосид, пайк ё худ расул будани онҳост. Ин ҳудҳуд дар «Мантиқ-ут-тайр»-и Шайх Аттор пиру муршид ва раҳнамои мурғон асту онҳоро ба сӯйи Симурғ ҳидоят мекунад. Бино ба гуфтаи Муҳаммад Истеъломӣ, ташбеҳи сабо ба ҳудҳуд «ҳикоят аз он дорад, ки бояд паёми Ҳофизро ба олами варои ин зиндагии дунёӣ бирасонад. Ин пайк метавонад дили Ҳофиз ё рӯҳи Ҳофиз бошад, ки дар ин робита нақши ҳаммонанди ҳудҳуди Сулаймон дорад, аммо сарзамини Сабо дар ин байт бояд кӯйи дӯст бошад. Ва Ҳофиз дил ё рӯҳи худро монанди ҳудҳуди Сулаймон раҳсипори он Сабо мекунад» [102, 302].

Чунон ки дар боби якум мушоҳида кардем, сабо дар шеъри шоирони асрҳои X-XIII низ ба сифати пайк-қосид омадааст. Дар ғазали шоирони асри мавриди таҳқиқ ин хусусият ва ҳунари сабо ба авҷи камоли худ расида, таъбироту таркиботи нав ба нав касб кардааст. Ҳамин пайванди сабо бо ҳудҳуди Сулаймон, ки ҳар ду ҳунари номарасонӣ ва хабароварӣ доранд, пеш аз ҳама, дар ғазали сарҳалқаи шоирони ин аср – Хоҷуи Кирмонӣ ба мушоҳида мерасад:

Эй пайки сабо, ҳоли париченҳраи мо чист?

В-эй мурғи Сулаймон, хабар охир зи Сабо чист? [28, 268]

Хоҷу «пайки сабо»-ро бевосита ба «мурғи Сулаймон», ки ҳамон ҳудҳуд аст, монанд кардааст. Яъне, сабо барои Хоҷу ба масобаи ҳудҳуд барои Сулаймон аст. Чунон ки ҳудҳуд хабари Билқисро аз шаҳри Сабо ба Сулаймон меоварад, шоир умед дорад, ки пайки сабо аз ҳоли «паричеҳра»-аш ба ӯ хабар меоварад. Дар ин байти Хоҷу низ ҷиноси том байни сабои мисраи аввал, ки ҳамон боди сабост ва Сабои мисраи дувум, ки ба маънии шаҳр аст, мавҷуд аст.

Хоҷуи Кирмонӣ аз образи пайғамбар Сулаймон чандин ҷо талмеҳ кардааст ва бо воситаи қиссаи Сулаймон андешаҳои ирфонияшро баён медорад. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки дар ин талмеҳот сабо низ ҳузур дорад. Масалан, ҷойи дигар аз ривояти мӯру Сулаймон қисса мекунад:

Эй сабо, ғулғули булбул ба гулистон бирасон,

Қиссаи мӯр ба даргоҳи Сулаймон бирасон [28,412].

Бинобар гуфтаи муаллифи «Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ» - Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳаққӣ, «лашкари Сулаймон аз ҷину унс ва мурғон бар ӯ гирд буданд, ки Сулаймон бар сарзамини мӯрчагон гузашт. Мӯре ёронро овоз дод, ки ба хонаҳо дар шавед, то Сулаймону ёронаш шуморо фурӯ нашкананд, ки инон намедонанд. Бод ин хабарро ба Сулаймон бурд ва ӯ хандиду гом бозгирифт ва сипоҳ бозистод ва мӯрчаҳо ҳама андар хонаҳо шуданд. Ҳангоми арзи ҳадоё мӯре рони малахе ба армуғон ба пешгоҳи Сулаймон овард ва масали

«армуғони мӯр пой (рон)-и малах аст» аз ин ҷо дар форсӣ шӯҳрат ёфтааст» [27, 475]. Шоири ориф аз сабо, ки қосиди ӯст, хоҳиш дорад, ки номаи ӯ («булбул» - ин ҷо киноя аз ошиқ аст) - ро ба кӯйи дӯст («гулистон» - киноя аз кӯйи дӯст аст) бирасонад. Дар мисраи дувум «мӯр» истиора аз худи шоири ошиқ асту «даргаҳи Сулаймон» кӯйи дӯст.

Ҳофиз аз ривояту Сулаймону мӯр вобаста ба сабо маънои олие баён дошта, ки бархоста аз андешаҳои ирфониии ӯст:

Андар он соат, ки бар пушти сабо банданд зин,

Бо Сулаймон чун биронам ман, ки мӯрам маркаб аст?! [59, 56]

«Дар ин байт, менависад Муҳаммади Истеъломӣ, Сулаймон орифи восил аст, ки бод ба фармони ӯст (Ояи 81-и Сураи «Анбиё») ва гӯё «зин бар пушти боди сабо менихад»-у савори маркаби сабо ба ҳар ҷо меравад. Аммо Ҳофиз,ки худро аз восилон намедонад, ҳамроҳӣ бо восилонро дар тавони худ намебинад. Мӯр ишора ба ояи 16-и Сураи «Намл» дар «Қуръон» аст ва дар ин ҷо сухан аз мӯрест, ки мӯрони дигарро ҳушдор медиҳад, то ба лонаҳои худ бигрезанд, ки мабодо, Сулаймону сипоҳаш онҳоро лагадкӯб кунанд» [102,163]. Бояд зикр кард, ки дар ин байт сабо вобаста ба Сулаймон ба маънии мутлақи бод омадааст, зеро боди сабо «нарму оҳистахез» аст, аммо бод ин ҷо зудҳаракат асту Сулаймонро дар они воҳид аз як ҷо ба ҷойи дигар мебарад. Зимнан бояд гуфт, ки бино ба таҳқиқи ҳофизшиносон, «мӯру Сулаймон дар каломи Ҳофиз ҳамеша тамсилест барои муқоисаи натавонию қудрат» [102,163].

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки шоирони асри XIV аз ривоёти қуръонии пайғамбарон вобаста ба сабову қосидии он истифода кардаанд. Аз ҷумла, пайғамбар Юсуфу пероҳанаш, ки бӯйи висол ба Яъқуби дар ҳаҷрафтода медиҳад, манбаи илҳом гаштааст. Масалан, Хоҷу мегӯяд, ки ба ҷуз аз боди сабо ҳеҷ муждабаре нест, ки хабари зинда будани Юсуфро ба Канъон, ба Яъқуб бирасонад:

Эй азизон, ба ҷуз аз боди сабо ҳеҷ башир,

Хабари Юсуфи гумгашта ба Канъон набарад [28, 342].

Ин насими сабост, ки бӯйи пираҳани Юсуфро аз Миср ба Канъон мерасонад:

Ба ҷуз насими сабо, эй бародарони азиз,

Ки орад аз тарафи Миср бӯйи пираҳанам [28, 487].

Ҷойи дигар возеҳу ошкоро иброз медорад, ки аз насими боди сабо бӯйи пироҳани Юсуфро мешунавад:

Бӯйи пироҳани Юсуф зи сабо мешунавам,

Ё зи бӯстони Ирам нафҳаи бӯйи суманаш [28, 361].

Дар шеъри ирфонӣ мурод аз Юсуф «руҳи шарифи инсонист, ки гирифтори банди зулматкадаи тан гаштааст» [195, 806]. Ҳамон тавре ки Яъқуб бо шамидани бӯйи пироҳани Юсуф дидааш бино гашту ба висол расид, шоири ориф аз боди сабо бӯйи висоли ёрро мешунавад. Аммо барои расидан ба мақоме, ки тавонӣ аз насими сабо бӯйи пираҳани Юсуфро бишнавӣ бояд аз андуҳи Яъқуб хабар дошта бошӣ. Яъне, он салики тариқат метавонад ба мақоми Яъқуб бирасад, ки чун ӯ ранҷи ҳиҷрон кашидаву зинаҳои тариқатро паймуда бошад:

Хабар аз андуҳи Яъқуб надорию муқим,

Бӯйи пироҳани Юсуф зи сабо металабӣ [28, 493].

Дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ ҳангоми тасвири сабо ҳарчанд номе аз Юсуфу Яъқуб ва Мисру Канъон нест, аммо зикри пироҳан қиссаи онҳоро ба ёд меоварад:

Аз сабо чандон бишуд бӯйи ту фош,

Пираҳан кард ин хато бар гарданат [52, 154].

***

Он ки ҳушам бурд аз тан накҳати пероҳанаш,

Гар биёяд боз, бо боди сабо гӯям, ки кист [52,143].

Дар ғазали асри XIV, алалхусус дар он байтҳое, ки шоирон андешаҳои ирфонии худро баён доштаанд, боди сабо бештар маврид ба сифати пайк-қосид миёни ошиқу маъшуқ аст. Дар шеъри ин давра сабо

боди хушу фараҳбахш тасвир шудааст, ки роҳ ба кӯйи маъшуқи азалӣ, ки мазҳари лутфу зебоист, дорад ва бо ӯ ҳамдаму ҳамнишин аст. Маҳз насими сабо аз маъшуқ ба ошиқ паём меоварад ва дарди дили ошиқро ба маъшуқ мерасонад. Солики ошиқ саборо маҳрами асрори худ медонад ва ба воситаи ӯ ба маҳбуб пайғом мефиристаду ҳама умр интизори сабост, то пайғоме аз даҳони дӯст ба ӯ бирасонад. Авҳадии Мароғаӣ мегӯяд:

Эй сабо, аз даҳани ӯ хабаре бирасон,

Ки ба умеди ту моро ҳама айём бирафт [32, 153].

Дар шеъри ирфонӣ «сифати мутакаллимӣ ва ишороту интибоҳоти илоҳиро даҳон гӯянд» [192, 396]. Ин ишороту интибоҳоти илоҳӣ, ки солик дар орзуи он аст, тавассути сабо ба ӯ мерасад, аз ин рӯ ҷони солик ҳамеша интизори мавкаби сабост:

Дар орзуи насиме зи зулфи ту ҷонам,

Ҳамеша мунтазири мавкаби сабо бошад [32, 279].

Ин маънӣ дар ғазали аксари шоирони ин даврон мушоҳида мешавад.  Хоҷуи Кирмонӣ ҷонро фидои боди сабо мекунад, то хабаре аз нигор ба ӯ расонад:

Насими боди сабо, ҷони ман фидои ту бод!

Биё,  гарам хабаре з-он нигор хоҳӣ дод  [28, 486].

Дарвеш Носири Бухороӣ ба «бӯйи боди сабо» ҷон медиҳад, зеро сабо «раҳгузарои бӯстон»-и маъшуқи азалист:

Ба бӯйи боди сабо ҷон ҳамедиҳад Носир,

Ки ҳаст раҳгузари ӯ ба бӯстони шумо  [13,372].

Салмони Совачӣ аз сабо, ки расули дили ӯст, шикоят дорад, ки суст меҷунбад, зеро сабо «ранҷур» аст:

Сабо расули дилам буду суст меҷунбид,

Шамол гуфт: Ту ранҷурӣ, эй сабо биншин! [40, 437]

Шайх Камоли Хуҷандӣ низ «ба сад ҷон харидор»-и бӯйи зулфи нигор аз дасти сабост:

Мо ба сад ҷон бӯйи он зулф аз сабо чун мехарем,

Чун ба дасти мо баҳои як сари мӯйи ту нест [52, 184].

Сабои Убайди Зоконӣ низ бӯе аз ёри ошно дорад:

Ҷон мефазояд, алҳақ, боди сабо саҳаргаҳ,

Моно, ки ҳаст бо ӯ бӯе зи ошноӣ [24,184].

Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, ки аз шоирони охири ин аҳд аст, аз сабои қосид сухан мегӯяд:

Додаам дил ба дасти боди сабо,

Ба ҳавое, ки хоки ӯ гардам [15, 452].

Имомуддини Насимӣ низ ҳозир аст ҷонро фидои қадами боди сабо бикунад, зеро аз боди сабо бӯе аз зулфи ҷонон ёфтааст:

Дилам аз боди сабо бӯйи сари зулфаш ёфт,

Ҷон фидои қадами боди сабо чун накунад? [120, 534]

Беҳтарин тасвирро дар ин масъала дар ғазалиёти Ҳофиз мушоҳида мекунем. Ошиқ ё худ қаҳрамони лирикии ғазали Ҳофиз сабоapprox маҳрами асрори худ медонад ва бо воситаи ӯ ба маъшуқ пайғом мефиристад:

Сабо, аз ишқи ман рамзе бигӯ бо он шаҳи хубон,

Ки сад Ҷамшеду Кайхусрав ғуломи камтарин дорад [59, 133].

Ҳофиз аз боди субҳгоҳӣ, ки қосиди ошиқон аст, хоҳиш дорад, то ба он «шаҳи хубон» (кинояи аз маъшуқи азалӣ, ки дар дили ошиқ салтанат дорад ва шоҳони Пешдодию Каёнӣ чун Ҷамшеду Кайхусрав, ки дунёро зери даст доштанд, камтарин ғуломи вай мебошанд) аз ишқу алоқамандии ӯ сухан бигӯяд.

Алоқамандии Ҳофиз чунон аст, ки чандин ғазалҳои ошиқонаи ӯ бо зикр сабо ё хитоб ба вай оғоз мешавад:

Сабо, ба лутф бигӯ он ғизоли раъноро,

Ки сар ба кӯҳу биёбон ту додаӣ моро [59, 44].

***

Сабо, агар гузаре афтадат ба кишвари дӯст,

Биёр нафҳае аз гесуйи муанбари дӯст [59, 87].

Дар тасвири Ҳофиз боди сабо ягона «шахс»-ест, ки роҳ ба «ҳарими ҳарами ҷонон» дорад ва бо маъшуқ пайванду улфати мудом аст. Ин «мақом»-и сабо дар даргаҳи дӯст эътибори ӯро назди ошиқон баланд бурда, зеро танҳо ба воситаи ӯ метавон ба ҷонон паём фиристод ва ба туфайли ӯ аз ёр хабаре дарёфт кард:

Зи дилбарам кӣ расонад навозиш қаламе?

Куҷост пайки сабо, гар ҳамекунад караме [59, 406].

***

Сабо, зи манзили ҷонон гузар дареғ мадор

В-аз ӯ ба ошиқи бедил хабар дареғ мадор [59, 229].

Мушоҳидаву муқоисаи байтҳои шоирони ин аҳд нишон медиҳад, ки бештарин пайванди боди сабо бо ёр бо воситаи зулфи ӯст. Тақии Пурномдорён менависад: «Ҳузури боди саборо ҷуз дар ҳаракати зулфи маъшуқ наметавон дид ва ҳаракату кушода шудани риштаҳои зулфи маъшуқро низ ба шарти ҳузури насими сабо метавон мушоҳида кард» [144, 376]. Бино ба таҳқиқи Тақии Пурномдорён, «бештарин пайванди сабо бо ёр низ аз тариқи зулфи ёр маҳсус аст. Чаро ки ҳузури боди саборо ҷуз дар ҳаракати зулфи маъшуқ наметавон дид ва ҳаракату кушуда шудани риштаҳои зулфи маъшуқро низ ба шарти ҳузури насими сабо метавон мушоҳида кард» [144, 376]. Воқеан, дар ғазали шоирони ин аҳд вақте саборо дар кӯйи дӯст тасвир мекунанд, макони онро гесуи ёр медонанд. Масалан, Хоҷу мегӯяд:

Дӣ шаб, эй боди сабо, гӯйӣ, ки ҷое будаӣ,

Пойбанди чини зулфи дилкушое будаӣ [28, 483].

Салмони Совҷӣ аз боди сабо малул аст, ки «ҳадиси сари зулф»-и ҷононро ҳама ҷо овоза кард:

Шуд боди сабо бар дили ман сард аз он рӯз,

К-ӯ рафту ҳадиси сари зулфат ҳама ҷо кард [40,267].

Авҳадии Мароғаӣ сабаби ғолиябӯйии саборо аз он медонад, ки рӯзе бар сари зулфи ҷонон гузар кардааст:

Рӯзе насим бар сари зулфаш гузор кард,
З-он рӯз бӯйи ғолия дорад сабо ҳанӯз [32, 321].

Убайд низ иллати муаттари саборо аз чини зулфи ёр медонад:

Сабо дунё муаттар карда, гӯӣ,
Гузар бар зулфи пурчини ту дорад [24, 134].

Имомуддини Насимӣ бӯйи сари зулфи ёрро аз боди сабо дарёфтаву ҳозир аст барои шамидани он ҷонро фидои қадами сабо кунад:

Дилам аз боди сабо бӯйи сари зулфаш ёфт,
Ҷон фидои қадами боди сабо чун накунад? [104, 543]

Носири Бухороӣ дар маънӣ мегӯяд:

Аз зулфи мушкранги ту меҷуст боди субҳ,
Бархост бӯю домани боди сабо гирифт [13, 372].

Камоли Хуҷандӣ аз густохии боди сабо, ки бебокона дар дари ёр мераваду беадобона ба зулфи ӯ дастдарозӣ мекунад, дар ранҷ аст:

Эй сабо, чанд равӣ бар дари ҷонон густох?!
Дар шаби тор бар он зулфи парешон густох ?! [52, 324]

Дараҷаи камоли тасвири қаробати зулфи ёру сабо дар ғазали Ҳофиз аст, ки ҳар куҷо саборо дар манзили ҷонон тасвир мекунад, сухан аз зулфи ёр ба миён меоварад:

Ҳалқаи зулфаш тамошохонаи боди сабост,
Ҷони сад соҳибдил он ҷо бастаи як мӯ бубин [59, 354].

Ҳофиз мегӯяд: «Ҷонҳои соҳибдилон дар ҳалқаҳои зулфи ӯст ва бо вазидани боди сабо ҳалқаҳои зулфу ҷонҳои соҳибдилон бо ҳам дар гардиш дармеоянд. Аммо, ҳамин ҷонҳо ба як мӯ бастаанд ва ин ишқ соҳибдилонро ҳам аз пой дармеоварад» [103,1044].

Ҷойи дигар мегӯяд:

То сари зулфи ту дар дасти насим афтодаст,

Дили савдозада аз ғусса дуним афтодаст [59, 64].

Яъне, аз он замоне, ки вазиши боди сабо зулфи туро парешон кард, дили ошиқу девонаи ман, ки дар хами гесуи ту асир буд, аз ғуссаву ранҷ ду пора гардид.

Азбаски боди сабо қарини зулфи ҷонон аст, аз сабаби ин ҳамдамӣ бӯйи мушку анбар дорад. Соликони тариқат маҳз тавассути боди сабо бӯе аз зулфи ёрро мешаманд ва аз ин рӯ, сабо барои онҳо азизу мукаррам аст. Хоҷуи Кирмонӣ мегӯяд:

Сабо аз туррааш анбарнасим аст,

Насим аз сунбулаш анбарфишон аст [28, 241].

Ҳофиз наздик ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

Сабо, ту накҳати он зулфи мушкбӯ дорӣ,

Ба ёдгор бимонӣ, ки бӯйи ӯ дорӣ [59, 384].

Носири Бухороӣ аз он ки боди сабо маҳрами хилвати ёр асту бӯйи мушкини зулфи ӯро ба ҳама ҷо мепароканад, дар ранҷ аст:

Ҳама ҷо фош шавад зулфи ту чун мушк ба бӯй,

Маҳрами хилват агар боди сабоят бошад [13, 293].

Камоли Хуҷандӣ низ аз он ки «сунбули гесуи ёр» дар дасти сабост, чун лола хунинҷигар аст:

Ҳамчу лола дили ман сӯхта хуни ҷигар аст,

Ки чаро сунбули гесуи ту дар дасти сабост? [52, 78]

Тасвироте, ки шоирони ин аҳд аз сабову зулфи ёр кардаанд, гарчанде барои баёни андешаҳои ирфонист, аммо дар зоҳири абёт камолоти ҳунари шоирии онҳоро нишон медиҳад, ки хеле зебост. Хоҷуи Кирмонӣ, Убайди Зоконӣ, Носири Бухороӣ, Салмони Соваҷӣ ва хусусан Ҳофизи Шерозию Камоли Хуҷандӣ пеш аз он ки ориф бошанд, шоиранд. Аз ин рӯ, ҳунари шоирӣ дар шеъри ин шоирон дар мадди аввал аст. Чунончи, дар масъалаи пайванди сабо бо зулфи ёр, расондани бӯйи зулфи маъшуқ ба машоми ошиқ тавассути боди сабо, ҳаракати боди сабо дар кушодани турраи пурпечутоби ёр аз ҷумлаи масъалаҳоест,

ки мавриди тасвири шоирони ин даврон қарор гирифтааст. Зулф, гесу, турра, чашм абру ва дигар узвҳои андоми ёр ҳар як дар ирфон маъние махсус доранд. Нуктаи ҷолиб он аст, ки дар баробари маънии ирфонии ин калимот маънои зоҳирӣ ё худ луғавии онҳо низ ҳузур доранд, аз ин сабаб ғазали ин давраро ғазали талфиқ мегӯянд. Дар масъалаи алоқамандии боди сабо бо зулфи маъшуқ чандин лаҳзаҳо ба тасвир омадаанд, ки аз нигоҳи ҳунар дар ғазали шоирони ин аҳд дар ҳадди аҳсан аст ва ҳар шоир ба таври махсус тасвирорӣ намудааст.

Кушода шудани ҳалқаҳои турраи ёр низ ба кӯшиши насими сабост ва ҳузури боди сабо танҳо дар зулфи маъшуқ мушоҳида мешавад, ки ҳангоми вазиданаш бӯйи хуши гесуи маъшуқро мепароканад ва мушкилафтодагони роҳи ишқро умеди тоза мебахшад. Яъне, ҳангоми вазидани боди сабо бӯйи зулфи ҷонбахши ёр ба машоми ошиқони тариқи ишқ мерасад ва ин бӯйи хуш сабаб мегардад, ки онҳо ҷони тоза касб кунанду роҳи душворро идома диҳанд:

Чу баршикаст сабо зулфи анбарафшонаш,
Ба ҳар шикаста, ки пайваст, тоза шуд ҷонаш [59, 257].

«Баршикастани зулф» ба маънии печу тоб додани он аст, ки ошиқро беқарор мекунад. Боди сабо,ки пайки ошиқон аст, вақте ба зулфи маъшуқ мевазад, бӯйи хуши онро бо худ мебарад ва ба ошиқ мерасонад. «Зулфи анбарафшон» - ба маънии зулфи хушбӯст. Дар мисраи дувум «шикаста» киноя аз ошиқ аст, яъне, касе, ки шикастаи ишқ аст. Муҳаммад Истеъломӣ дар шарҳи ин байт менависад: «Бӯйи зулфи маъшуқ ҷони ошиқонро тоза мекунад ва дар мавриди ошиқони Ҳақ ин бӯй нахустин манзили дарки олами маъно ва оғози ошноӣ аст, ки таъбири сӯфиёнаи он «завқ» аст» [103,749].

Авҳадии Мароғаӣ бӯйи хуши сари зулфи маъшуқро, ки боди сабо мекушояд, ба кушодани гиреҳи «нофаи хутанӣ» монанд кардааст:

Гӯйӣ, ки нофаи хутаниро гиреҳ кушуд,
Боди сабо, ки аз сари зулфи ту баргирифт [32, 47].

Аз он сабаб ки мафҳуми «нофа» бо зулфу боди сабо дар шеъри ин аҳд бисёр ёд мешавад, шарҳи маънии он аз манфиат холӣ нест. Муҳаммад Муин дар «Фарҳанги Муин» ин мафҳумро чунин шарҳ додааст: «Нофа – кисаест ба ҳаҷми як норинҷ, ки дар зери шиками ҷинси нари оҳуи Хутан, дар зери пӯст, наздики узви таносули ҳайвон қарор дорад ва дорои мунфазест, ки аз он моддаи сиёҳранги равғанишакл хориҷ мегардад, ки бисёр хушбӯю муаттар аст ва мушк гуфта мешавад»[189, 932]. Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ ҳангоми шарҳи байти дувуми нахустғазали девони Ҳофиз аз «Таносухномаи элхонӣ»-и Хоҷа Насириддуни Тӯсӣ тарзи истеҳсоли нофаи хутаниро чунин овардааст: «Оҳуи мушкро бигиранд ва даст ба шикаму андомҳои ӯ моланд, то хуне, ки дар ҳаволии нофи ӯ бошад, ба нофа шавад ва чун сард шавад, бибанданд. Ва чун маълум шавад, ки дигар хун ба он ҷо нахоҳад шуд, нофарои бигиранду биовезанд, то муддати як сол. Ва ҳар хун, ки пеш аз куштани ӯ дар нофа шавад, пораҳое бузург бошад; ва ҳар чӣ қатра-қатра ба он ҷо шуда бошад, чун шофаҳои бастаи маҳкамшуда онро дар миёни мушк бозёбанд ва гуфтаанд, ки (он) оҳу, ки сунбули баҳманин мехӯрад, мушк аз он тавлид мекунад. Аммо анвои мушк беҳтарин мушкҳо мушки хутанӣ бошад, ки аз миёни вилояти Хито оранд...»[172,93]. Тақии Пурномдорён дар «Гумгаштаи лаби дарё» бо такя ба «Муруҷ-ул-заҳаб» дар ин масъала менависад: «Дар диёри Тибету Чин оҳуро ба дом шикор кунанд ва гоҳ бошад онро ба тир бизананду аз по дарояд ва нофаашро бибуранд, ки хун дар он хому нопухта ва тозаву норасида бошад ва бӯйи номатбӯъ диҳад ва чун муддате бимонад, ин бӯйи нохуш биравад ва дар муҷоварати ҳаво табдил ёфта мушк шавад... Беҳтарин мушк он аст, ки дар маҳалли худ пухта шаваду дар нофа бирасад ва дар ҳайвон камол ёбаду моя гирад, зеро табиат мояи хунро ба нофа меронад. Ва чун моядор шаваду бирасад, оҳуро ранҷа дораду хориш падид кунад, сӯйи санге биравад, ки аз ҳарорати офтоб гарм шуда бошад ва худро ба он бихораду лаззат барад ва нофа бишкофаду ба санг резад... Мардуми Тибет дар чарогоҳҳои оҳу миёни сангҳову кӯҳҳо бигарданд ва хуни

хушкидаи моядорро, ки дар нофаи ҳайвон расидаву офтоб онро хушконида ва ҳаво дар он асар карда бичӯянду бигиранд ва ин беҳтарин намунаи мушк аст»[144, 372].

Мурод аз нақли сарчашмаҳо он аст, ки ба даст овардани нофаи хутанӣ кори осон несту заҳмату вақти зиёд талаб мекунад ва на ҳар солики тариқат аз насими зулфи ёр бархӯрдор мешавад. Баҳрабардорӣ аз бӯйи зулфи маъшуқ, монанди нофакушоию ранҷу заҳмати зиёд металабад. Ин бахт, яъне шамидани бӯйи мушкини зулфи маъшуқ ба осонӣ ва ба ҳар солики тариқат муяссар намегардад:

Ба бӯйи нофае, к-охир сабо з-он турра бикшояд,

Зи тоби ҷаъди мушкинаш чӣ хун афтод дар дилҳо [59, 41]

Яъне, «дар ин умед, ки боди сабо атрии гесуи ҷононро бипароканад ва ба машоми муштоқон бирасонад, аз шиддати беқарорӣ ва интизорӣ дилҳои ошиқони бисёре хун гашт» [172, 92]. Монанди ба даст овардани нофаи хутанӣ гиреҳкушоии сабо аз зулфи ёр низ ба осонӣ даст намедиҳад. Камоли Хуҷандӣ дар ин маънӣ мегӯяд:

Кушудан зи зулфат гиреҳ мушкил аст,

Дар ин шева мӯ мешикофад сабо [52,35].

«Мӯшикоф» касеро мегӯянд, ки бисёр дақиқу борикбин аст ва «мӯшикофӣ кардан» ба маънии диққати бисёр ба кор бурдан аст. Яъне, сабо ин ҷо ба масобаи инсони борикбину дақиқназар ба тасвир омада, ки аз зулфи ҷонон гиреҳ боз мекунад ва ҳамон амалеро анҷом медиҳад, ки ҳангоми нофакушоӣ анҷом медиҳанд.

Ташбеҳи бӯйи зулфи ёр ба нофаи Хутан ё нофаи Чин дар ашъори аксари шоирони ин аҳд ба назар мерасад. Масалан, Хоҷу гӯяд:

Чӣ бод аст он ки меояд, ки бӯйи ёри мо дорад,

Сабо дар ҷайб гӯйӣ нофаи мушки Хито дорад [28,296].

Авҳадии Мароғаӣ мегӯяд:

Дасти субҳ аз чини зулфи анбаромезад ба лутф,

Нофаҳо дар домани боди сабо хоҳад ниҳод [32, 235].

Носири Бухорой мегӯяд:

Аз сабо гар дар сари зулфи ту чин хоҳад фитод,
Дил ки дар Ҳиндустон гум шуд, ба Чин хоҳад фитод [13,284].

Ибни Ямин:

Ё Раб, ин бӯйи хуш аз зулфи дилороми ман аст,
Ё сабо ҳамнафаси нофаи мушки Хутан аст [43,337].

Убайди Зоконӣ мегӯяд:

Нофакушо шуда сабо, ғолиясо насими гул,
Ваҳ, ки чӣ нозанин бувад гулрухи анбаринкулаҳ [24, 158].

Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ:

Гар зи чини сунбули зулфаш сабо бӯе барад,
Нофаи мушки Хутан гирад ба ҳар сӯе барад [15,267].

Вале аксари шоирон бар он андешаанд, ки нофаи Чину Хитову Хутан ҳеч арзише дар баробари бӯйи муанбари зулфи ёр надоранд. Масалан, Хоҷуи Кирмонӣ бар он аст, ки агар сабо накҳати зулфи ёрро ба Чин бибарад, нофаи Тотор (ҳамон нофаи хутанӣ ё чинӣ )-ро аз рашку ҳасад, ки дар баробари он беарзиш аст, «хуни дил бар ҷигараш меафтад»:

Гар барад боди сабо накҳати зулфи ту ба Чин,
Хуни дил дар ҷигари нофаи Тотор афтад [28, 183].

Салмони Соваҷӣ ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

Агар насими сабо гарде аз дарат ёбад,
Басе, ки мушки Хутанро диҳад ҷигархорӣ [40, 437].

Ибни Ямини Фарюмадӣ наздик ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

Сабо аз чини зулфи ӯ насиме гар ба Чин орад,
Даруни нофа хун гардад дигар раҳ мушки ноб аз ғам [43,268].

Носири Бухорой мегӯяд:

Зи зулфи ту ба хато гар сабо барад як чин,
Шавад чу зулфи ту бар бод бӯйи нофаи Чин [14, 455].

Ш.Р. Исрофилниё дар шарҳи байти болои Носири Бухорой менависанд: «Агар боди сабо шикане аз сари зулфи туро ба Чин бибарад, зулфи ту арзиши нофаи Чинро барбод медиҳад. Яъне, аз бӯйи муаттари шикани зулфи ту нофаи Чин қимати худро аз даст медиҳад» [98, 180]. Дар байти дигар Носири Бухорой бӯйи зулфи ёрро мусулмону нофаи Чинро бутпараст донистааст:

Боди сабо зи фарқи ту бӯе ба Чин расонд,

Шуд фарқ дар миёни мусулмону бутпараст [14, 321].

Имомуддини Насимӣ мегӯяд, ки вақте боди сабо бӯйи зулфи туро ба машоми оҳуи Чин расонд, оҳуи чинӣ аз хиҷолат нофаи худро зери пояш пинҳон кард:

То дам аз бӯйи сари зулфи ту зад боди сабо,

Оҳуи Чин нофаи худро ба зери по гирифт [205,124].

Чунон ки зикраш рафт, қаробати сабо бо маъшуқ бо воситаи зулфи ӯст, зеро боди сабо низ монанди дилҳои ошиқон, ки дар чину шикани зулфи ёр гирифторанд, асиру дилбастаи зулфи маъшуқ аст. Аммо ошиқонро ба зулфи ёр дастрасе нест, ҳол он ки сабо пайваста қарини зулфи ёр асту «пардадори ҳарими ҳурмати ӯст»:

Ман кӣ бошам дар он ҳарам, ки сабо

Пардадори ҳарими ҳурмати ӯст [59, 82].

Муҳаммади Истеъломӣ менависад: « Он ҳарам, ки сабо пардадори ҳарими ҳурмати ӯст, пешгоҳи Ҳақ ва олами маъност, ки ҳар касе ба дарки асрори он роҳ надорад. Сабо ҳам пардадор аст ва ба даруни он сарорпарда намевазад» [102, 224]. Ин маънӣ, яъне ошиқу дилбастаи маъшуқ ва асри зулфи ёр будани сaборо шоирони дигари ин даврон низ таъкид кардаанд. Хоҷуи Кирмонӣ гӯяд:

Дӣ шаб, эй боди сабо, гӯйӣ, ки ҷое будаӣ,

Пойбанди чини зулфи дилкушое будаӣ [28, 472].

Бояд зикр кард, ки зулф дар истилоҳи орифон «киноя аз мартабаи имконӣ аз куллиёту ҷузъиёт ва маъқулоту маҳсусот ва арвоҳу аҷсом ва

ҷавоҳиру эъроз аст» [192, 442]. Ҳамчунин, дар истилоҳи сӯфиён омада, ки «зулф киноя аз зулмати куфр аст». Фахруддини Ироқӣ дар фарҳанги худ дар мавриди зулф мегӯяд: «Зулф – ғайбати ҳувиятро гӯянд, ҳеҷ касро бад-он роҳ нест» [192,443]. Муаллифи китоби «Шарҳи истилоҳоти тасаввуф» ҳангоми тафсири калимаи зулф менависад: «Зулф - дар истилоҳи ирфонӣ ба маънии таҷаллии ҷалолӣ дар сувари ҷисмонӣ ва сифоти худовандӣ ва низ зулфро ба касрат ташбеҳ кардаанд, чунон ки рӯйро ба ваҳдат ва бархе зулфро ҷазбаи илоҳӣ гуфтаанд. Ва гоҳе ба маънии қурбу наздикӣ ба Ҳақ медиҳад ва гоҳе сифоти ҷалолию таҷаллиёти ҷамолиро гӯянд. Зулф киноят аст аз куфру ҳиҷоб ва ашколу шубҳат ва ҳар чизе, ки мардро маҳҷуб кунад нисбат ба ҳоли ӯ» [192, 1107].

Салмони Соваҷӣ мегӯяд, ки сабо аз он замон, ки аз сари хоки анбарини маъшуқ бӯй бурд, ба сад дил ошиқи ӯ шуд ва маҳз аз ин сабаб номаш сабост:

То сабо аз сари хоки анбаринат бурд бӯй,

Ошиқи ӯ шуд ба сад дил з-ин сабаб номаш сабост [40, 127].

Ошиқии сабо то ба ҳаддест, ки Салмони Соваҷӣ ба булбул, ки рамзи ошиқи шайдост, маслиҳат медиҳад, ки ишқ аз сабо биёмӯзад:

Булбуло, зи сабо ишқ биёмӯз, ки умре

Ҷон додаву хушнуд ба бӯе аз гули сурист [40, 139].

Носири Бухороӣ ба таври возеҳ иброз медорад, ки ӯву сабо пойбанди зулфи нигор шудаанд:

Дар доми зулфи ту ману боди сабо шудем,

Ман сайди қайд гаштаму боди сабо биҷаст [13, 393].

Миёни боди сабо ва ошиқ монандӣ ё худ ҳамдардие вуҷуд дорад ва ин монанди ҳамон ошиқӣ ва беҳосиливу саргардонии ҳар дуи онҳост. «Ҳамон гуна ки дилҳои ошиқон дар чину шикани силсилаи зулфи ёр асир аст, боди сабо низ асиру дилбастаи зулфи маъшуқ аст» [172, 376]. Дар

тасвири Ҳофиз «зулфи дилдузд»-и ёр ҳамон гуна ки дили ошиқон асри ӯст, сабоpo низ «банд бар гардан» ниҳодааст:

Зулфи дилдуздаш сабоpo банд бар гардан ниҳод.

Бо ҳаводорони раҳрав ҳилаи ҳинду бубин [59, 354].

«Зулфи дилдузд» зулфест, ки дилҳоро мерабояд. Дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ дили ошиқон аслан дар шиканҷи сари зулфи маъшуқ аст. Аз ҳамин сабаб шоир ба зулф ҳунари дуздиро додааст. Ҳамин зулфи сиёҳ дар мисраи дувум ба «ҳинду» ташбеҳ шуда, ки дар роҳҳо камин мекунаду моли мусофиронро медуздад. Боди сабо дар гирди зулфи маъшуқ мегардад ва «ҳаводор»-и ӯст. «Ҳаводори раҳрав», яъне дӯсти мувофиқ ва сар ба роҳ. Шоир мегӯяд: Зулфи маъшуқ на танҳо дили ошиқон, балки боди сабоpo ҳам асири ишқи худ карда ва дили боди сабоpo ҳам, ки ҳаводори ӯст, рабудааст.

Дар тасвири Ҳофиз ошиқ ё худ қаҳрамони лирикӣ агар  аз афсуни чашми ёр маст аст, сабо сармаст ва девонаву рақсон аз бӯйи гесуи ӯст:

Ману боди сабо мискин ду саргардони беҳосил,

Ман аз афсуни чашмат масту ӯ аз бӯйи гесуят [59, 114].

***

Сад боди сабо ин ҷо бо силсила мерақсанд,

Ин аст ҳариф, эй дил, то бод напаймоӣ [59, 428].

Ҳунар ё худ вазифаи дигари сабо нигаҳбони маъшуқа ва ё чунон ки дар байти Ҳофиз мушоҳида кардем, «пардадори ҳарими ҳурмати ӯст». Дар шеъри асри XIV ва асрҳои пешин низ нигаҳбону муҳофиз ва дарбони маъшуқаро рақиб мегуфтанд. Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ менависад: «Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки дар шеъри Ҳофиз ва адабиёти қадими қабл аз ӯ рақиб ба маънии имрӯзӣ, яъне рақиби ишқӣ нест, балки ба маънии нигаҳбону муҳофиз, дарбон ва назоири он аст» [173, 12]. Аммо сабо дар баробари муҳофизу нигаҳбони маъшуқа  будан ошиқи ӯ низ ҳаст. Яъне , сабо рақиби ишқии қаҳрамони лирикӣ ҳам ҳаст. Масалан, дар тасвири Хоҷуи Кирмонӣ  агар ғунчаи гул худро ба даҳони танги маъшуқа монанд кунад, сабо ҳамон замон даҳонашро «медарад»:

Агар зи пистаи танги ту дам занад ғунча,

Насими боди сабо дар дамаш даҳан бидарад [28, 386].

Бояд зикр кард, ки дар байти болои Хоҷу дар баробари маънии ирфонӣ маънии зоҳирии он низ ҳузур дорад. Дар тасвири шоирони мо даҳони маҳбуба чунон тангу ноаён аст, монанди миёни маъшуқа, ки монанди мӯй аст. «Писта» дар байти боло истиора аз даҳони маҳбуб аст. Ғунчаи гул ба даҳони танги маъшуқ  монанд шудааст. Аммо шоир аз ин ташбеҳи худ нороҳат асту ташбеҳи даҳони ёрро ба ғунча туҳмат дар хаққи ёр медонад. Аз ин сабаб, ба воситаи сабо даҳони ғунчаро «медарад». «Даридан»-и даҳони ғунча тавассути сабо як амали воқеист. Вақте боди сабо мевазад, даҳони гунчаи гул кушода мешавад. Ба ин маънӣ дар адабиёти шифоҳӣ шеъре ҳаст: «Агар боди сабо пайдо намешуд, даҳони ғунчаи гул во намешуд».

Муҳофиз ва пардадори номуси маъшуқ будани сабо дар байти зери Салмони Соваҷӣ хеле барҷаста тасвир ёфтааст:

Ғунчаро пеши даҳони ту сабо хандон ёфт,

Ончунон бар даҳанаш зад, ки даҳан пурхун шуд [40, 351].

Муроди шоир аз «хандидани ғунча» шукуфтани ғунчаи гул аст. Дар тахайюлоти шоир ғунчаи гул аз он ки худро бо даҳони маҳбуба монанд дид, «хандон» шуд. Муҳофизи маҳбуба - сабо аз ин амали ғунча (он ки худро бо даҳани маҳбубаи шоир монанд кард) ба хашм омаду чунон ба даҳонаш зад, ки даҳони ғунча пур аз хун шуд. Аслан, ин ҷо тасвири баҳор асту бас. Вақте боди сабо мевазад,  ғунчаҳои гул во мешавад ва сурхии даруни гулбаргҳо намоён мешаванд. Ҳамон намоён шудани сурхии даруни гулбаргҳои ғунча дар тасвири шоир «пурхун шудани даҳони ғунча» аст.

Носири Бухороӣ наздик ба маънии байти Салмон мегӯяд:

Саҳаргаҳ бо лаби ту ғунча зад лоф,

Сабо бархост, хокаш дар даҳон кард [13, 296].

Яъне, субҳ бо вазидани боди сабо ғунчаи гул шукуфт ва бо такрор вазидани сабо баргҳои гул аз ҳам ҷудову парешон шуданд. Ин амали одӣ, ки дар фасли баҳор ба вуқӯъ меояд, дар коркарди тахайюлоти шоири ориф ғунчаи гул лоф зад, ки лаби ӯ бо лаби маъшуқ ҳамсон аст. Аз ин амали ғунча нигаҳбони маъшуқ – сабо дар қаҳр шуду ғунчаро ба хок яксон кард.

Нуктаи ҷолиб он аст, ки Носири Бухороӣ ин «лоф»-и ғунчаи гулро тавассути боди сабо медонад. Яъне, ғунчаи гул бӯйи маъшуқ ва монандии лаби ӯро бо худ аз боди сабо шунидааст:

Сабо то дод гулро аз ту бӯе,

Гул аз шодӣ ба пироҳан нағунҷад [13, 273].

***

Сабо то гуфт пайғоми ту бо гул,

Ба ҳам н–омад лабаш аз ханда ҳаргиз [13,384].

Ҷойи дигар ин маъниро ба таври дигар баён мекунад:

Сабо бӯе зи хоки кӯят овард,

Ки гул чоке ба ҷайби пираҳан зад [13,279].

Ҳамин маънии дар боло зикршуда дар тасвири Камоли Хуҷандӣ ҷилваи дигар дорад:

Гул лофи ҳусн бо рухи он сарвқад задаст,

Боди сабо-ш нек бизан, гӯ, ки бад задаст [52,107].

***

Гӯиё ғунча ба он лаб зи латофат дам зад,

Ки даҳон хурд кунад боди сабо аз заданаш [52, 313].

***

Ба рӯят даъвии хубӣ чу домангир шуд гулро,

Бар ин туҳмат намедорад сабо даст аз гиребонаш [52, 314].

Дар абёти Камоли Хуҷандӣ масдари «задан» хеле ҳунармандона ба кор рафтааст. Дар мисраи аввали байти якум гул аз он лоф

«мезанад», ки ҳусни ӯ бо рухи маҳбубаи шоир монанд аст. Шоир саборо мефармояд, ки гулро «бизанад», зеро гул «лофи бад» задаст. Дар байти дувум таъбири «хурд кардани даҳон» ба маънии «ба даҳон задан» имрӯз ҳам дар забони тоҷикӣ ба кор меравад.

Ҷойи дигар Камол бар он аст, ки бино ба он сабаб, ки ғунча худро дар кӯчакдаҳанӣ даъвои ба даҳони маъшуқ монандӣ кард,боди сабо бо «задан» ӯро тавба дод, то дигар чунин даъвии беҳуда накунад:

Пеши лабҳои ту аз даъвии кӯчакдаҳанӣ

Ғунчаҳоро ба задан боди сабо тавба диҳад [52, 178].

Ҳамчунин , Камол мегӯяд, ки даҳони маъшуқ айби даҳони ғунчаро ошкор кард ва аз сабо хоҳиш мекунад,ки айби ғунчаро бипӯшонад, то касе ӯро набинад:

Даҳонаш кард айби ғунча зоҳир,

Бар он айб, эй сабо, доман фурӯ пӯш [52, 311].

Дар тасвири Ҳофиз ин вазифаи ё худ ҳунари сабо ба нуктаи камоли худ меравад. Пеш аз ҳама, дар шеъри Ҳофиз сабо «пардадори ҳарими ҳарами дӯст» аст ва ҳар ки даъвои баробарӣ бо ҳусни маъшуқ мекунад, сабо хок бар даҳонаш мезанад:

Мехост гул, ки дам занад аз рангу бӯйи дӯст,

Аз ғайрати сабо нафасаш дар даҳон гирифт [59, 105].

Муроди шоир аз таркиби «дам задан аз рангу бӯйи дӯст» худро ба он монанд кардан ва гуфтан ин ки ман низ чунин рангу бӯе дорам. «Ғайрати сабо», яъне, рашки сабо аст. Сабо тоқат надорад, ки касе дар бораи дӯст сухан гӯяд ва ё ин ки худро баробари ӯ бидонад. Боди сабо, ки бӯйи дӯстро меоварад ва агар гул аз рангу бӯйи дӯст сухан бигӯяд ва худро бо ӯ муқоиса кунад, даҳони гулро «медарад» ва ӯро аз сухан гуфтан боз медорад.

Бояд зикр кард, ки «ғайрат», яъне рашку ҳасад ин ҷо бештар ба маънии хашм омадааст ва бо «ғайрат»-и шеъри орифона рабте надорад.Ҷойи дигар наздик ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

Зи шарми он ки ба рӯйи ту нисбаташ кардам,

Суман ба дасти сабо хок дар даҳон андохт [59, 53].

Ҳофиз бо калимаи *сабо* ибора месозад, дар байти боло «дасти сабо» изофаи истиорӣ аст. Дар тахайюли шоир сабо ба сурати инсоне муҷассам шудааст, ки даст дорад ва хок бар даҳони касе меандозад. Дасти сабо ин ҷо ҳамон амвоҷи латифи насими саҳарист.

«Нисбат кардан» дар ин ҷо ба маънии монанд кардан, ташбеҳ кардан омадааст. «Хок дар даҳон андохтан» - киноя аз ниҳояти хорӣ ва ғалаткорист» [185,1381,162]. Аммо «хок» дар танҳоӣ ин ҷо гардҳои гул аст, ки бо вазидани боди сабо аз рӯйи як гул ба рӯйи гули дигар менишинад. Шоир мегӯяд: Суманро ба рӯйи ту монанд кардам, суман аз шарми ин ташбеҳи ман бо дасти боди сабо хок дар даҳон андохту гуфт, ки ман дам намезанам, зеро ин ташбеҳи иштибоҳ аст.

Сифати дигари сабо ғаммозӣ ва суханчинии ӯст, шоирони асри XIV борҳо ба ғаммозии сабо ишора намудаанд. Масалан, Ҳофизи Шерозӣ хитоб ба маъшуқ мегӯяд:

Туро сабову маро оби дида шуд ғаммоз,

В-агарна ошиқу маъшуқ роздоронанд [59,190].

Яъне, «сабо барои ту ва ашки чашм барои ман суханчин шуданд, вагарна ошиқу маъшуқ роздор ҳастанд» (79, 188). Шоир бо киноя мегӯяд: Ману ту ҳаргиз ишқи худро ба касе нагуфтем, зеро ошиқу маъшуқ ҳамеша рози худро пӯшида нигоҳ медоранд. Боди сабо бӯйи туро ҳама ҷо пароканда кард ва мани ошиқ бӯйи зулфи туро шамидаму ашк аз чашмам ҷорӣ шуд ва ҳама диданду фаҳмиданд, ки ман ошиқи ту ҳастам.

Ҷойи дигар мегӯяд:

Чу доми турра афшонад зи гарди хотири ушшоқ,

Ба ғаммози сабо гӯяд, ки рози мо ниҳон дорад [59,131].

Яъне, «ҳангоме ки маъшуқ зулфи худро метаконад ва фикру орзуи ошиқон аз зулфи ӯ фурӯ мерезад, лутфан ба сабо бигӯед, ки рози ошиқонро ҳама ҷо фош накунад» [151, 371].

Носири Бухороӣ низ аз ғаммозии боди сабо дар ранҷ аст:

Ҳама ҷо фош шавад зулфи ту чун мушк ба бӯй,
Маҳрами хилват агар боди сабоят бошад [14, 393].

Дар байти болои Носир рашки ошиқ ба сабо мушоҳида мешавад. Аз он ҷо, ки «ошиқу маъшуқ роздоронанд», сабо рози онҳоро фош месозад, ошиқ намехоҳад, ки сабо маҳрами хилвати ёр бошад. Ҷойи дигар қаҳрамони лирикӣ хоҳони он аст ё худ орзу дорад, ки чун сабо гирди кӯйи ёр гардад, то бӯйи маъшуқ ба машомаш бештар расад:

Хоҳам чу сабо гирди сари кӯйи ту гаштан,
Бо бод баромехта, бар бӯйи ту гаштан [14, 486].

Аммо маъшуқ намехоҳад касе гирди кӯйи ӯ гардад, то ҳадиси ӯ ба гӯши номаҳрамон нарасад, ки бадгӯӣ кунанд:

Гуфтӣ, ки чун боди сабо ҳар дам маё дар кӯйи ман,
Ногаҳ мабод аз ҳоли ман бӯе барад бадгӯйи ман [14, 482].

Камоли Хуҷандӣ ошкоро саборо ба он гунаҳкор медонад, ки бӯйи маъшукро ҳама пароканда кардааст:

Аз сабо чандон бишуд бӯйи ту фош,
Пираҳан кард ин хато бар гарданат [52, 158].

Камол ба сабо таъкид мекунад, то рози маъшуқро ниҳон дораду назди касе дам назанад:

Рози маъшуқ ҳадисест ниҳон доштанӣ,
Эй сабо, пеши кас аз қиссаи мо дам назанӣ ?! [52, 449]

Салмони Соваҷӣ низ шикоят аз боди сабо дорад, ки “ҳадиси сари зулфи ҷонон”-ро ҳама ҷо фош кардааст:

Шуд боди сабо бар дили ман сард аз он рӯз,
К-ӯ рафту ҳадиси сари зулфат ҳама ҷо кард [40, 287].

Аз сабаби ғаммозию суханчинӣ ва бештар аз он ки сабо маҳрами асрори маъшуқ асту ошиқ бенасиб, қаҳрамони лирикӣ сaборо накуҳиш мекунад ва аз “ҳаракатҳои хунук”-и сабо дар хашм аст. Масалан, Камоли Хуҷандӣ мегӯяд:

Бас кун, эй боди сабо, ин ҳаракатҳои хунук!

Чанд кардан ба ҳавои худ аз он сӯй гузар?! [52, 293]

Камол аз он ки сабо ба кӯйи дӯст гузар дорад, дар хашм асту ин амали ӯро “ҳаракатҳои хунук” номидааст. Бояд зикр кард, ки калимаи “хунук” дар байти болои Камол на ба маънои “хуш, форам, осуда, фориғбол, роҳат”, ки дар шеъри аҳди классикӣ ба назар мерасад, ба кор рафтааст, балки ба маънии имрӯзӣ, ки дар забони тоҷикӣ ба кор меравад (безеб, нофорам, номуносиб, нохуб), истифода шудааст. Ҷойи дигар шоир caбоpo дуои бад мекунад, ки чун шона ба зулфи ёр рафтааст ва таъкид мекунад, ки бо ин амал сарашро барбод хоҳад дод:

Сабо, бодат бурида по ба сад ҷо,

Чаро дар зулфи ӯ чун шона рафтӣ ?! [52, 409]

***

Эй сабо, то кай ба зулфи ёр бозӣ мекунӣ?

Сар диҳӣ бар бод, чун бисёр бозӣ мекунӣ [52, 444].

Салмони Совաҷӣ аз дасти сабо шикоят ба маъшуқ мебарад, ки бору ранҷи ӯро ошиқ мекашаду чаро сабо парда аз рӯйи ӯро мекашаду ҷамоли беназирашро сер мебинад:

Бори ту ман мекашам,ҷаври ту ман мебарам,

Парда аз рӯят чаро боди сабо мекашад? [40, 328]

Қаҳрамони лирикии ғазали Салмон тарс аз он дорад, ки сабои чун ӯ дилбохтаи маъшуқ («шӯрида») густохӣ мекунаду ногоҳ ҳалқаи зулфи маъшуқро меҷунбонад ва оламеро дар шӯр меандозад:

Сабо шӯридаи савдои зулфи ӯст, метарсам,

Ки густохӣ кунад ногаҳ бар он дар, ҳалқа ҷунбонад [40, 392].

Рашки қаҳрамони лирикии ғазали Носир то ба ҳаддест, ки мехоҳад саборо, ки ба гирди ёр мегардад, пойи ӯро қатъ кунад:

Агар боди сабо гардад ба гирдат,

Зи ғайрат пай канам боди саборо [14, 306].

«Пай кардан» - ин ҷо ба маънии буридан, қатъ кардан ва «ғайрат» ба маънии рашку ҳасад омадааст ва бо «ғайрат»-и ирфонӣ рабте надорад.

Қаҳрамони лирикии Ҳофиз бошад аз беаҳдии сабо шикоят дорад ва бар он ақида аст, ки набояд такя ба қавли боди сабову маъшуқ кард:

Даст дар ҳалқаи он зулфи дуто натвон кард,

Такя бар аҳди туву боди сабо натвон кард [59,144].

Бояд зикр кард, ки ин байт матлаи яке аз ғазалҳои ирфонии Ҳофиз аст, ки шоири ориф дар он аз монеаҳо ва мушкилоти тариқати ишқ сухан мегӯяд. Дар ин байт ҳама калимоту таъбирот ба ҷуз аз маъноии луғавӣ, ба маънии рамзии ирфонӣ ба кор рафтаанд. «Зулфи дуто» - зулфест, ки чину шикан дорад ва дунболаи он хамидаасту дили ошиқ чун гӯй дар ҳалқаи он чавгон меафтад. Дар ғазали форсӣ- тоҷикӣ маъшуқ, умуман ба аҳди худ вафо намекунад. Дар ғазалҳои ирфонӣ низ ҳамчунин, маъшуқи абадию азалӣ аҳдшикан асту ба висоли ӯ расидан осон нест. Сабо, ки бо маъшуқ ҳамнишин аст, ба ваъдаву аҳди ӯ низ наметавон эътимод дошт, ки оё паёми ошиқонро ба маъшуқ мерасонад ё на?

Ҷойи дигар шоири ориф бо сабо дар «гуфтушунид» асту аз боди сабо хоҳиш дорад, ки «аз шоми сари зулф»-и дилдор ҳар ҷо сухан нагӯяд, то номаҳрамон аз рози ошиқу маъшуқ бохабар нагарданд:

То дам аз шоми сари зулфи ту ҳар ҷо назанад,

Бо сабо гуфтушунидам саҳаре нест, ки нест [59, 96].

Сабо дар байти боло равзанае аст, ки рози олами ғайбро ба орифи солик мекушояд. Аз сабаби он ки ҳар кас шоистаи дарки асрори ғайб нест, шоир аз сабо мехоҳад, ки рози олами ғайбро ба ҳар кас нагӯяд. Бино ба қавли Муҳаммад Истеъломӣ, «шоми сари зулф» ба ин маънӣ аст, ки зулф киноя аз роҳи дарози ишқ аст ва ин роҳ барои ноаҳлон чун шаб торик аст» [102, 263].

Гоҳе ошиқ саборо ҳам маҳрами асрор намедонад ва аз ҷон, ки роҳе ба олами маъно дорад, хоҳиш мекунад, ки ҳадиси ҳиҷронро ба дилдор

тавре бигӯяд, ки боди сабо хабар наёбад, вагарна рози мо ифшо мешавад, зеро сабо ғаммоз аст:

Эй ҷон, ҳадиси мо бари дилдор бозгӯй,

Лекин чунон магӯ, ки саборо хабар шавад [59,214].

Бино ба шарҳи шореҳон, «Ҷони Ҳофиз роҳе ба олами маъно дорад ва дилдор Ҳақ аст. Аммо пайванди ин ошиқ бо он маҳбуби азалу абад розест миёни Ҳақ ва ҷони Ҳофиз ва ин роз ё шарҳи ин ҳиҷрону ин хуни ҷигарро ба ағёр набояд гуфт. Боди сабо ҳам дар ин пайванд бегона асту набояд рози Ҳофизро бишнавад» [102, 614].

Дар байти мақтаи ғазале, ки байти боло аз он аст, мегӯяд:

Ҳофиз, чу нофаи сари зулфаш ба дасти туст,

Дам даркаш, арна, боди саборо хабар шавад [59, 214].

Муроди шоир аз «нофаи сари зулф»- бӯйи хуши сари зулфи ёр аст. «Дам даркаш», яъне сухан магӯ, сокит бош. Ҳофиз дар тариқати ишқ ба мақоми баланд расида, ки ба маъшуқи абадию азалӣ наздик асту метавонад ба сари зулфи ӯ, ки  чун нофаи мушк хушбӯй аст, даст расонад, аммо бояд одоб нигоҳ дораду сухан нагӯяд. Ин розро ба ҳеҷ кас, ҳатто ба боди сабо нагӯяд, ки сабо ғаммозу суханчин асту чун аз сирри ошиқу маъшуқ бохабар шуд, онро фош месозад, зеро фош шудани ин роз хатарҳо дар пеш дорад. Салмони Соваҷӣ наздик ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

Бо сари зулфат маро сарбаста розе ҳаст аз он

Дам намеёрам задан, тарсам сабо бӯе барад [40, 264].

Аз сӯйи дигар, ин ғаммозии Сабо ба суди ошиқ аст, яъне сабо атри гесуи маъшуқро ба машоми ошиқ мерасонад ва маҳз тавассути сабо, ки бӯйи зулфи маъшуқро мепароканад, ошиқ аз дами ӯ каломи маҳбубро мешунавад. Хоҷуи Кирмонӣ  ба ин маънӣ мегӯяд:

Зи роҳи банданавозӣ магар насими сабо,

Зи дӯстон хабаре сӯйи дӯстон орад [28, 237].

Авҳадии Мароғаӣ умед бар он дорад, ки сабо хабаре аз даҳони маъшуқи азалӣ ба ӯ расонад:

Эй сабо, аз даҳани ӯ хабаре бирасон,
Ки ба умеди ту моро ҳама айём бирафт [32, 128].

Бояд зикр кард, ки дар истилоҳи орифон «сифати мутакаллимӣ ва ишороту интибоҳоти илоҳиро даҳон гӯянд» [192,396]. Дар шеъри шоирони асри XIV калимаи «даҳон» ба ин маънии зикршуда дар робита бо боди сабо бисёр ба кор рафтааст.

Убайди Зоконӣ низ умед ба боди сабо дорад, ки бо бӯйи зулфи ёр димоғи ӯро муаттар мекунад:

То бӯйи зулфи ёр намеоварад сабо,
Аз бӯйи ӯ димоғ муаттар намешавад [24,130].

Носири Бухороӣ ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

Медод сабо бӯйи ту, дил рафт ба он бӯй,
Аз бод дили гумшуда бар бӯйи ту бигзашт [14, 283].

Ҳофизи Шерозӣ мегӯяд:

Бӯйи хуши ту ҳар ки зи боди сабо шунид,
Аз ёри ошно сухани ошно шунид [59, 227].

Камоли Хуҷандӣ бо тазмини байте аз Ҳофиз наздик ба маънии зикршуда мегӯяд:

Сабо зи дӯст паёме ба сӯйи мо овард,
Ба ҳамдамони куҳан дӯстӣ ба ҷо овард.
Расид боди масеҳодам, эй дили бемор,
«Барор сар, ки табиб омаду даво овард»[1] [52, 204].

Хоҷуи Кирмонӣ аз «накҳати зулфи парешон»-и ёр, ки тавассути боди сабо ба ӯ мерасад, «дили пурдард»-и худро дармон мекунад:

Чун сабо накҳати он зулфи парешон орад,
Дили пурдарди маро муждаи дармон орад [28, 272].

---

[1] Ии мисраъ тазмин аз як ғазали Ҳофиз аст.

«Накҳати он зулфи парешон»-ро аз сабо дастрас кардан ба маънии пай бурдан ба асрори олами ғайбист ва ё пайғоме аз олами ғайб аст, ки тавассути ҳотифи олами ғайб ба солики тариқат мерасад. Сабо ин ҷо вазифаи ҳотиф ва ё суруши олами ғайбро иҷро кардааст.

Ҳофиз умед дорад, то монанди сабо «раҳ ба сарманзили ҷонон» барад ва ба кӯйи ӯ бирасад:

То магар ҳамчу сабо боз ба кӯйи ту расам,
Ҳосилам дӯш ба ҷуз нолаи шабгир набуд [59, 201].

Бино ба қавли Тақии Пурномдорён, ин «ба кӯйи ёр расидан» тасаввури дигарест аз ҳамон «аз дасти соқӣ шароб нӯшидан» ва «аз нофакушойии сабо аз зулфи ёр» бархӯрдор шудан, ҳама киноя аз бархӯрдорӣ аз таҷаллии ёр ё васли шуҳудӣ дар чашмандози мафоҳиму бовардоштҳои ирфонӣ аст, ки бо ҳар шеваву сурате, ки баён шавад, дар тамоми макотиби ирфонӣ шарташ тазкияи нафс аз тариқи риёзату канорагирӣ аз лаззатҳои модию дунявӣ ва таҳаққуқи сафои дил бо зудудани тамоми сифоти нобоиставу замоими ахлоқӣ аз ойинаи рӯҳ аст» [144, 377].

Гарчанде боди сабо пайки ошиқон асту шоир ӯро ҳамдаму ҳамрози худ медонад, аммо солики тариқат ба мақоме мерасад, ки он ҷо сабoро роҳ нест. Носири Бухороӣ умед ба ҳамин мақом дорад:

Маро дил мекашад ҷое, ки он ҷо,
Сабoро заҳраи омад-шудан нест [14, 381].

Ин мақоми солики тариқат ҳамон «расидан ба сарманзили анқо» ва дарки асрори ғайб, ки ҳосили қабул ва таҳаммули душвориҳои роҳи тариқати ишқ аст. Ин маънӣ дар ғазали аксари шоирони асри XIV ба назар мерасад.

Хулоса, дар ғазали даврони мавриди таҳқиқ мафҳуми *боди сабо* чун воситаи тасвир барои баёни андешаҳо, алалхусус андешаҳои ирфонӣ дар ашъори аксари шоирон мушоҳида мешавад. Дар баёни шоирони ин аҳд сабо бештар қосид байни ошиқ ва маъшуқи азалию абадист. Сабо дар

ғазали орифонаи ин аҳд танҳо ба маънии «нафаҳоти раҳмонӣ», ки фарҳангҳои ирфонӣ таъбир кардаанд, маҳдуд намегардад. Сабо гоҳе ҳамон ҳотифи  ғайбӣ ва ё суруши олами ғайб аст, ки ба гӯши дили солики тариқат пайғоми маъшуқи азалиро мерасонад. Нуктаи ҷолиб он аст, ки дар шеъри ирфонии шоирони ин аҳд сояи маънои луғавии *боди сабо* дар баробари маънои рамзии ирфонии он ҳузур дорад.

# БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ «БОДИ САБО» ДАР ТАСВИРҲОИ ШОИРОНАИ ҒАЗАЛИ АСРИ XIV

Бояд зикр кард, ки тасвирҳои шоирона ва ё худ тасвири намодину рамзӣ аз ашёи табиӣ дар ашъори ҳамаи шоирон дида мешавад, зеро бадеият аз хусусиятҳои асосии осори бадеист. Ашъори шоирони адабиёти классикии форсу тоҷик, алалхусус ғазали шоирони асри XIV дорои маъниҳои олию пешқадам буда, ин маъниҳои олӣ ва андешаҳои тозаву нав хеле зебову дилкаш ифода гардида, бо либоси бадеият ороиш ёфтаанд. Дар ғазалиёти шоирони мавриди таҳқиқ маъниҳои олӣ, ғояҳои баланди инсондӯстона ва маъниҳои латифу нозук дар шакли зебову дилнишин бо воситаи калимоту таркиботи суфтаву ороста, бо корбурди санъатҳои бадеӣ ифода ёфтаанд. Яъне, шоирон падидаҳои табиӣ, монанди гулу булбул, дарахту боду борон ва ғайраро ба кор мегиранд, то ба «мафҳуми номаҳсусе, ки дар зеҳн доранд, таҷассум бибахшанд ва онро маҳсусу қобили дарк созанд» [167, 190].. Дар ин амал табиат беҳтарин ва ғанитарин маводро барои тасвирсозӣ дар ихтиёри шоирон қарор медиҳад. Падидаҳои табиӣ, бино ба таъкиди муҳаққиқон, «вақте ба сурати намоди адабӣ дармеоянд, ба як «шайъи адабӣ» бадал мешаванд ва аз намунаи табиии худ фосила мегиранд» [167, 190]. Боди сабо дар тасвири шоирони асри XIV ҳамин ҳолатро дорад, аммо дар бештар маврид аз намунаи табиии худ чандон ҷудо нест. Санъатҳои бадеӣ дар шеър ба сифати воситаҳои тасвир хидмат мекунанд, ки назарияпардозони гузаштаву муосир онҳоро аз ҷузъи муҳими асари бадеӣ донистаанд, зеро шоирон тавассути ин воситаҳои бадеӣ идея ва мақсади худро ифода мекунанд. Таъсирпазирии асари бадеӣ аз бисёр ҷиҳат ба тарзи тасвир вобаста аст, зеро воситаҳои тасвир барои муассиру пурҷозиба баён шудани мақсади адиб нақши муҳим мебозанд.

Дар мавриди илми бадеъ чи дар гузашта ва чи дар замони муосир рисолаву китобҳои зиёде ба нашр расидаанд. Дар адабиётшиносии тоҷик

дар мавриди шинохти илми бадеъ аз ҳама бештар китоби донишманди бузурги тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ «Санъати сухан» мақоми аввалро дорад. Ин китоб, ки бори нахуст соли 1960 бо номи «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ» ба нашр расида буд, ҳаводорони зиёде пайдо кард. Бо дархости алоқамандони илму адаб донишманди номбурда ин китобро такмил дода, бо унвони «Санъати сухан» (бо такмилу иловаҳо) ба ҳайси китоби таълимӣ дар соҳаи бологату фасоҳати сухан, авзони арӯзӣ барои омӯзгорону донишҷӯёни риштаи суханшиносӣ ва дигар ҳаводорони шеъри бузурги тоҷик соли 1967 ба нашр расонд. Аз соли 1967 ва баъд ин китоб чандин маротиба ба нашр расидааст. Баъд аз китоби «Санъати сухан»-и Тӯрақул Зеҳнӣ китоби донишманди дақиқназари тоҷик Абдунабӣ Сатторзода бо номи «Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ» соли 2011 ба нашр расид, ки воқеан китоби ҷомеъ доир ба илми бадеъ мебошад. Абдунабӣ Сатторзода дар ин китоби ҷомеъ тамоми сарчашмаҳои муътабари назарии гузашта, назири "Тарҷумон -ул-балоға"-и Муҳаммад Умари Родуёнӣ, "Ҳадоиқ-ус-сеҳр"-и Рашиди Ватвот, "Ал-муъҷам"-и Шамси Қайси Розӣ, "Дақоиқ-уш-шеър"-и Тоҷулҳаловӣ, "Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ"-и Шарафуддин Ромии Табрезӣ, "Арӯзи Ҳумоюн"-и Абдуқаҳҳор ибни Исҳоқ, "Бадоеъ-ул-афкор"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, "Бадоеъ-ус-саноеъ"-и Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ва таълифоти донишмандони муосир чун Шиблии Нуъмонӣ, Мирҷалолуддини Каззозӣ, Муҳаммад Хазоилӣ, Ҳасан Содоти Носирӣ, Муҳаммадтақии Баҳор, Маликушшуаро Бетоб, Саидмуҳаммад Доъии Ҷавод, Ҷалил Таҷлил, Сируси Шамисо, Абдулқавими Қайюм, Тӯрақул Зеҳнӣ, Раҳим Мусулмониён, Худоӣ Шариф ва дигаронро мӯшикофона таҳқиқ намуда, сайри таърихии ҳар як санъати бадеиро дақиқ муайян намудааст. Ин китоб на танҳо дар адабиётшиносии тоҷик, балки Эрону Афғонистон ва ховаршиносии ҷаҳон падидаи нодир буда, ҷамъбасти андешаҳои назарияпардозони пешиниёну имрӯзиён доир ба илми бадеъ

мебошад. Мо дар рисола ҳангоми баррасии санъатҳои бадеӣ бештар ба ин китоби ҷомеъ иқтибос намудаем.

Ба таври умум, донишмандони бадеъшинос санъатҳои бадеиро ба ду навъ ҷудо кардаанд: санъатҳои *маънавӣ* ва санъатҳои *лафзӣ* ва тавзеҳ додаанд, ки санъатҳои маънавӣ барои баёни маънӣ ва санъатҳои лафзӣ барои ороиши сухан хидмат мекунанд. Аммо шоири ҳунарманд санъатҳои лафзиро тавре ба кор бурда, ки ҳам барои ороиши сухан ва ҳам барои ибрози маънӣ хидмат кардаанд. Ҳамин гуна истифодабарии санъатҳои лафзиро мо дар ашъори шоирони асри XIV мушоҳида намудем. Аз гуфтаи бадеъшиносон бармеояд, ки санъатҳои бадеиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан қатъиву собит нест. Бадеъшиносони қадим санъатеро баъзе лафзӣ шуморида бошанд, бархеи дигар маънавӣ донистаанд ва гурӯҳи дигар санъатеро ҳам лафзӣ ва ҳам маънавӣ ҳисобидаанд. Дар ғазали асри мавриди таҳқиқ ҳангоми тасвири *боди сабо* санъатҳои лафзӣ камтар истифода шудаанд ва тавъам дар баробари ороиши сухан бори маъниро ҳам дар дӯш доранд.

Новобаста ба ин, мо баррасии тасвирҳои шоиронаро дар ин аҳд ҳангоми корбурди мафҳуми *сабо* ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, таҳқиқ намудем. Ба гурӯҳи аввал ҳамон байтҳоеро шарҳу тавзеҳ додем, ки дар онҳо санъати лафзӣ мақоми аввалро доранд. Аммо зикри ин нукта зарур аст, ки дар ин гуна байтҳо ҳамон санъати лафзӣ танҳо барои ороиши сухан ба кор нарафта, маънии олиеро дар худ дорад.

## III.1.Корбурди санъатҳои лафзӣ дар тасвирҳои шоирона

Дар тасвирҳои шоирона, чунон ки зикр шуд, корбурди санъатҳои бадеӣ нақши муҳим доранд ва ҳунари суханвар низ дар корбурди ҳунармандонаи санъатҳои бадеӣ муайян мегардад. Мафҳуми *боди сабо* чун воситаи тасвир ҳам барои ифодаи маънӣ ва ҳам барои ороиши сухан дар ғазали шоирони мавриди таҳқиқ ба назар мерасад. Бояд таъкид кард, ки дар ғазали шоирони асри XIV ҳангоми тасвири *боди сабо* байтеро

ёфтан аз имкон берун аст, ки дар он танҳо санъатҳои лафзӣ ба кор рафта бошад. Ғазали шоирони асри XIV қуллаи камолоти ғазалсароӣ дар адабиёти форсу тоҷик буда, ҳеҷ як шоире дар ин аҳд ба худ иҷозат надодааст, ки дар байти хеш танҳо бо санъати лафзӣ маҳдуд гардад.

Ҳангоми тасвири *боди сабо* дар ашъори шоирон чизе, ки пеш аз ҳама, диққати хонандаро ба худ ҷалб мекунад, дар баробари *боди сабо* корбурди *Сабо* ба маънии шаҳр аст. Аксари шоирон бо ин ду калимаи ҳамшакл, ки дар илми бадеъ «таҷнис» мегӯянд, ҳам маънии олиеро ироа кардаанд ва ҳам ин мафҳумҳо дар ороиши сухани онҳо хидмат кардааст. Бино ба таъкиди муаллифи "Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ" Абдунабӣ Сатторзода, "Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ таҷнисро ба ду навъ бахш кардааст: таҷниси лафзӣ ва ғайрилафзӣ" [153, 19]. Такя ба сарчашмаҳои асримиёнагӣ донишмандони муосир аз рӯйи намудҳои мухталиф таҷнисро ба ду гурӯҳ: таҷниси лафзӣ ва таҷниси маънавӣ тақсим намудаанд. Таҷнис навъҳои зиёде дорад, монанди таҷниси том, таҷниси ноқис, таҷниси зоид, таҷниси мураккаб, таҷниси муздавaҷ, таҷниси мутарраф, таҷниси хат ва ғайра. Дар ғазалиёти шоирони асри XIV санъати таҷнис ба ҳеҷ ваҷҳ танҳо барои ороиши сухан ба кор нарафтааст, балки дар баробари ороиши сухан маънии олиеро низ ифода мекунад. Масалан, Ҳофиз мегӯяд:

Эй ҳудҳуди сабо, ба Сабо мефиристамат,
Бингар, ки аз куҷо ба куҷо мефиристамат [59, 150].

Шоир бо истифода аз калимаҳои *сабо* ва *ҳудҳуд* таркиби «ҳудҳуди сабо»-ро офарида, ки маънии олие дар худ дорад. Аз сабаби он ки мафҳумҳои ҳудҳуду Сулаймон ва шаҳри *Сабо* дар иртибот бо *боди сабо* дар ғазали асри XIV борҳо ба кор рафтааст, лозим аст, ки ин мафҳумҳо ба дурустӣ шарҳ ёбанд. Аз сӯйи дигар, барои он ки ба маънии байт огоҳ шавем, бояд ҳар як калимаи ибораро ҷудогона тавзеҳ диҳем. Мафҳуми *сабо* барои мо равшан аст. Шоир ба кадом мақсад саборо бо ҳудҳуд пайванд медиҳад, Муҳаммадҷаъфари Ёҳаққӣ дар фарҳанги худ менависад: «Ҳудҳуд, ки дар форсӣ ба номҳои пӯпак, бубу, пупу,

шона(ба)сар, шонасарак ва бо кунияҳои абӯрабеъ ва абӯахбор маъруф аст, парандаест ба ранги қаҳваии равшан, хушхату хол, бо тоҷе бар сар, ки дар қасаси исломӣ аз ӯ ном бурда мешавад. Филмасал, як бор аз ҷониби Худованд маъмурият ёфт тахтасанги азимеро, ки Авҷ ибни Унуқ мехост бар лашкари Мӯсо бизанад, сӯрох кунад ва онҳоро аз марги ҳатмӣ наҷот диҳад.

Дар мавриди дувум дар Қуръони карим ҳам ба он дар иртибот бо достони ҳазрати Сулаймон ва ба ин мазмун ишора шудааст: Сулаймон чун ба ҳукм бинишастӣ, мурғон бар ӯ соя доштандӣ ва ҳудҳудро, ки сахт дӯст медошт, рост бар сари ӯ будӣ. Рӯзе Сулаймон ҷойи ӯро холӣ ёфт ва офтоб бар сари вай буд. Гуфт: Ҳудҳуд куҷост, ки намебинам? Чун ӯро наёфтанд, гуфт: Ӯро сахт азоб хоҳам кард. Чизе нагузашта, ки ҳудҳуд омад. Мурғон вайро гуфтанд: Сулаймон бар ту ба хашм аст. Ҳудҳуд ба ҷойгоҳи хеш шуд. Сулаймон ба хашм гуфт: Куҷо будӣ ва хост азобаш кунад. Ҳудҳуд гуфт: Ман чизе медонам, ки ту надонӣ ва ҷое расидам, ки ту нарасидӣ ва чизеро дидам, ки ту надидӣ. Сулаймон аз хашм ҷавоб надод. Ҳудҳуд гуфт: Аз сарзамини Сабо барои ту хабаре овардаам. Он ҷо занеро ёфтам, ки подшоҳи эшон буд ва аз ҳар неъмате Худой таъолло ӯро дода буд ва соҳиби арши азим буд ва инон хуршедро ситоиш мекарданд. Сулаймон дар хашм шуд ва бо Осафи Бархиё машварат кард ва бар он шуд номаи боҳайбат ба он зан бинависад ва ӯро ба итоат хонад. Ҳудҳуд нома ба минқор бардошт ва баъд аз шабонарӯзе ба он ҷо расиду номаро пеши Билқис бинҳод. Билқис мазмуни номаро бо сарону сарҳангони худ дар миён ниҳод ва бар он шуд ба хидмати Сулаймон ҳадияе бифиристад. Сулаймон ҳудҳудро фармуда буд он чӣ Билқис кунад, ба ӯ боз гӯяд. Ҳудҳуд чун чунин дид, биёмад ва Сулаймонро огоҳ кард, то ин ки саранҷом қосиди Билқис бирасид ва чун ҳашмати Сулаймон бидид, шармсор қисса ба Билқис бардошт.

Дар иртибот бо он чӣ гузашт, ҳудҳуди Сулаймон ва ҳудҳуди Сабо ба унвони парандаи паём шуҳрат дорад ва муҳаққиқон миёни ин паранда ва Сосишу - парандаи паёмовари Африқо шабоҳатҳое ёфтаанд. Аттори

Нишопурӣ низ дар достони тамсилии худ «Мантиқ-ут-тайр» ба ин хусусияти ҳудҳуд ишора кардааст...» [187, 871]. Дар мавриди «Сабо(سبا) дар «Фарҳанги асотир» омадааст: «Сабо ба ривояти «Маҷмаъ-ул-булдон» сарзаминест дар Яман, дар ҷанубу ғарбии Ҷазират-ул-араб, ки шаҳри он Маъраб аст ва байни он ва Санъо сӣ рӯз роҳ аст. Бархе Саборо ноҳияе миёни Урдун ва Фаластин ва ҷойи хурраму бонеъмат донистаанд ва соҳиби «Ҳудуд-ул-олам» онро шаҳраке бонеъмату мардуми бисёр тавсиф кардааст. Гоҳе низ онро ноҳияе шомили дувоздаҳ ва ё сездаҳ шаҳри ободон ёд кардаанд, ки Билқис – ҳамсари Сулаймон подшоҳи он ҷо буд. Мардуми Сабо дар обёрию садсозӣ маҳорат доштанд ва сади Маъраб, ки муаррихин бинои онро ба Луқмон ибни Од ва таъмири онро ба Билқис нисбат медиҳанд, беҳтарин намунаи он аст... Қуръон ба ду воқеа аз мамлакати Сабо ишора мекунад, ки иборатанд аз: Сели ғарим: 1.Воқеаи сел дар Қуръон (Сабо: 15 то 21) ба ин мазмун баён шуда, ки Сабо кишвари пурбаракат ва бо нозу неъмат буд. Мардум аз оёти Ҳақ рӯгардон шуданд ва бар эшон сели бунёнкан фиристодем, ки сади Маърабро дарҳам шикаст ва қавми Сабоbooро ба кишварҳои атроф пароканд. Ба ривояте чун Худой таъолло хост неъмати Сабоpo парешону завол орад, фариштаеро фармон дод, ки неъмати Саборо баргир ва ба Тоиф бар... 2. Маликаи Сабо: ё Билқис, ки подшоҳи ин шаҳр буд. Сию чаҳорумин сураи Қуръон «Сабо» номида шуда ва дар поёни он ба қавме ишора шуда, ки эшонро ба ривояте Шайбониён гӯянд ва дар охируззамон падид оянд ва рӯй ба Макка ниҳанд, то онро вайрон кунанд. Чун ба Бедо расанд, Ҷибрил бонг бар эшон занад ва ҳамаро ҳалок кунад ва эшонро ба замин фурӯ баранд» [187, 445].

Пеш аз ҳама, дар байти болои Ҳофиз байни *боди сабо* (*صبا)* ва шаҳри *Сабо( سبا)* ҷиноси лафзии том мавҷуд аст. Ҷинос ё худ таҷнис санъатест, ки «шоир ё нависанда дар осори хеш калимоти монанд ба якдигар ба гуфтан ва навиштан, яъне алфози аз лиҳози шакл мушобеҳ ба ҳам ва ҳамҷинс, вале дар маънӣ мухталифро биёварад» ва ҷиноси том «он

чунон аст, ки лафзҳои мутаҷонис дар ҳуруф ва ҳаракот, яъне дар навиштан ва гуфтан яке, вале дар маънӣ мухталиф бошанд»[153, 20]). Чи хеле ки мушоҳида менамоем, калимаи *«сабо»* (боди сабо) ва *«Сабо»* (номи шаҳр) дар гуфтану навиштан якхеланд. Ин нуктаро бояд зикр кард, ки ҷинос ё худ таҷнис, аз ҷумла санъатҳои лафзӣ аст. Санъатҳои лафзӣ бештар барои ороиши сухан ба кор мераванд, аммо дар ин байти Ҳофиз ин санъати лафзӣ дар баробари ороиши сухан бори маъниро ҳам ба дӯш дорад. Дар баробари санъати таҷнис дар байти болои Ҳофиз санъатҳои дигар низ ба кор рафтаанд, ки аксар санъати маънавиянд.

«Ҳудҳуди сабо» -ташбеҳи пӯшида аст, боди сабо ба ҳудҳуд монанд шудааст. Ваҷҳи ташбеҳ ҳамон қосидии сабову ҳудҳуд мебошад. Яъне, омадани ҳудҳуду овардани хабари хуш ва расидани фасли баҳору вазидани боди сабо ва овардани бӯйи хуш. Ҳамчунин, дар ин байт талмеҳе ба сураҳои «Намл» ва «Сабо»-и Қуръон шудааст. Илова бар ин, дар ин байт санъатҳои муроотунназир, таносуб ва инсиҷоми калимот ба кор рафтааст. Муроотунназир санъатест, ки «шоир дар шеър чизҳое ҷамъ кунад, ки аз ҷинси якдигар бошанд… ва ё аз ҷиҳати мушобиҳат ва мулозимат бо якдигар мутаносиб бошанд»[153,135]. Дар байти боло байни ҳудҳуду Сабо таносуб мавҷуд аст, ки ба навъи худ санъати муроотунназир мебошад. *Сабо* (номи шаҳр) ин ҷо киноя аз диёри маъшуқ аст. Чида шуда омадани калимоти ҳамҷинс ва ҳарфҳо монанди ҳарфи син(س) оҳанги мусиқӣ ба байт илқо кардаанд, ки ҳангоми хондани он хонанда ин лаҳнро эҳсос мекунад.

Шоир мегӯяд: Эй ҳудҳуди сабо, ки паёмовари ошиқонӣ, туро ба Сабо, ки диёри маъшуқ аст, равона мекунам. Ту мутаваҷҷеҳ бош, ки аз чӣ ҷое ба чӣ ҷойи баландмартабае мефиристамат. Ту роҳи дарозу пурхатаре дар пеш дорӣ.

Хоҷуи Кирмонӣ аз « мурғи Сулаймон» ёд мекунад, ки мурод ҳамон ҳудҳуд ва Сабо ҳамон шаҳри Сабост ва калимаҳои *«сабо»* (ба маънии бод) дар мисраи аввал ва *«Сабо»* (ба маънии шаҳр) дар мисраи дувум

санъати таҷнис ҳастанд, инсиҷоми маъноӣ ва таносуби калом низ дар ин байт мушоҳида мешавад:

Эй пайки сабо, ҳоли паричеҳраи мо чист?

В-эй мурғи Сулаймон, хабар охир зи Сабо чист? [28, 243]

Бояд зикр кард, ки дар байти болои Хоҷуи Кирмонӣ низ дар баробари санъати лафзии таҷнис санъатҳои дигар ба кор рафтаанд. Дар адабиёти ирфонӣ «мурғ ба таври мутлақ ба маънии руҳ омадааст. Мурғҳои хос дар адабиёти ирфонӣ ҳамчун ҳудҳуд, бат, мокиён… ҳар як рамзе аз сифот ё ҳоле аз аҳвол аст» [192, 713]. «Паричеҳра» дар ин байти Хоҷу киноя аз маъшуқи азалист. Ин маъниро метавон дар иртиботи ин калима бо Сулаймону Сабо бардошт кард. Чун зикри Сулаймону мурғи ӯ ва шаҳри Сабо дар миён аст, Билқис низ ҳузур дорад. Билқис низ дар шеъри ин аҳд ба сифати намоди маҳбуби азалию абадӣ ба кор рафтааст.

Дар ду байти зери Носири Бухороӣ воқеаи Сулаймону ҳудҳуд ва Билқису Сабо возеҳтар баён шуда ва санъати таҷнис бо иловаи калимаи *“сибо”* мукаммалтар гардидааст:

Субҳдам муждаи васли ту ҳамедод сабо,

Олами пир ҳамеёфт аз ӯ аҳди сибо.

Ҳудҳуди ҳодӣ сарномаи Билқис овард,

Мантиқ-ут-тайр ба наздики Сулаймон зи Сабо [14, 10].

Дар баробари боди сабову шаҳри *Сабо* дар абёти болои Носир вожаи *«сибо»* (кӯдакӣ) низ таҷнис шудааст. Ҳудҳуди ҳодӣ, Билқис, Сулаймон, Сабо ва «Мантиқ-ут-тайр» ҳама талмеҳанд, ҳам аз «Қуръон»-у «Таврот» ва ҳам аз муҳтавои асари машҳури Шайх Аттори Нишопурӣ «Мантиқ-ут-тайр».

Таҷниси *«сибо»* бо *« сабо»* дар байти зери Салмони Соваҷӣ низ дида мешавад:

То аз нафаси боди сабо ҳар сари соле

Даврони кухан тоза кунад аҳди сиборо [40, 89].

Мисраи дувуми байти аввал тасвири дигарест аз ин мисраи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз шеъри «Баҳори хуррам»: *«Гетӣ ба дил ёфт шабоб аз пайи машиб»* аст.

Чунон ки мушоҳида намудем, санъатҳои лафзӣ дар мисоли таҷнис дар ғазалиёти шоирони мавриди таҳқиқ танҳо барои ороиши сухан маҳдуд намонда, ҳамзамон бори маъниро дар дӯш доранд. Шоирони ин даврон, ки аксари шоири орифанд, дар баробари диққат додан ба маънӣ барои ороиш ва зебоии суханашон низ кӯшидаанд. Аз ин рӯ, дар абёти шоирон санъатҳои лафзӣ низ бори маънӣ мекашанд ва дар як байт чандин санъат ба кор рафта, ки камоли ҳунари шоирии онҳоро таҷассум мекунад.

## III.2.Корбурди санъатҳои маънавӣ дар тасвирҳои шоирона

Дар тасвирҳои шоиронаи ғазали асри XIV ҳангоми истифодаи *боди сабо* санъатҳои маънавӣ мақоми аввалро доранд, зеро ҳадафи шоирони ин аҳд баёни маънӣ дар лафзи зебову дилкаш аст. Дар ғазали ин давра тамоми анвои санъатҳои маънавиро мушоҳида кардан мумкин аст, аммо ҳадафи мо, ки баррасии тасвирҳои шоирона бо истифодаи мафҳуми *сабо* аст, ҳамон байтҳоро интихоб кардем, ки сабову муродифҳои он ба кор рафтааст.

Санъати талмеҳ аз ҷумлаи роиҷтарин санъатест, ки шоирони ориф бо воситаи он ибрози андеша мекунанд. Донишманди тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ дар китоби «Санъати сухан» дар бораи талмеҳ маълумоти фаровон додааст, аз ҷумла ӯ менависад: «Талмеҳ дар луғат нигоҳи сабук кардан ба сӯйи чизест. Агар талмеҳро қалби таомеҳ қарор диҳем, ба маънои намакин кардан меояд, ки ин ҳам дуруст аст. Аммо дар адабиёти бадеӣ ишорат кардан ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ба ягон шеъри маъруфи яке аз саромадони сухан санъати талмеҳ номида мешавад…»[88,23]. Дар китоби «Балоғат ва суханварӣ»-и Худоӣ

Шарифов талмеҳ чунин шарҳ шудааст: «Маънои луғавии талмеҳ нигоҳ кардан ва ишора кардан ба сӯйи чизест. Дар истилоҳи илми бадеъ ишора кардан ба қисса, ё масале маъруфро талмеҳ мегӯянд» [181,83]. Аз баррасии навиштаҳои донишмандон дар мавриди санъати талмеҳ чунин натиҷа гирифтан мумкин аст: Талмеҳ санъати маънавист, ки дар он ба қиссаҳои маъруфу ибратомез, масали машҳур, воқеа, шахсиятҳои таърихию асотирӣ ва монанди инҳо назар афкандан ва ба ин восита бо лафзи андаку маъонии бисёр баён кардани матлаб аст. Ҳамчунин, ишора ба оятҳои Қуръонию аҳодиси набавӣ низ талмеҳ будааст.

Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки муъҷизаҳо ва воқеоти марбут ба пайғамбарон, ки шоирон тавассути онҳо изҳори андеша мекунанд ва тасвирҳои шоирона меофаранд, дар онҳо то ҷое боди сабо ҳузур дорад. Масалан, ташбеҳи *сабо* ба ҳудҳуд ва талмеҳи Сулаймону шаҳри *Сабо* дар ғазали Ҳофиз дар баробари ироаи маънии олӣ инсиҷоми маъноӣ низ дар ҳадди камоли суханварист:

Сабо ба хушхабарӣ ҳудҳуди Сулаймон аст,
Ки муждаи тараб аз гулшани Сабо оварад [59,151].

Ҳудҳуди Сулаймон – талмеҳ ва ишора ба достони Сулаймони набӣ ва ғайбати ҳудҳуду овардани хабари хуш аз кишвари Сабову маликаи он Билқис, ки дар «Қуръон» зикр шудааст. «Гулшани Сабо»- гулшан ва ё худ боғу бӯстони кишвари Сабо аст, ки достонашро нақл кардем. Бино ба гуфтаи Муҳаммади Истеъломӣ, дар ин байт «Сабо киноя аз ҳастии моварои ин ҷаҳони моддист ва боди субҳи баҳорӣ барои соҳибдиле чун Ҳофиз паёмоварии шодиҳои он сарзамин аст» [102, 432].

Ҳамин маъниро дар ғазали дигар ба таври дигар баён месозад:

Мужда, эй дил, ки дигар боди сабо боз омад,
Ҳудҳуди хушхабар аз тарфи Сабо боз омад [59, 173].

Дар ин байт низ сабо ба ҳудҳуд ташбеҳ шуда ва талмеҳе ба достони Сулаймон дорад. «Ҳудҳуди хушхабар» - ҳамон боди субҳи баҳорӣ, ё худ сабо аст, ки аз «тарафи Сабо», яъне аз ҷониби маъшуқ меояд. Нуктаи ҷолиб он аст, ки ташбеҳшаванда (боди сабо) дар мисраи аввал асту

ташбеҳкунанда (ҳудҳуди хушхабар) дар мисраи дувум. Аслан чунин тарзи сухан дар шеъри шоирони сабки ҳиндӣ маъмул аст, ки бино ба гуфти яке аз сабкшиносон - Марзияи Ночӣ, «аксарӣ ва доимӣ» аст ва метавонад ба унвони як хосса зикр шавад» [209, 3]. Рустами Ваҳҳобниё дар мақолаи худ «Нишонаҳои сабки ҳиндӣ дар шеъри Ҳофиз», ки баҳрабардории шоирони сабки ҳиндиро аз шеваи сухани Ҳофиз баррасӣ кардааст, муътақид аст, ки сабки Ҳофиз ба шоирони сабки ҳиндӣ таъсири зиёд гузоштааст [198, 12]. Байти болои Ҳофиз далели дигарест бар андешаи ин муҳаққиқ аст. Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ дар мавриди сохт ва сурати ғазали Ҳофиз менависад: «Сохт ва сурати ғазали Ҳофиз дар таърихи ғазали форсӣ, яъне аз аҳди Рӯдакӣ то асри Ҳофиз бесобиқа аст, аммо белоҳиқа нест, зеро сабки ҳиндӣ, ки абёташ башиддат мустақил аст, сурату сохторашро аз Ҳофиз гирифтааст» [171,89]. Ҳамин гуна корбурди санъатҳои бадеӣ, ки дар сабки ҳиндӣ «аксарию доимӣ» аст, дар ашъори шоирони дигари асри мавриди таҳқиқ низ ба назар мерасад. Масалан, санъати ташхис, ки дар сабки ҳиндӣ «доманаи ташхис аз ҳайвонот гирифта, то аҷсоми моддию мафоҳими маънавӣ ва ҳатто то масодир низ густариш дорад» [209, 3], дар шеъри Носири Бухороӣ низ то андозае ҷой дорад, алалхусус ҳангоми тасвири боди сабо:

Чанор даст барорад, дуо бихонад савсан,
Сабо бигӯядаш омину кори сарв барояд [14, 291].

Бояд зикр кард, ки дар мавриди таъсирпазирии сабки ҳиндӣ аз ғазали Носири Бухороӣ Ш.Р. Исрофилниё дар монографияи худ батафсил сухан кардаанд [98, 178].

Талмеҳ аз устураи Сулаймон бо истифодаи *боди сабо* дар ғазалҳои дигари сарҳалқаи шоирони асри XIV Хоҷуи Кирмонӣ низ ба назар мерасад:

Эй сабо, ғулғули булбул ба гулистон бирасон,
Қиссаи мӯр ба даргоҳи Сулаймон бирасон [28, 456].

Ривояти мӯру Сулаймонро дар фасли пешин нақл намудем, ки дар ин байт аз он талмеҳ шудааст. Дар ин байти Хоҷу «булбул» киноя аз қаҳрамони лирикӣ- ошиқ, худи шоир асту «гулистон» киноя аз кӯйи дӯст. Дар мисраи дувум «қиссаи мӯр», ки талмеҳест, аз устураи Сулаймон, ҳамзамон «мӯр» истиора аз қаҳрамони лирикӣ – ошиқ асту «даргаҳи Сулаймон» истиора аз кӯйи дӯст. Бояд зикр кард, ки устураи Сулаймон дар ғазали асри XIV хеле зиёд талмеҳ шудааст, аммо мо ин ҷо ҳамон абётеро мавриди таҳқиқ қарор додем, ки ин устура дар робита бо боди сабо матраҳ шудааст.

Ин нуктаро ҳам бояд тавзеҳ дод, ки корбурди *боди сабо* дар робита бо устураи Сулаймон дар ашъори шоири тавонои асри XII Хоқонии Шарвонӣ хеле ҳунармандона ба кор рафтааст, ки бешубҳа, шоирони асри мавриди таҳқиқи мо аз он бетаъсир набудаанд. Масалан, Хоқонӣ мегӯяд:

Чу ҳудҳуде, ки саҳар хост бар Сулаймонвор,
Мубашшири дами субҳ омаду бариди сабо [55, 47].

***

Дурустгӯйи Садруззамон Сулаймон буд,
Сабо чу ҳудҳуду меҳнатсарои ман чу сабо [55, 48].

***

Забон саногари даргаҳи Мустафо хуштар,
Ки бо гири Сулаймон накутар аст сабо [55, 48].

Таъсирпазирии шоирони асри XIV аз ин шоири бузург мавзуи баҳси дигар асту берун аз мавзуи таҳқиқи мо, аммо зикри ин нукта лозим аст, ки дар тасвироροии *боди сабо* шоирони ин аҳд аз таъсири Хоқонӣ дар канор набудаанд.

Талмеҳ аз устураи пайғамбарон бо корбурди *боди сабо* аз мушаххасоти ғазали ин аҳд аст. Аз баррасии ашъори шоирони асри XIV маълум мешавад, ки дар ғазалиёти ин давр аслан ду навъи талмеҳро мушоҳида кардан мумкин аст: талмеҳоти арабӣ- исломӣ ва талмеҳоти

эронӣ. Талмеҳоти арабӣ- исломии шоиронро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард. Ба гурӯҳи аввал талмеҳоти пайғамбарон дохил мешаванд, ки ҳама аз «Қуръон»-у ривоятҳои исломӣ сарчашма гирифтаанд. Ба гурӯҳи дуюм, бевоситаи ривоёту қисса ва ашхоси машҳури олами ислом дохил мешаванд. Бояд зикр кард, талмеҳи пайғамбарон дар ашъори шоирон, пеш аз ҳама, барои баёни андешаҳои ирфонӣ истифода шудааст, аммо аз он ҷо, ки аксари суханварони ин давра шоири ориф буданд, тасвиророӣ ва ҳунари шоириро дар мадди аввал гузоштаанд. Устураи Юсуфи набию воқеаҳои марбут ба ӯ, алалхусус бӯйи пираҳани ӯ воситаи байни андешаҳои ирфонии шоирони ин давра гаштааст. Суханварон дар баробари маъонии олӣ тасвирҳои шоиронаи олие бо истифода аз саргузашту Юсуфу боди сабо офариданд. Масалан, дар ғазали Хоҷуи Кирмонӣ:

Бӯйи пироҳани Юсуф зи сабо мешунавам,

Ё зи бӯстони Ирам нафҳаи бӯйи суманаш [28, 456].

Дар китоби «Сухани аҳли дил» такя ба фарҳангҳо доир ба Юсуф чунин маълумоти мухтасар омадааст: «Юсуф аз пайғамбарони банни Исроил, фарзанди Яқуб пайғамбар ва модараш Роҳил ном дошт. Дар хурдсолӣ чун падараш ба ӯ меҳри зиёд дошт, бародаронаш ҳасад бурданд ва ӯро бо худ ба саҳро бурданду ба ҷоҳ афканданд. Ҷамоате аз корвониён ӯро аз чоҳ бароварданду дар Миср фурӯхтанд. Юсуф пас аз муддате дучори машаққати фаровон гардиду ба зиндон афтод ва охируламр ба мақоми фармонравоии кишвари Миср ноил омад. Юсуф дар адаби форсӣ-тоҷикӣ рамзи зебоӣ ва покию бегуноҳӣ аст. Дар истилоҳи ирфонӣ мурод аз Юсуфи қудсӣ рӯҳи шарифи инсоне аст, ки гирифтори банди зулматкадаи тан шудааст» [101, 38].. Дар байти болои Хоҷу сухан аз «пироҳани Юсуф» аст, ки шоири ориф аз боди сабо мешунавад. Аз саргузашти Юсуф бармеояд, ки маҳз тавассути пероҳани Юсуф, ки мероси пайғамбарон буду ба ирс ба ӯ расида буд, дидаи нобиногаштаи падараш – Яъқуб бино мегардад. Юсуф дар байти Хоҷу

рамзи зебоии мутлақи маъшуқи азалист ва «пироҳан» намоди лутфи ӯст. Ҳамон гуна, ки чашми Яъқуб бо бӯйи пироҳани Юсуф равшан гашт, шоири ориф тавассути боди сабо лутфи маъшуқи азалиро мешунавад. Яъқуб, ки дар иртибот бо Юсуфу пироҳан меояд, киноя аз ошиқи сарсупурда аст. Ба таъкиди Хоҷу, бояд яъқубвор ошиқи сарсупурда буд, то аз сабо бӯйи пироҳани Юсуфро шунид:

Хабар аз андуҳи Яъқуб надорию муқим,

Бӯйи пироҳани Юсуф зи сабо металабӣ [28, 487].

Хоҷуи Кирмонӣ чандин ҷойи дигар аз Яъқубу Юсуф ва пероҳан бо истифода аз *боди сабо* ёд кардааст, ки ҳар як дар баробари маънии олии ирфонӣ тасвирҳои шоиронаи зебое доранд:

Ба ҷуз насими сабо, эй бародарони азиз,

Ки орад аз тарфи Миср бӯйи пираҳанам [28, 423].

Дар байти боло номе аз Яқубу Юсуф нест, аммо зикри «Миср», ки Юсуф он ҷо ба салтанат расида буд ва «пироҳан» талмеҳест аз қиссаи Юсуф. Илова бар ин, калимаи «бародарон» инсиҷоми маъноӣ ба саргузашти Юсуф дорад. Ҳунари волои шоирона дар он зоҳир мегардад, ки шоир бо як калима чандин маъноро баён мекунад. Дар ғазали дигар мегӯяд:

Эй азизон, ба ҷуз аз боди сабо ҳеҷ башир,

Хабари Юсуфи гумгашта ба Канъон набарад [28, 345].

«Канъон» - ватани Яъқубу Юсуф аст ва зикри «азизон» то андозае ишора ба Азизи Миср ҳам дорад. *Боди сабо* ба сифати хабаррасон - пайвандгари Юсуфу Яъқуб ба кор рафтааст.

Мафҳуми «пираҳан», ки ишора ба пироҳани Юсуф аст, дар шеъри Камоли Хуҷандӣ дар робита бо боди сабо хеле бамавқеъ ба кор рафтааст:

Дар домани гул чок фитодаст зи ҳар сӯ,

Эй боди сабо, бӯйи ту аз пираҳани кист ? [52, 59]

***

Аз сабо чандон бишуд бӯйи ту фош,

Пираҳан кард ин хато бар гарданат [52, 148].

***

Дил чу пироҳани ту меларзад,

Гар ба ту бигзарад насими сабо [52, 42].

Бояд зикр кард, ки Камоли Хуҷандӣ дар корбурди санъатҳои бадеӣ дасти тавоно дорад. Адабиётшиноси тоҷик А. Афсаҳзод дар бораи чигунагии корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори ин шоири бузург чунин андеша дорад: «Дар ашъори Камоли Хуҷандӣ аксари санъатҳои бадеӣ, хусусан ташбеҳ, таҷнис, киноя ва иҳом бештар ба кор бурда шудаанд» [64,123]. Профессор Бадриддин Мақсудов дар ин бора менависад: «Муҳимтарин саноеъе, ки дар ашъори Камол бештар ба кор рафтааст, таҷнис ва ташбеҳу киноя аст» [109, 78]. Қобили зикр аст, ки дар баробари дигар санъатҳо санъати талмеҳ низ дар ашъори Камоли Хуҷандӣ нақши муҳим дорад. Мо ин ҷо танҳо ҳамон талмеҳоти Камоли Хуҷандиро зикр кардем, ки ҳангоми корбурди мафҳуми *сабо* истифода гардидааст.

Дар байти зери Ибни Ямини Фарюмадӣ маънии дар боло зикршуда, яъне «насими пираҳан», ки талмеҳест аз қиссаи Юсуф, мушоҳида мекунем:

Боди субҳ аст ин, надонам, ё насими пираҳан,

К-аз барои нури чашми пири Канъон медамад [43, 231].

«Боди субҳ» - ҳамон боди сабост, ки шоир вайро аз ҷиҳати хушбӯию эҳёгарӣ ба насими пираҳан ташбеҳ додаст. Мурод аз «насими пираҳан» пираҳани Юсуфи набист. «Нури чашм» дар танҳоӣ киноя аз фарзанд аст ва «пири Канъон» киноя аз Яъқуб аст.

Исои Масеҳ низ аз ҷумла пайғамбаронест, ки шоирони ин аҳд дар корбурди боди сабо аз ӯ талмеҳ кардаанд. Ин образ дар иртибот бо боди сабо бештар дар ашъори Ибни Ямини Фарюмадӣ ба кор рафтааст:

Ҳар субҳдам боди сабо аз зулфи мушкафшони ӯ,

Орад насиме сӯйи мо ҳуш аз дили мо мебарад.

Боде, ки вақти субҳдам аз хоки кӯяш мевазад,

Ҳаққо, ки дар ҷонпарварӣ оби Масеҳо мебарад [43, 217].

Дар бораи Исо пайғамбар дар «Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ» маълумоти муфассал омадааст. Аз ҷумла, гуфта шуда, ки «Исо фарзанди Марями Носирӣ (мансуб ба Носараҳ), мулаққаб ба Масеҳ ва Калиматуллоҳ ва Рӯҳуллоҳ ва Масеҳо ва Зулнахла аст, ки ашҳари он ҳамон Масеҳ аст ва дар Қуръон ҳам 11 бор аз ӯ ёд шудааст...[190, 591]. Дар бораи Исо баҳсҳои бисёре вуҷуд дорад. Он чӣ барои мо муҳим аст баъзе аз лаҳзаҳои зиндагии ӯст, ки шоирон ба онҳо ишора кардаанд. Аз Исо муъҷизоте нақл кардаанд, ки пайваста дар адабиёти мавриди талмеҳу ташбеҳ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, «дами Исо», ки хосият ҷонбахшӣ дорад, ки бино ба гуфтаи муҳаққиқон, ҳам дар «Қуръон» ва ҳам дар «Инҷил» ишора шудааст. Хусусияти дигар аз Масеҳ ба осмон рафтани ӯст ва ҳамчунин «дар Қуръони маҷид се бор ба таъйиди Худованд Исо(а)-ро ба тавассути Рӯҳулқуддус ишора шудааст…[172, 572].

Ибни Ямин дар байти боло бо ишора ба Масеҳо ба « *дами ҷонбахш»*-и ӯ ишора дорад, ки дар баробари насими кӯйи маъшуқи азалӣ, ки боди сабо меоварад, беарзиш аст. «Об аз касе бурдан» - киноя аз хору ҳақир кардани ӯст [186,2). Дар байти дигар бӯе, ки сабо аз зулфи маъшуқ меоварад, ба дами Исо ташбеҳ шудааст:

Мушк бар кофур мебезад сабо аз зулфи ӯ,

З-он чу анфоси Масеҳо роҳати ҷон медиҳад [43, 221].

Дар байти дигар, ки матлаи яке аз ғазалҳои машҳури ӯст, насими хоки Хуросон – Ватани шоир ба дами ҷонбахши Рӯҳулқуддус ташбеҳ шудааст:

Субҳдам боде, ки аз хоки Хуросон медамад,

Чун дами Руҳулқуддус дар пайкарам ҷон медамад [43, 231].

Бояд зикр кард, ки ин ғазал аз ғазалҳои ватандӯстонаи Ибни Ямин буда, дар он боди субҳдам, ҳамон боди сабо, ки аз хоки Хуросони бузург мевазад, ба беҳтарин сифат ситоиш шудааст:

Боди субҳ аст ин, надонам, ё насими пираҳан,
К-аз барои нури чашми пири Канъон медамад.
Чун гузар кардаст бар хоки Хуросон, лоҷарам,
Рӯҳпарвар чун насими боғи Ризвон медамад.
Менишонад оташи андуҳи дил чун оби раз,
Боди рӯҳафзой, к-аз хоки Хуросон медамад.
Бодро хосияти ҷонпарварӣ донӣ, зи чист?
З-он сабаб, к-аз кӯйи чун фирдавси ҷонон медамад.
Он Масеҳодам, ки анфосаш бувад ҷонбахш аз он,
Аз миёни чашмасори оби ҳайвон медамад.
Чини зулфаш мекунад яғмо насими субҳдам,
Хушнафас чун накҳати мушки Хутан з-он медамад.
Булбули табъи маро ояд насими кӯйи ӯ,
Ҳамчу боди субҳгоҳӣ, к-аз гулистон медамад.
Мебарад ҷамъият аз Ибни Ямин якборагӣ,
Нафҳае, к-аз чини он зулфи парешон медамад [43, 231].

Чунон ки мушоҳида мешавад, дар байти дувуми ғазал шоири ватанпараст боди субҳгоҳии ватани худро ба пироҳани Юсуф, ки хосияти хушбӯию нурбахшӣ дорад, ташбеҳ намудааст. Яъне, бӯйи хоки ватан барои шоир чунон азиз аст, ки насими пироҳани Юсуф барои Яъқуб аст. Ба таъбири дигар, чун пироҳани Юсуф, ки дидаи нобинои пири Канъонро бино кард, насими хоки Хуросон барои Ибни Ямин ҳамин хосиятро дорад. Дар байти севум шоир бодро аз он ваҷҳ рӯҳпарвар чун боғҳои биҳишт медонад, ки аз хоки Хуросон гузар кардааст. Дар байти чаҳорум сабаби ҷонпарварии боди саборо аз он медонад, ки аз кӯйи чун боғҳои биҳишти маҳбубаи шоир, ки дар ватанаш – Хуросон аст, гузар кардааст.

Ҳамин тариқ, дар абёти дигар *боди сабо*, ки аз диёри шоир гузар кардааст, ба дами Масеҳо, оби ҳайвон – оби ҳаёт, мушки Хутан ташбеҳ шуда, сабаби илҳоми «булбули табъ»-и суханвар гаштааст.

Ташбеҳи *боди сабо* ба дами Рӯҳулқуддус дар байтҳои дигари Ибни Ямин низ ба назар мерасад:

Ҳар насиме, к-аз зи хоки дари ҷонон бошад,
Чун дами Рӯҳулқуддус моядеҳи ҷон бошад [43, 239].

***

Боде, ки субҳдам ба ман ояд зи кӯйи ту,
Ҳамчун дами Масеҳ бад-ӯ рӯҳпарварам [14, 262].

Ситоиши хоку боди Ватан ва азиз доштани он бо корбурди мафҳуми *боди сабову* муродифҳояш дар шеъри Ҳофиз низ ба назар мерасад. Масалан, дар байти зер шоире, ки умре дар ватан буд, бо муддати кӯтоҳи дурӣ аз ватан насими Шерозро ёд мекунад:

Дило, рафиқи сафар бахти некхоҳат бас,
Насими равзаи Шероз пайки роҳат бас [59, 248].

***

Ҳавои манзили ёр оби зиндагонии мост,
Сабо, биёр насиме зи хоки Шерозам [59, 302].

Ҳофиз сабаби сафар накарданашро ба шаҳрҳои дигар, ки борҳо ӯро шоҳону ҳокимон даъват карда буданд, дилбастагӣ ба «насими боди Мусаллову оби Рукнобод» медонад:

Намедиҳанд иҷозат маро ба сайру сафар
Насими боди Мусаллову оби Рукнобод [59, 117].

Аз образҳои қуръонӣ яке дигар Хизр аст, ки дар ғазали ин аҳд дар робита бо *боди сабо* ба кор рафта, шоирон бо талмеҳи он тасвироти шоирона офаридаанд. Масалан, Носири Бухороӣ мегӯяд:

Пеши лаълат зи ҳаё об шавад чашмаи Хизр,
В-аз насимат нафаси боди сабо бар бод аст [14, 373].

«Чашмаи Хизр»- оби ҳаёт, ё оби зиндагӣ ва оби ҳайвон ҳам гуфтаанд. Дар саргузашти Хизр омадааст, ки дар дили зулмат ба чашмаи оби ҳайвон расид ва аз он нӯшиду умри ҷовидон ёфт. Шоир лаъли лаби маъшуқи азалиро дар баробари оби ҳаёт мегузарад ва оби ҳаётро дар баробари лаби маъшуқ ҳеҷ мешуморад. Дар мисраи дувум насиме, ки аз кӯйи маъшуқ мевазад дар муқоиса бо боди сабо тасвир шуда ва боди саборо дар баробари он беарзиш донистааст.

Дар байти зер маънии болоро ба шакли дигар баён доштааст:

Эй боди саборо зи насими ту равоне,
В-эй оби равонро зи хаёли ту латофат [59, 109].

Яъне, *боди сабо* аз насими кӯйи маъшуқ равон (ҷон) ёфтаасту оби равон (оби ҳаёт, чашмаи Хизр) аз хаёли насими ӯ латофат касб кардааст.

Маънии боло, яъне ҳеҷ донистани *боди сабо* дар баробари насими дӯст ва беарзиш ҳисобидани оби ҳаёт нисбат ба даҳони маҳбуб дар байти зери Камоли Хуҷандӣ мушоҳида мешавад:

Лутфи сабо шунидам, бод аст бо насимат,
Оби ҳаёт дидам, ҳеҷ аст бо даҳонат [51, 164].

Беарзиш донистани оби ҳаёт дар баробари хоки сари кӯйи маъшуқ, ки тавассути *боди сабо* ба ошиқ мерасад, дар байти зери Ҳофиз мушоҳида шуд:

Сабо ба чашми ман андохт хоке аз кӯят,
Ки оби зиндагиям дар назар намеояд [59, 218].

Ҳофиз «ҳавои манзили ёр»-ро, ки ҳамон насими хоки зодгоҳаш - Шероз аст, дар баробари оби ҳаёт мегузорад:

Ҳавои манзили ёр оби зиндагонии мост,
Сабо, биёр насиме зи хоки Шерозам [59, 302].

Ин нуктаро бояд зикр кард, ки шоирони ин аҳд дар баробари талмеҳоти асосу бунёди исломӣ дошта, аз талмеҳоти асоси эронӣ дошта низ ёд намудаанд. Аз ин талмеҳот ба назар мерасад, ки шоирони ин даврон аз гузаштаи пурифтихори ниёгони худ, аз фарҳангу тамаддуни бостонии он ифтихор доранд. Бештари талмеҳоти шоирон аз шоҳону

паҳлавонони қадими мардуми форсинажоданд. Шоҳони қадими эронӣ , монанди Ҷамшед, Фаридун, Кайқубод, Ковус, Нӯшервон, Доро, ки аз шоҳони муқтадир буданд ва ҳаводиси марбут ба даврони онҳо, назири Ҷоми Ҷам, оина мавриди талмеҳи шоирон қарор гирифтаанд. Талмеҳот аз асотири юнонӣ низ дар ашъори шоирони асри XIV дида мешавад. Масалан, дар чандин абёти шоирон аз Искандари Мақдунӣ талмеҳ намудааст. Искандар дар шеъри ин давра рамзи шоҳи бузург ва соҳиби мулки паҳновар аст. Ҳамчунин, аз ҳакимону файласуфони юнонӣ, монанди Афлотун, Ҷолинус низ дар ғазали ин давра талмеҳ шудааст. Афлотун дар тасвири шоирон табиби дардҳои рӯҳонӣ асту Ҷолинус табиби дардҳои ҷисмонӣ. Аз сӯйи дигар, ин ҳакимон рамзи донишу хирад ҳастанд, ки шоирон барои баёни андешаҳои худ аз онҳо истифода кардаанд.

Дар ғазали асри мавриди таҳқиқ тавъам бо *боди сабо* аз образҳои достонҳои ошиқона низ талмеҳ шудааст. Масалан, шоири орифи ин аҳд аз қаҳрамонҳои асосии достони ошиқонаи «Вису Ромин»-и Фахруддини Гургонӣ талмеҳ мекунад:

Шукуфа мӯ ба дасту абр доя,
Сабо Ромину Виси дилситон гул [28, 379].

Дар байти боло *сабо* ба Ромин ва гул ба Виси нозанин ташбеҳ шудааст. Бояд зикр кард, ки достони ошиқонаи «Вису Ромин», ки ба адабиёти пешазисломии форсу тоҷик тааллуқ дораду дар он расму русуми ғайриисломӣ тасвир шудааст, камтар мавриди таваҷҷуҳи шоирони аҳди исломӣ қарор гирифтааст. Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳаққӣ дар ин масъала менависад: «Вису Ромин (Виса ва Ром) номи ошиқу маъшуқи сӯхтадили қиссаи «Вису Ромин», достони ошиқонаи эронӣ ва мутааллиқ ба аҳди ашконӣ аст. Фахруддин Асъади Гургонӣ дар ҳудуди соли 446 қамарӣ онро аз рӯйи як матни паҳлавӣ ба форсии дарии манзум баргардонидааст. Ин достони ошиқона на танҳо дар усул, балки дар ҷараёни вақоеъ низ бо фоҷиаи ишқии «Туристону Эйзут" – як достони

урупоӣ мушобеҳ аст ва дар он оташи шаҳват ба ҳадде тез аст, ки аз ҳудуди шарофату наҷобат ва завобити иҷтимоии пазируфта дар ҷаҳони муосир таҷовуз мекунад ва ҳар хушку тареро месӯзонад ва филмасал, ишқи хоҳару бародарро муваҷҷаҳ мекунад. Моҷарои ишқи Вису Ромин ва шахсияти доя, бахусус баъд аз Фахруддини Асъад дар адабиёти ғиноии Эрон ҷойгоҳи умдае ёфта ва ҳампояи достонҳои «Хусраву Ширин» ва «Лайлию Маҷнун» забонзади хосу ом гаштааст.» [187, 856]. Муаллифи «Фарҳанги асотир» аз ашъори шоироне назири Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Авҳадии Мароғаӣ ва Хоқонӣ намунаҳое меоварад, ки аз ишқи Вису Ромин ёд кардаанд. Чунон ки мушоҳида намудем, шоири орифе монанди Хоҷу низ аз зикри онҳо сарфи назар накардааст.

Образи Лайлию Маҷнун, метавон гуфт, дар адабиёти беш аз ҳазорсолаи мо аз ҳама бештар мавриди талмеҳу ташбеҳ қарор гирифтаанд. Дар ин амал ҳам шоирони сӯфимашраб ва ҳам суханварони ғайрисӯфӣ иштирок доранд. Агар барои шоирони ғайрисӯфӣ Лайлию Маҷнун тимсоли ошиқи сарсупурда бошад, дар шеъри шоирони сӯфимашраб Маҷнун намоди ишқи илоҳӣ аст. Дар мавриди Лайлию Маҷнун муаллифи «Фарҳанги асотир» менависад: «Лайлӣ маъшуқаи маъруфи Маҷнун аст, ки дар адаби форсӣ мазҳари комили ишқ ва ишқи кул ва намояндаи номи маъшуқи шоирон шудааст. Ӯ духтари Маҳдӣ ибни Саъд ё Маҳдӣ ибни Рабеа буд ва Маҷнун ибни Қайс ошиқи ӯ шуд ва аз ишқи ӯ сар ба биёбон ниҳод ва бо вуҳушу ғазолон дамхӯр гашт. Маҷнун шоир ҳам буд ва девони шеъре ҳам ба ӯ мансуб аст. Вай дар фироқи маъшуқа шеърҳое ҳам гуфт ва хокҳо бар сар рехт.

Дар адаби ирфонии форсӣ Лайлӣ мазҳари ишқи раббонӣ ва илоҳӣ аст ва Маҷнун мазҳари рӯҳи ноороми башарист, ки бар асари дардҳову ранҷҳои ҷонкоҳ девона шуда ва дар саҳрои ҷунуну дилдодагӣ саргардон аст ва дар ҷустуҷӯи висоли Ҳақ ба водии ишқ дарафтода ва мехоҳад ба мақоми қурби ҳазрати лоязол восил шавад, аммо ба ин мақом намерасад, магар рӯзе, ки аз қафаси тан раҳо шавад… Ҳадиси дилдодагии ин ошиқу

маъшуқ назди шуарои дигар, бавижа дар арсаи адаби ғиноии Эрон мӯҷиби падид омадани мазомину хаёлоти нозук ва дилпазир шудааст» [190,732]. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки дар тасвири шоирони ин даврон боди сабо ба кори Лайлию Маҷнун низ дахолат дорад. Масалан, Салмони Соваҷӣ мегӯяд:

Барнамедорад ҳиҷоб аз ҳавдаҷи Лайлӣ сабо,

То халоиқро шавад равшан, ки Маҷнун оқил аст [40, 187].

Дар тасвири шоир Лайлӣ намоди ишқу зебоии мутлақ асту Маҷнун ошиқи сарсупурда, ки ин зебоиро дарк намудааст. Сабо қасдан парда аз ҳавдаҷ- каҷоваи шутури Лайлӣ намебардорад, то ҳусни зебои Лайлиро халоиқ бибинанд. Агар мардум ин ҳусни зебои Лайлиро бибинанд, ба ақли Маҷнун аҳсан мехонанду ба ҳеҷ ваҷҳ ӯро девона намешуморанд.

Имомуддин Насимӣ ба сабо мурочиат мекунад, ки турраи занҷиросои Лайлиро ба ӯ намояд, то илоҷи дили шайдояш кунад:

Эй сабо, занҷири ҷаъди турраи Лайлӣ куҷост?

То илоҷи ин дили бечораи маҷнун кунам [105, 218].

Дар байти боло иртиботи маъноӣ байни калимоти байт хеле қавист. Инсиҷоми маъноӣ байни Лайлию Маҷнун, занҷиру маҷнун (ба маънии ақлбохта, девона), сабову турра, илоҷу дил мавҷуд аст. Лайлию Маҷнун санъати талмеҳ аст ва маҷнун вобаста ба дил ба маънии шайдо, девона ба кор рафтааст, ки як навъ иҳом ҳам буда метавонад. Шоир ба сабо, ки маҳрами асрори ёр аст, хитоб мекунад ва аз мепурсад, ки занҷири ҷаъди турраи Лайлӣ (он ҷо, ки дили ошиқон асир аст) куҷост, то дили шайдову ошиқи худро дармон кунад. Дар гузашта девонаҳоро ба занҷир мебастанд ва дармон мекарданд. Дили девонаи шайдои ошиқ низ бо занҷири турраи дилдор даво меёбад.

Носири Бухороӣ, ки умре дар сафар буду дур аз ватани азизаш Бухоро, бо воситаи сабо ба Бухоро салом мефиристад. Дар тасвири шоир Бухоро ба Лайлӣ ташбеҳ шудаасту худи шоир ба Маҷнун. Ташбеҳи

Ватан ба Лайлӣ аз ташбеҳоти нодир аст. Яъне, шоир ватанашро чунон дӯст медорад, ки Маҷнун Лайлиро ва ҳамчунон ки Маҷнун бо боди сабо ба диёри Лайлӣ пайғом мефиристод, шоири ватанпараст ба воситаи сабо ба зодгоҳаш салом мефиристад:

Саломи ман бирасон, эй сабо, Бухороро,

Бигӯ таҳийяти Маҷнун диёри Лайлоро [14, 56].

Талмеҳи Лайлию Маҷнун дар ғазали Носири Бухороӣ ҳангоми баёни андешаҳои ирфонӣ низ ба кор рафтааст:

Ҳар гаҳ ки ҷунбонад сабо аз зулфи Лайлӣ силсила,

Маҷнуни шайдо меравад, ҳар сӯй то по мекашад [14, 368].

Ҳофизи Шерозӣ саборо ба сарманзили Салмо мефиристад, то саломи ӯро ба Салмо бирасонад:

Гар ба сарманзили Салмо расӣ, эй боди сабо,

Чашм дорам, ки саломе бирасонӣ зи манаш [59, 257].

«Салмо ё Сулаймо – менависад Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳаққӣ, номи маъшуқаест дар араб ва аз ароиси шеърӣ, ки маҷозан бар ҳар маъшуқ итлоқ мешавад ва дар шеъри ғиноии Эрон ҳам комилан шинохта шудааст…[187, 472]. Аммо дар шеъри форсии тоҷикӣ Салмо ба маънии маҳбуба аст, исми хос нест. «Манзили Салмо»- зиёратгоҳи ошиқон, хонаи маъшуқ ва дар шеъри ирфонӣ хонаи Худост. «Чашм дорам» - ба маънии интизор дорам, умедворам, омадааст.

Воқеан, «Салмо ҳаммонанди Лайлию Ширин аз ароис (арӯсҳо)-и шеър аст» [172, 883]. Дар шеъри Ҳофиз номи Салмо борҳо ба кор рафтааст:

Қосиди манзили Салмо, ки саломат бодаш,

Чӣ шавад, гар ба саломе дили мо шод кунад [59, 185].

Қосид, бешак, дар байти боло ҳамон боди сабост, ки паёми ошиқу маъшуқро ба ҳам мерасонад. Ҳамчунин, дар байти боло, ки талмеҳ аз Салмо аст, байни калимоти Салмову салом ва саломат ҷиноси иштиқоқ барқарор аст.

Тасвироти шоирона ба воситаи *боди сабо* дар ғазали асри XIV дар байтҳое низ дида мешавад, ки дар онҳо маънои рамзии ирфонӣ ҳузур надорад. Дар ин гуна тасвирот аксар вақт тасвири табиат, хосса фасли баҳор мушоҳида мешавад. Масалан, дар байти зери Ҳофиз ҳеч як маънии рамзии ирфонӣ ҳузур надорад. Шоир вазидани боди саборо ҳангоми баҳор, ки бӯйи гулу сабзаро ба ҳам меоварад, тасвир намудааст:

Нафаси боди сабо мушкфишон хоҳад шуд,
Олами пир дигарбора ҷавон хоҳад шуд [59, 166].

«Нафаси боди сабо» - санъати ташхис аст. Боди сабо ба сурати мавҷуди зинда ба тасвир омада, ки нафас мекашад. Нафас маънои маҷозӣ дорад, яъне вазидани боди сабо. «Мушкфишон хоҳад шуд» - мушкфишонӣ хоҳад кард, маҷозан бӯйи хуши гулу сабзаҳоро бо худ хоҳад овард. «Олами пир»- дунёи куҳан, ки умри дароз аз вай гузаштааст. «Ҷавон хоҳад шуд» - маҷозан ба маънии шодобу чолок шудану сарсабз гардидан аст, ки ҳамин маънии маҷозӣ киноя аст аз фарорасии фасли баҳор. Калимаҳои «пир» ва «ҷавон» санъати тазод аст, ки шоир дунёро дар ҳангоми зимистон «пир» ба тасаввур оварда ва ҳангоми баҳор бо вазидани боди сабо ин «олами пир» дигарбора ҷавон мегардад.

Ҳамин маънӣ, яъне фаро расидани фасли баҳору беҳбуд ёфтани авзои ҷаҳонро дар байти дигари Ҳофиз мебинем:

Бӯйи беҳбуд зи авзои ҷаҳон мешунавам,
Шодӣ овард гулу боди сабо шод омад [59, 173].

Ҳамчунин, дар байтҳои дигари Ҳофиз тасвири баҳору вазидани боди сабо ва шукуфтани гулу сабзаҳо ба тасвир омадааст:

Чун сабо маҷмуаи гулро ба оби лутф шуст,
Каҷдилам хон, гар назар бар сафҳаи дафтар кунам [59, 432].

«Маҷмуаи гул»- ҷое, ки гулҳо дар канори ҳам шукуфтаанд. «Дар каломи Ҳофиз фасли гули сурх ҳангоми май хӯрдан аст ва дар баҳори Шероз бояд китобу мадрасаро гузошту ба саҳро рафт. Аммо он чӣ дар субҳи баҳори Шероз гулҳои сурхро мешӯяд, об нест, латофати насими

сабо, боди субҳи баҳорӣ аст» [102, 906]. Тасвири шоирона дар байти боло дар мисраи аввал аст. Яъне, тасвири субҳгоҳӣ, ҳангоми баҳор, ки боди сабо бо вазидани худ қатраҳои боронро ба гулбаргҳои гул мерасонад ва бо ин амал онро аз чангу ғубор пок мегардонад.

Дар байти зер танҳо вазидани боди сабову шукуфтани гулҳо ба тасвир омада, ки хеле олист:

Расид боди сабо, ғунча дар ҳаводорӣ
Зи худ бурун шуду бар худ дарид пироҳан [59, 352].

Ҳофиз мегӯяд, ки *боди сабо* ғунчаи гули лоларо боз мекунад ва дар тахайюли зебонигории шоир бо расидани боди сабо ғунчаи гул чунон беқарору хушҳол шуд, ки гӯё пироҳани худро аз шодӣ дарид. Таъбирҳои «аз худ берун шудан» ва «пироҳан даридан» дар адабиёти форсии тоҷикӣ хеле фаровон ба кор рафтааст, аммо ин амалҳо нисбат ба гул хеле нодир аст.

Дар байти дигар ғазале, ки байти боло аз ӯст, ҳамоно тасвири «баҳори тавбашикан» асту вазидани насими сабост:

Зи дастбурди сабо гирди гул кулола нигар,
Шиканҷи гесуи сунбул бубин ба рӯйи суман [59, 352].

«Дастбурд» дар ин байт ба маънии даст бурда ба чизеву тағйир додан аст. Сунбул –«гиёҳи пиёзбехи савсанбарг, ки гулаш хушбӯ ва ҳалқа-ҳалқа буда,ба зулфи маъшуқ ташбеҳ мешавад, гиатсинт» [195, 273]. Суман, ёсуман ё худ саман – гулест сафеди хушбӯй, ки дар ғазал рӯйи нигорро ба он ташбеҳ мекунанд. Шоир мегӯяд, ки «бо вазидани боди сабо гулҳои дигарро ба сурати дастагуле ба даври гули сурх даровarда ва нигоҳ кун, ки гесуи сунбул чӣ тавр рӯйи гули ёсаман афтода, мисли ин ки чину шикани зулфи зеборӯе рӯйи сураташ афтода бошад» [151,1367, 1010].

Ҳамин гуна тасвирҳои шоирона дар шеъри Убайди Зоконӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар байти зер тасвири фасли баҳор аст, ки

дар он бо вазидани боди сабо гулҳо ба ҷилва медороянду садои ошиқонаи булбулон дар чаман ғулғула меафканад:

Боди сабо ҷайби суман баркушод,

Ғулғули булбул дар чаман дарфитод [24, 263].

Мурод аз «ҷайби суман баркушодан»-и сабо бо вазидани боди сабо шукуфтани гули суман аст.

Дар тасвири шоир гул «арӯси чаман» асту сабо домани ин «арӯси чаман»-ро мебардорад:

Ба сад ҷамол даромад арӯси гул ба чаман,

Сабо-ш домани гулгун ғулола бардорад [24, 169].

Дар абёти дигари Убайди Зоконӣ низ сухан аз таровати баҳору вазидани сабо ва шукуфтани гулҳост:

Сабо фасонаи ҳурони сарвқад гӯяд,

Чаман ҳикояти хубони гулъузор кунад [24, 153].

***

Боз фиканд дар чаман булбули маст ғулғула,

Гашт зи ҷунбиши сабо духтари шоҳ ҳомила [24, 147].

***

Нофакушо шуда сабо, ғолиясо насими гул,

Ваҳ, ки чӣ нозанин бувад гулрухи анбаринкулаҳ [24, 163].

Тасвири таровати баҳор дар шеъри Камоли Хуҷандӣ низ ба назар мерасад, ки худи шоир онҳоро « хаёлоти латиф» ва «маънии хос» таъбир кардааст:

Чу шамъи рӯз барафрӯхт аз насими сабоҳ,

Бирез бодаи гулгун дар обгун ақдоҳ [52, 389].

***

Дар чаман боди сабо бӯйи ту овард, зи шарм

Ранг дар рӯйи гулу лолаи сероб намонд [51, 164].

Бояд зикр кард, ки тасвиру тавсифи баҳор дар ғазали шоирони ин даврон ба такрор меояд. Масалан, фасли гули лола тавбаи Ҳофизро мешиканад ва ӯро ба боданӯшӣ мехонад. Қобили зикр аст, ки ин мазмунҳо дар ғазали шоирони ин аҳд мубориза бо муддаиёни зуҳду салоҳро ҳам дар бар дораду тарғиби шаробхорагӣ нест. Нуктаи ҷолиб он аст, ки дар ин амал боди сабо низ ҳузур дорад.Масалан, Ҳофиз мегӯяд:

Эй сабо, гар ба ҷавонони чаман боз расӣ,

Хидмати мо бирасон сарву гулу райҳонро [59, 8].

Дар байти болои Ҳофиз сухан аз зебоиҳои баҳор ва майгусориву ошиқӣ меравад. Ибораи «ҷавонони чаман» изофаи истиорӣ аст. Чаман ба сурати кишвар ё худ шаҳре тасаввур шудааст ва «ҷавонони чаман» истиора аз «сарву гули райҳон»-и мисраи дувум аст. Таркиби «хидмати мо бирасон», яъне, саломи моро бирасон маънӣ медиҳад. «Сарву гулу райҳон»- наврустагон ва ҷавонони чаман ҳастанд. Бояд зикр кард, ки дар забони форсии тоҷикӣ Сарву Гулу Райҳон номҳои писарону духтарон ҳам ҳаст. Шоир рамзу талмеҳе дар байт ниҳодааст ва сарвро ба хотири росту баландқомат будан ном мебарад ва гул нишоне аз латофату зебоии рухсор дорад. Райҳон низ бо бӯйи хуш аз зулфи атрсои маъшуқа хабар медиҳад. Шоир мегӯяд: «Эй сабо, агар ба гулҳову чаманҳо ва дарахтони наврустаи баҳорӣ бирасӣ, салому хидматгории моро ба сарву гулу райҳон бирасон»[151, 110].

Камоли Хуҷандӣ наздик ба маънии байти болои Ҳофиз мегӯяд:

Эй сабо, накҳати он зулф магар нашнидӣ,

Ки ҳавои чаману барги раёҳин дорӣ? [51, 382]

«Ҳавои чаман доштан», яъне майли сайри чаман кардан аст. Шоир ҳама таровати баҳорро аз накҳати зулфи маъшуқ медонад, ки сабо аз он кӯй овардааст. Сабо, ки дар чаману барги раёҳин мевазад, боиси рашки ошиқ шудааст, зеро атри зулфи маъшуқ ба маротиб хушбӯйтар аз бӯйи чаману райҳон аст.

Хоҷуи Кирмонӣ низ бӯйи хуши навбаҳорро аз он медонад, ки сабо аз сари зулфи нигори шоир овардааст:

Сапедадам, ки ҷаҳон бӯйи навбаҳор гирифт,

Сабо насими сари зулфи он нигор гирифт [28, 231].

Шоир мегӯяд: Субҳдам сабо накҳате аз сари зулфи нигор овард, аз ин сабаб дунё аз бӯйи навбаҳор муаттар гардид.

Дар ғазали асри XIV хитоб ба *сабо* беш аз ҳар чизу ҳар ки ба назар мерасад. Шоирони ин аҳд чандин ғазал доранд, ки маҳз бо хитоб ба *сабо* шурӯъ мешавад. Масалан, ғазали машҳури Хоҷуи Кирмонӣ, ки шарҳашро қаблан овардаем:

Эй пайки сабо, ҳоли паричеҳраи мо чист?

В-эй мурғи Сулаймон, хабар охир зи Сабо чист? [28, 243]

Дар девони Камоли Хуҷандӣ низ чандин байт ба назар расид, ки шоир ба *сабо* муроҷиат мекунад, ӯро ба ёрӣ даъват мекунад ва ё сарзанишу маломат менамояд. Масалан, дар байтҳои зер шоир аз сабо дархости ёрӣ дорад:

Эй сабо, вақте ки пайғоме ба мо орӣ зи дӯст,

Гар надонӣ номи ӯ, номеҳрубон, – гуфтию рафт [51, 49].

***

Эй сабо, баргӯй имшаб аз забони мо ба шамъ,

Сӯхтӣ парвонаҳоро, бош, то фардо шавад [52, 194].

***

Эй сабо, домани он зулф чӣ бошад, ки кашам,

Рафъ кун ҳоҷати мо, к-омадаем аз пайи ҷар [51, 224].

Аммо дар байтҳои дигар *сабо* мавриди сарзаниши қаҳрамони лирикӣ қарор мегирад:

Эй сабо, то кай ба зулфи ёр бозӣ мекунӣ?

Сар диҳӣ бар бод, чун бисёр бозӣ мекунӣ [51, 401].

***

Сабо, бодат бурида по ба сад ҷо,

Чаро дар зулфи ӯ чун шона рафтӣ?! [51, 373]

***

Эй сабо, чанд равӣ бар дари ҷонон густох?!

Дар шаби тор бар он зулфи парешон густох?! [51, 119]

Ҳамин гуна маънӣ, яъне дархости ёрӣ аз сaборо дар ғазалҳои Носири Бухороӣ низ мушоҳида мекунем:

Эй боди сабо, ҷону ҷаҳон бод фидоят,

Лутфе куну он ҷони ҷаҳонро ба ман овар [14, 219].

***

Сабо, бархез, агарчи нотавонӣ,

Макун, зинҳор, дар рафтан таааллул [14, 327].

Хоҷуи Кирмонӣ низ борҳо аз сабо дархости ёрӣ кардааст. Бояд зикр кард, ки дархости ёрӣ хостани қаҳрамони лирикӣ аз сабо барои маъшуқ аст, зеро танҳо сабо дар даргоҳи маъшуқ роҳ дораду бас:

Аё сабо гарат афтад ба кӯйи дӯстон гузор,

Ниёзмандии ман арза деҳ ба ҳазрати ёр [28, 251].

Аз ҳама бештар мо зикри хайри *сaборо* дар девони Ҳофиз мушоҳида намудем. Бисёре аз ғазалҳои Ҳофиз бо хитоб ба *сабо* ё бо зикри хайри ӯ оғоз мешавад. Ин ҷо чанд матлаи ғазалҳои шоирро ба тариқи намуна меоварем:

Сабо, ба лутф бигӯ он ғизоли раъноро,

Ки сар ба кӯҳу биёбон ту додаӣ моро [59, 44].

Ин матлаи ғазали Ҳофиз аз чанд ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Аввалан, ҳусни матлаъ аст, зеро хеле ҳунармандона гуфта шуда, муҳтавои ғазалро ифода мекунад. Дар мавриди санъати ҳусни матлаъ Абдунабӣ Сатторзода дар китоби «Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ» навиштааст: «Ҳусни матлаъ дар луғат оғози нек буда, дар истилоҳ он аст, ки байти нахусти шеър неку ороста бувад ба лафзу маънӣ, яъне матбӯъ, бо санъат, лафзи латифу дилпазир, маънии ғариб ва бадеъ, салис ва азб ва бе калимаҳои зишт ва маъниҳои ракик бошад, чунон ки

шунавандаро аз шунидани он роҳат ояд ва табъро аз дарёфтани он нишот физояд» [153, 142]. Дувум, калимаҳои « ғазол», «сабо», «кӯҳ»-у «биёбон», ки маҷмуаи дилнишинеро ташкил додаанд, бо ҳам инсиҷоми маъноӣ доранд, ки онро санъати муроотунназир мегӯянд. Вожаи «ғазол» дар луғат ба маънии оҳубара, оҳу, киноя аз маъшуқа аст. Илова бар ин, калимаи «ғазол» бо қаринаи «раъно» маҷоз ҳам буда метавонад. Калимаи «раъно» низ иҳом дорад, зеро дар ин байт ҳам ба маънии зебо ва ҳам худписанду худоро ва мутакаббир онро метавон қабул кард. Дар байти боло «раъно», аслан ба маънии худписанду мағрур омадааст, ки сифати маъшуқа аст, зеро бевафоию бемеҳрии ӯ ошиқро саргаштаи кӯҳу биёбон кардааст. Хулосаи калом ин аст, ки шоир бо ин ҳама санъаторои мегӯяд: -Эй сабо, ба он зебои мағрур бигӯ, ки ишқи ту моро девона кардааст.

Дар матлаи ғазали дигар таркиби «насими саҳар»-ро ба кор бурда, ки мурод аз он ҳамон боди сабост:

Эй насими саҳар, оромгаҳи ёр куҷост?
Манзили он маҳи ошиқкуши айёр куҷост? [59, 55]

Ин байт низ ҳусни матлаъ аст, зеро он таърифе, ки назарияпардозони қадиму муосир ба ин санъат арза кардаанд, назири «неку ороста бувад ба лафзу маънӣ», дорои «маъниҳои ғарибу бадеъ» ва «шунавандаро аз шунидани он роҳат ояд», ба ин байт мувофиқ меояд. «Оромгаҳ» дар ин байт ба маънии хонаву манзил аст, ки дар мисраи дувум таъкид шудааст. «Он маҳ» истиора аз маъшуқ аст, ки дар мисраи аввал ёр хонда шудааст. «Ошиқкуш» - зеборӯе, ки ошиқон аз ишқи ӯ мемиранд ва висоли ӯ ғайримумкин аст. Дар шарҳи калимаи айёр навиштаанд: «Айёр (ба ташдиди ё) дар асли луғат он касе, ки дар ҷанг ҷомаву силоҳи махсус ҳамроҳ дошта бошад ва корҳои махфӣ кунад. Дар истилоҳ ба касоне гуфта мешудааст, ки бо корҳо ва амалиётҳои шигифтангез ва боварнокарданӣ ба фарёди мазлумон мерасидаанд ва ё доди мазлумро аз золим мегирифтаанд. Ва дар адабиёт рамзест барои устоде, ки соҳиби фанҳост ва корҳои ҳайратангез мекунад. Дар истилоҳи

сулук иборат аст аз орифи ринде, ки ба таъйиди назар корҳо бикунад» [151, 180].

Байти боло матлаи ғазали орифона ва ошиқонаи Ҳофиз аст ва ёр дар ин байт маъшуқи инҷаҳонӣ нест, балки ёрест, ки висоли ӯ ғайриимкон аст. Шоир нишони ӯро аз сабо – насими саҳар мепурсад ва посухи сабо низ номаълум аст.

Ба ҳамин минвол беш аз сӣ маврид Ҳофиз ғазали худро бо хитоб ба сабо оғоз мекунад ва ё бо зикри хайри сабо шеърашро ифтитоҳ мекунад. Аз ҷумла:

Эй сабо, накҳате аз кӯйи фалоне ба ман ор,
Зору бемори ғамам, роҳати ҷоне ба ман ор [59, 244].

***

Эй сабо, гар бигзарӣ аз соҳили рӯди Арас,
Бӯса зан бар хоки он водию мушкин кун нафас [59, 248].

***

Сабо зи манзили ҷонон гузар дареғ мадор
В-аз ӯ ба ошиқи бедил хабар дареғ мадор [59, 229].

***

Эй сабо, накҳате аз кӯйи дари ёр биёр,
Бибар андуҳи дилу муждаи дидор биёр [59, 232].

Дар дохил ва мақтаи ғазал низ Ҳофиз борҳо ба сабо мурочиат кардаву зикри хайри ӯ карда, ки шумори он аз панҷоҳ бештар аст.

Дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ низ ғазалҳое ба назар расид, ки шоир дар матлаъ ба сабо хитоб мекунад ва бо зикри ин боди хушнасим ғазалро оғоз мекунад:

Эй сабо, чанд равӣ бар дари ҷонон густох?!
Дар шаби тор бар он зулфи парешон густох?! [52, 16]

Ин байти Камоли Хуҷандӣ монанди байти Ҳофиз ҳусни матлаъ аст, зеро «маъниии ғариб» дораду «бе калимоти зишту маънии ракик» ва «табъро аз дарёфтани он нишот» меафзояд. Байни калимоти «шаби тор»

ва «зулфи парешон» инсиҷоми томи маъноӣ барқарор асту таносуби калом. Агар Ҳофиз дар байти боло аз сабо суроғи манзили ёр карда бошад, Камол саборо сарзаниш дорад, ки бо зулфи парешони ёр рафтори густохона дорад.

Дар матлаи ғазали дигари Камоли Хуҷандӣ низ ин таносуби калом байни калимоти байт мушоҳида мешавад:

Эй сабо, бар хоки кӯйи ёри мо хуш меравӣ,
Шаб сарандозон бар он зулфи дуто хуш меравӣ [52, 416].

Хитоб ба *сабо* дар абёти дохили ғазали Камол фаровон аст. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки Камол дар муқоиса бо Ҳофиз саборо мазаммат мекунад ва аз рафтори бебоконаи ӯ нисбат ба зулфи маъшуқ норозист:

Эй сабо, то кай ба зулфи ёр бозӣ мекунӣ?
Сар диҳӣ бар бод, чун бисёр бозӣ мекунӣ [52, 387].

***

Сабо, бодат бурида по ба сад ҷо,
Чаро дар зулфи ӯ чун шона рафтӣ? [52, 357]

Дар ғазали Носири Бухороӣ низ хитоб ба *сабо* дар матлаъ ба назар расид:

Як нафас, эй боди сабо, ҳамчу бод
Азми ту то кӯйи дилором бод! [52, 247]

Байти Носири Бухороӣ низ ҳусни матлаъ аст, зеро илова бар матбӯъ буданаш корбурди санъатҳои бадеӣ дар ҳадди аҳсант аст. Байни калимаҳои *«боди сабо», «бод»* ва *«бод»* (феъли амр) инсиҷоми маъноӣ ва таносуб барқарор аст. Ҳамчунин, калимаи *«бод»,* ки се бор такрор шудааст, санъати таҷнис аст.

Матлаи ғазали дигари Носири Бухороӣ низ дорои санъати бароати истиҳлол аст:

Хоҳам чу сабо гирди сари кӯйи ту гаштан,
Бо бод баромехта, бар бӯйи ту гаштан [14, 317].

Дар мавриди санъати бароати истиҳлол дар китоби «Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ» чунин омадааст: «Бароати истиҳлол дар луғат аз наздикон даргузаштан ба фазлу фасоҳат ба ҷуз он; дидани моҳи нав ва навиди пайдо шудани он буда, дар истилоҳ он аст, ки аз муносибати ибтидои сухан бо мақсади гӯянда дарак медиҳад…»[153, 148]. Чунон ки мушоҳида мешавад, байти матлаи Носири Бухороӣ комилан ҷавобгӯи ин таъриф аст.

Байти матлаи ғазали зери Хоҷуи Кирмонӣ низ аз санъати бароати истиҳлол холӣ нест:

Чун сабо накҳати он зулфи парешон орад,
Дили пурдарди маро муждаи дармон орад [28, 307].

Дар байти зери Носири Бухороӣ санъати тансиқи сифот ё худ сифатчинӣ ба кор рафтааст:

Саломе бурд, чун субҳи сабо рафт,
Расули раҳнаварди бодпо рафт [14,187].

Бино ба гуфтаи Тӯрақул Зеҳнӣ дар китоби «Санъати сухан», «баъзан барои тавсиф ё тасвири касе ё чизе ба таври болобардорӣ ва ё роҳи сарзаниш сифатҳои муносиб барои як мавсуф қатор чида мешавад, ки ифодаро қувват медиҳад. Ин гуна санъатро, ки сифатҳо паси ҳам чида шудаанд, дар осори балоғати классикӣ тансиқи сифот меноманд, ки маъноящ сифатчинӣ гуфтан аст» [88,97]. Шоир дар мисраи дувум сифатҳои *боди саборо* як ба як ба таври чида овардааст: расул, раҳнавард ва бодпо.

Дар байтҳои зери Ибни Ямин, ки амали *сабо* тавсифу таҳсин шудааст, то андозае санъати сифатчинӣ мушоҳида мешавад:

Ҳар субҳдам боди сабо аз зулфи мушкафшони ӯ,
Орад насиме сӯйи мо ҳуш аз дили мо мебарад.
Боде, ки вақти субҳдам аз хоки кӯяш мевазад,
Ҳаққо, ки дар ҷонпарварӣ оби Масеҳо мебарад [43, 217].

Санъати таҷоҳули ориф аз ҷумлаи санъатҳоест, ки шоирони ғазалсарои асри XIV ҳангоми тасвири баҳору боди сабо аз он истифода

кардаанд. Масалан, дар абёти зери Ибни Ямини Фарюмадӣ ин санъат ҳунармандона корбаст шудааст:

Ё Раб, ин бӯйи хуш аз равзаи Ризвон бархост,
Ё насими саҳар аз соҳати бӯстон бархост?
Ё зи чини сари зулфайни чу шоми бути ман,
Субҳдам боди сабо ғолияафшон бархост? [43, 210]

«Таҷоҳули ориф, бино ба гуфти муаллифи «Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ», дар луғат худро ба нодонӣ задании доно, нодоннамоӣ, ношинохтан буда, дар истилоҳ он аст, ки адиб дар асарҳои хеш аз чизе сухан кунад, ки донад, аммо худро чунон намояд, ки намедонад. Таҷоҳули ориф сухани суоломез аст, вале суоле, ки ҷавоб тақозо намекунад, балки худ тасдиқ аст» [153, 139]. Дар ду байти боло Ибни Ямин аз бӯйи хуши баҳорӣ, ки сабо ба димоғи ӯ расонидааст, сухан мекунад. Шоир худро ба нодонӣ мезанад, ки ин бӯйи хуш, ки насими саҳарӣ, боди сабо овард, аз равзаи Ризвони биҳишт аст ва ё зи чини сари зулфи нигор ӯст?

Дар байти дигари Ибни Ямин низ санъати таҷоҳули ориф ҳунармандона ба кор рафтааст:

Ё Раб, ин бӯйи хуш аз зулфи дилороми ман аст,
Ё сабо ҳамнафаси нофаи мушки Хутан аст? [43, 210]

Шоир сармаст аз насими хуши боди сабост ва дар ҳайрат аст, ки ин муаттарии боди сабо аз куҷо сарчашма гирифтааст. Боди сабо ё аз зулфи дилороми ӯ бӯй рабудааст ва ё бо мушки Хутан ҳамдаму ҳамнафас гаштааст?

Тасвирҳои шоирона, алалхусус ҳангоми тасвиру тавсифи андоми маъшуқа дар ғазали асри XIV фаровон ба назар мерасад ва нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки *боди сабо* низ гоҳе дар ин тасвироти шоирона нақши калидӣ мебозад. Масалан, дар байти зери Ҳофизи Шерозӣ:

Бунафша турраи мафтули худ гиреҳ мезад,
Сабо ҳикояти зулфи ту дар миён андохт [59, 53].

Дар байти боло бунафша ба сурати духтаре ба тасвир омадааст, ки зулфи худро бофта ва гиреҳ мезанад. Дар ин маврид боди сабо ба шакли хаёлии хабарчин зоҳир шудааст. Ҳам бунафша ва ҳам боди сабо истиора шудаанд. «Бунафша» - «гиёҳест, ки гулҳои хурду сархами савсанранги хушбӯй дорад ва дар баҳор пеш аз гулҳои дигар мешукуфад» [194, 212]. Бояд зикр кард, ки дар ғазали асри XIV бунафша бештар ба зулфи ёр ташбеҳ шудааст ва гоҳе рақиби зулфи маъшуқ шуморида мешавад. Бунафша аз лиҳози рангҳои гуногуни гулҳои он ба мӯйи зулфи дилбар ва нозукии буттаҳои бунафшаву овезон будани он ба сӯйи замин ба зулф монанд шудааст. «Турра»- «мӯйи тобида дар канори пешонӣ, зулф»[195, 379]. «Мафтул»- ба маънии тобида, тофташуда аст, ки ба турра тааллуқ дорад. «Турраи мафтул» - яъне, мӯйи печида, зулфи тобдор. «Ҳикояти зулфи ту» - киноя аз пароканда шудани бӯйи хуши зулфи маъшуқа аст.

Шоир мегӯяд: Бунафша зулфи тобида ва пешафтодаи худро гиреҳ мезад ва худороию раъноӣ мекард, ки сабо аз роҳ расиду аз зебоию хушбӯйии зулфи ту сухан кард, бунафша шарманда шуду сар ба поён андохт. Яъне, бунафша бо ҳама зебоию нозукӣ ва ҳаммонандияш ба зулфи дилбар, дорои атру бӯйи хуши зулфи ту нест. Бояд гуфт, ки ин ташбеҳи зулф ба бунафша ташбеҳи измори олӣ аст. Абдунабӣ Сатторзода дар китоби «Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ» дар мавриди «ташбеҳи измор» менависад: «Ташбеҳи измор ва он чунон аст, ки чизеро ба чизе монанд кунанд ва чунон зоҳир намоянд, ки мақсуди эшон ташбеҳ нест, балки чизи дигар аст. Агарчи, мақсуди эшон ташбеҳ буда бошад. Ташбеҳи изморро «ташбеҳи музмар», «ташбеҳи пӯшида» ва «ташбеҳи зимнӣ» низ мегӯянд» [153, 88]. Дар байти боло чунин ба назар мерасад, ки мақсади шоир чизи дигар аст, аммо дар асл зулфи маъшуқаро ба бунафша монанд кардааст.

Ҳамгуна ташбеҳи музмар ё худ ташбеҳи пӯшидаро дар байти зери Камоли Хуҷандӣ мушоҳида мекунем:

Сабо гирифта каманди бунафша дастовез,
Ки шаб ба ҳалқаи он зулфи мушкбӯ ояд [52, 199].

Маънии ин байти Камол хеле наздик ба байти болои Ҳофиз аст. Дар ҳар ду байт бунафша ба зулфи маъшуқа ташбеҳ шудааст, аммо ҳар ду шоир бо воситаи сабо, ки посбони нангу номуси маъшуқ аст, бунафшаро танбеҳ медиҳанд, ки чаро худро ба зулфи ӯ монанд медонад.

Дар байти дигар Ҳофиз муродифи *сабо – насимро* ба кор мебарад ва зулфи маъшуқро ба бунафша ташбеҳ мекунад:

Чун зи насим мешавад зулфи бунафша пуршикан,
Ваҳ, ки дилам чӣ ёд аз он аҳдшикан намекунад [59, 139].

Ташбеҳи зулф ба бунафша дар ғазали шоирони асри XIV, назири Хоҷуи Кирмонӣ, Салмони Соваҷӣ, Носири Бухорой ва дигарон хеле зиёд аст, аммо аз он ҷо, ки дар онҳо зикри сабо нарафтааст, шарҳи онро салоҳ надонистем.

Бояд зикр кард, ки дар ғазали шоирони асри мавриди таҳқиқ калимаи *«насим»* бештар маврид ҳамон боди сабост, аммо дар баъзе байтҳо ин вожа то андоза аз боди сабо фарқ дорад. «Насим» дар луғат ба маънии «боди форам, боди нарм, боди суст, боди форами саҳаргоҳӣ» [195, 835] аст. Ин маънии *насим*, ки муаллифони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» баён карданд, ҳамон боди сабост. Аммо, дар «Луғатнома»-и Алиакбари Деххудо *насим* ба маънии «бӯйи хуш, атр, роиҳа» низ омадааст. Ин маънӣ, яъне бӯйи хуш ба сабо низ нисбат дорад, зеро боди сабо низ ҳамин хосиятҳоро дорад. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки дар тасвирҳои шоирони асри мавриди таҳқиқ насим ҳамон вазифаҳои боди сaборо иҷро мекунад ва дар айни замон, боди хушбӯй ҳам аст, зеро аз сари кӯйи ёр меояду шаммаи зулфи ӯро меоварад. Насим низ аслан саҳар ҳангоми дамидани субҳ мевазад. Яъне, ҳамон боди сабост. Масалан, Ҳофиз мегӯяд:

Дили ман дар ҳаваси рӯйи ту, эй муниси ҷон,
Хоки роҳест, ки дар дасти насим афтодаст [59, 57].

«Дар дасти насим афтодан» - ба маънии бо бод ҳамроҳ шудан аст. Шоир мегӯяд: Дили ман, ки ошиқи рӯйи туст, аз ихтиёри ман хориҷ шудааст ва бо орзуи дидори ту мисли ғубор дар дасти бод асту ба ҳар ҷо

меравад. Дар байти мақтаи ғазале, ки байти боло аз он аст, шоир зулфи ёрро дар дасти насим мебинад:

То сари зулфи ту дар дасти насим афтодаст,

Дили савдозада аз ғусса дуним афтодаст [59, 57].

Дар дасти насим афтодани сари зулфи ёр ба маънии ин ки насим бар зулфи ӯ вазидаасту бӯйи хуши зулфи ӯро ба машоми ошиқ мерасонад. Дар чунин ҳолат дили савдозадаи ошиқ чунон ғуссадор мешавад, ки гӯё онро ба дуним кардаанд, яъне, бо теғе шикофтаанд.

Тасвиророӣ бо воситаи мафҳуми *сабо* дар ашъори Салмони Соваҷӣ шеваи ба худ хос дорад. Масалан, дар байти зер ибороту таркибот, ки барои тасвири баҳор ба кор рафтаанд, ҳама истиоравиянд:

Тоҷи наргисро биорояд ба зар ҳар шаб саҳоб,

Оташи гулро барафрӯзад ба дам ҳар дам сабо [40, 36].

Шоир бо воситаи калимаи наргис вобаста ба шакли он таркиби «тоҷи наргис»-ро сохтааст. «Наргис – номи гиёҳи пиёзбехи хурду нозук, ки гулҳои хушбӯйи сафед ё зард дорад»[195, 833]. Дар адабиёти мо наргис бештар ба чашми ёр ташбеҳ мешавад ва дар танҳоӣ киноя аз чашм ҳам ҳаст. Аз он ҷо, ки гулбаргҳои наргис сафеду зард аст, шоир онро ба сифати «тоҷ» қабул кардааст. Абри баҳорӣ гулбаргҳои гули наргисро шуста, ӯро чун арӯс оро додааст. «Оташи гул» - киноя аз гулбаргҳои гул аст ва «оташи гулро барафрӯхтани сабо» киноя аз шукуфтани гул ба туфайли вазидани боди сабост. Яъне, ҳар шаб бо боридани борони баҳорӣ гули наргис аз чангу ғубор тозаву озода мешавад, монанди он ки арӯс ба сараш тоҷи тиллоӣ гузоштааст ва бо вазидани боди сабо гулҳо мешукуфанд. Мисли он ки гунаҳои ба гул монанди арӯс арғавонӣ мешаванд.

Бояд зикр кард, ки дар суннати шеъри форсии тоҷикӣ, хусусан дар ғазали шоирони асри XIV наргис корбурди фаровон дорад ва яке аз хусусиятҳои он ин аст, ки дорои дида, вале нобино тасвир мешавад. Қаробати наргис бо сабо боз дар он аст, ки ҳар ду «беморанд»:

Гашт бемор, ки чун чашми ту гардад наргис,

Шеваи ту нашудаш ҳосилу бемор бимонд [59, 132].

Дар ғазали асри мавриди таҳқиқ таркибу иборасозӣ ба воситаи мафҳуми *сабо* фаровон ба назар мерасад, ки шоирон бо ин васила тасвирҳои олии шоирона офаридаанд. Масалан, Хоҷуи Кирмонӣ таркиби «насими сабо»-ро офарида, ки хеле шоирона аст:

Зи роҳи банданавозӣ магар насими сабо,

Зи дӯстон хабаре сӯйи дӯстон орад [28, 219].

Ибораи «насими сабо» дар байти зери Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ низ ба кор рафтааст:

Ғубори роҳгузорат куҷост, то Ҳофиз

Ба ёдгори насими сабо нигаҳ дорад?! [59, 104]

«Насим» дар байтҳои болои Хоҷую Ҳофиз ба маънии бӯйи хуш аст ва таркиби «насими сабо» ба маънии бӯйи хуши боди сабо ба кор рафтааст. Бояд зикр кард, ки дар ғазали асри XIV хоки кӯйи маъшуқ ва хоки «роҳгузор»-и ӯ бӯйи хуши дилбарро дорад ва сабо он бӯйи хуши он ғубори роҳи маъшуқро барои ошиқ меоварад. Сабо, ки паёмбари ошиқон аст, аз дӯст (истиора аз маъшуқи азалию абадӣ) хабаре ба дӯстон ( истиора аз соликони роҳи тариқат) меоварад. Ин «ғубори роҳгузор», ки Ҳофиз зикр намуда, гӯё паёми муҳаббати маъшуқ ба ошиқ аст. Шоир мехоҳад он ғубори роҳи маъшукро биёбад ва ба ёдгорие, ки сабо овардааст, нигоҳ дорад.

Дар байти дигар шоир бо воситаи сабо ба дили худ, ки дар банди сари зулфи ёр асир аст, пайғом мефиристад:

Сабо, дар он сари зулф ар дили маро бинӣ,

Зи рӯйи лутф бигӯяш, ки ҷо нигаҳ дорад [59, 122].

Шоир дил аз даст додааст ва бояд сабо, ки қосиди ошиқу маъшуқ аст, паёми ӯро ба дили ӯ, ки дар доми зулфи маъшуқ аст, бирасонад. Ибораи «ҷо нигаҳ дорад» ба маънии мақому манзалати худро нигоҳ доштан, истифода шудааст. Таркиби «зи рӯйи лутф бигӯ» дорои ду таъбир аст: а) аз рӯйи лутф бигӯ ва б) аз рӯйи лутф ҷо нигаҳ доштан аст.

Байти болоро метавон ба ду маънӣ қабул кард. Дар асл маълум нест, ки сабо бояд аз рӯйи лутф ба дил бигӯяд ва ё ба сари зулфи нигор. Агар муроҷиат ва хоҳиши қаҳрамони лирикӣ ба зулфи нигор аст, пас чунин маънӣ ба даст меояд: «Эй боди сабо, агар дар он сари зулф дили маро бидидӣ, аз рӯйи лутф ба он сари зулф бигӯ, ки барои дили ман ҷо нигаҳ дорад ва мақому манзалати вайро муҳтарам бидорад» [151,790]. Агар пайғоми қаҳрамони лирикӣ ба дил аст, байт чунин маънӣ медиҳад: «Эй сабо, ту ки ба кӯйи маъшуқ равуо дорӣ, агар дили маро, ки дар доми сари зулфи ёр асир аст, дидӣ, аз рӯйи лутфу меҳрубонӣ бигӯ, ки ҳамон ҷо бимон, хуб ҷоест ва мартабаи баланд насиби ту шудааст». Яъне, ошиқ намехоҳад аз маъшуқ дил баргирад.

Камоли Хуҷандӣ низ ибораи «насими сабо»-ро ба кор бурда ва ба ҳамон маънист, ки дар мавриди байти Ҳофиз баён кардем:

Дил чу пироҳани ту меларзад,
Гар ба ту бигзарад насими сабо [52, 144].

Ташбеҳи «ларзидани дил» ба алвонҷ хӯдани пираҳан ҳангоми вазидани боди сабо хеле шоирона ва нодир аст.

Ибораи «насими сабо» дар байти зери Носири Бухороӣ низ ба назар расид, ки ба ҳамон маъност, ки дар байтҳои Камолу Ҳофиз мушоҳида намудем:

Барои маҷлиси дурдикашон зи ҷоми ҳаёт
Бар об шишагарӣ мекунад насими сабо [14, 134].

Шоҳ Неъмулуллоҳи Валӣ низ ибораи «насими сабо»-ро ба маънои ирфонӣ ба кор бурдааст:

Булбули маст аз насими сабо,
Бӯйи гул чун биёфт, мепӯяд [15, 124].

Ибораи «насими саҳар» низ таркиби дигарест аз боди сабо, ки дар ғазали шоирони асри XIV ба кор рафтааст. Масалан, Ҳофиз мегӯяд:

Эй насими саҳар, оромгаҳи ёр куҷост?
Манзили он маҳи ошиққуши айёр куҷост? [59, 55]

Камоли Хуҷандӣ ибораи «насими сабоҳ»-ро ба кор бурда, ки мурод аз он ҳам боди сабост:

Чу шамъи барафрӯхт аз насими сабоҳ,

Бирез бодаи гулгун дар обгун ақдоҳ [52, 159].

Носири Бухороӣ ибораи «насими субҳ»-ро меоварад, ки мурод аз он ҳамон боди сабост:

Насими субҳ бар зулфи ту бигзашт,

Ҳаромӣ корвоне аз Хутан зад [14, 100].

Дар байти болои Носири Бухороӣ калимаи «ҳаромӣ» ба маънии дузду роҳзан аст ва истиора ё худ киноя аз насими субҳ, ҳамон боди сабост, ки дар мисраи аввал зикр шудааст. Шоир сaборо аз он сабаб дузду раҳзан меномад, ки бӯйи мушкмонанди зулфи ёрро бо худ бурдааст. Ин амали насими саҳар, сабо ба дузде шабеҳ шудааст, ки корвони аз шаҳри Хутан меомадаро задаст. Корвони аз Хутан омада ҳатман бо худ мушк, нофаи хутанӣ дорад, ки дар хушбӯйӣ назир надорад. Дар айни замон бӯйи зулфи ёр ба мушки Хутан ташбеҳ шудааст. Ибни Ямини Фарюмадӣ муродифи дигари боди сабо – «насими субҳдам»-ро ба кор бурда ва ҳамон маънии байти болои Носири Бухороиро ба тарзи дигар тасвир намудааст:

Чини зулфаш мекунад яғмо насими субҳдам,

Хушнафас чун накҳати мушки Хутан з-он медамад [43, 231].

Дар байти болои Ибни Ямин низ сабо сифати дуздӣ дорад. Яъне, чини зулфи нигорро ба яғмо бурдааст, аз ин рӯ, чун накҳати мушки Хутан хушнафас аст. Илова бар ин, Ибни Ямин ибораи «насими саҳарӣ»-ро ба сифати муродифи «боди сабо» ба кор бурдааст:

Чун насими саҳарӣ ҳар нафасе аз сари лутф,

Турраи сунбулу ҳам ҷайби суманбар гирем [43, 264].

Ҳамин тариқ, бо воситаи вожаи «насим», ки муродифи боди сабост, шоирони ин аҳд таркиботи зиёде офаридаанд. Монанди «насими висол»:

Ту худ ҳаёти дигар будӣ, эй насими висол,

Хато нигар, ки дил умед дар вафои ту баст [59, 61].

«Насими висол» - боди хуши баҳорӣ ё худ ҳамон сабо мебошад, ки пайки ошиқон асту ва гоҳе ошиқро ба висоли маъшуқ умедвор месозад. Дар байти дигар таркиби «насими васл»-ро сохтааст:

Ба шукри он ки шукуфтӣ ба коми бахт, эй гул,

Насими васл зи мурғи саҳар дареғ мадор [59, 229].

«Насими васл» - ҳамон боди висол ва бӯйи хуши висол аст, ки сабо овардааст ва киноя аз хабари дидору мулоқоти ошиқу маъшуқ аст. Ин таъбирро Носири Бухороӣ такмил  дода, «насими боғи васл» номидааст:

Нест рӯҳуллаҳ насими боғи васл,

Нест тан ҷуз ҳалқаи зиндони ишқ  [14, 455].

«Насими абир» дар байти зери Камоли Хуҷандӣ:

Зи барги гул, ки насими абир меояд,

Насими ӯст, аз он дилпазир меояд [52, 229].

Иборαи «насими абир»  ба маънии бодест, ки бӯйи мушку кофурро бо худ дорад, ки ин ҳам таъбири дигаре аз сифати боди сабост. Ҳофиз сифати абир доштанро ба шамоли Шероз нисбат додаст:

Миёни Ҷаъфароботу Мусалло

Абиромез меояд шамолаш [59, 256].

Дар байти дигар иборαи «насими атргардон»-ро ба кор бурда, ки ҳамон насими абиромези боди сабост:

Шароби арғавониро гулоб андар қадаҳ резем,

Насими атргардонро шакар дар миҷмар андозем [59, 333].

«Насими атргардон» - бодест, ки атр мегардонад ва бӯйи хушро ба ҳама ҷо мебарад, ки киноя аз боди сабост.

«Насими хулқ» дар байти Носири Бухороӣ:

Эй аз насими хулқат ҷайби сабо муаттар,

В-эй аз риёзи лутфат ҷирми ҳаво мутайяб [13, 45].

Шоир хулқ, ахлоқу одати мамдуҳро ба насим монанд карда ва саборо дар миён меандозад, ки насими хулқи ӯро ба ҳама ҷо мебарад.

«Насими дӯст» дар байти зери Камоли Хуҷандӣ ҳамон насими сабост, ки аз сари кӯйи маъшуқ вазидааст:

Гар на мастанд аз насими дӯст гулбӯёни боғ,

Бо қадаҳ наргис чаро бар сабзаи бӯстон фитод? [52, 247]

Камол дар байти дигар таъбири «насими зулф»-ро ба кор мебарад, ки таъбири дигари «насими дӯст» аст ва аз ин таъбир муроди шоир ҳамон боди сабост, ки раҳ ба сарманзили ҷонон дораду бо зулфи ӯ қарин аст:

Ҳоли дил аз бод пурсидам, надорад огаҳ,

К-аз насими зулфи ту ман мастаму ӯ бехабар [52, 291].

Носири Бухороӣ ибораи «насими бениёзӣ» сохта, ки марбут ба маъшуқи азалист, зеро бениёз танҳо ӯст:

Гар насими бениёзӣ хоҳад аз кӯят вазид,

Оташе дар рӯзгори куфру дин хоҳад фитод [14,76].

Ҳамчунин, «насими лутф», ки шоир аз дӯст интизор аст, маънои ирфонӣ дошта, марбут ба маъшуқи азалист:

Аз рангу бӯ гирифт дилам, ку насими лутф?

То ҳамчу ғунча хирқаи рангин қабо шавад [14,118].

Камоли Хуҷандӣ таркиби «насими саодат»-ро ба кор бурда, ки он ҳам марбут ба андешаҳои ирфонии ӯст:

Дило, насими саодат вазид, ҳозир бош!

Расид мужда, ки дилбар расид, ҳозир бош! [52, 313]

«Насими мушкбӯ» низ таъбири дигарест аз сифати боди сабо, ки дар байти зери Камоли Хуҷандӣ ба кор рафтааст:

Боз бигзаштӣ бар он зулф, эй насими мушкбӯй,

Дар шаби торик чун рафтӣ бар он роҳ чу мӯй [52, 410].

Ин байт, ки матлаи яке аз ғазалҳои Камоли Хуҷандист, хеле олӣ суруда шуда, дорои чандин санъат аст. Аз ҷумла, ҳусни матлаъ, мурооттунназир, бароати истиҳлол, истиора, киноя ва ғайра дар ҳадди аҳсант ба кор рафтааст. Инсиҷоми маъноӣ байни калимоти зулф, шаби

торик, мӯй, насим, мушк вуҷуд дорад. «Шаби торик»- киноя аз зулф ва худи зулф киноя аз роҳи пурпечутоби тариқати ишқ аст.

Камоли Хуҷандӣ ибораи «насими ишқ»-ро низ ба кор бурда, ки дар яке аз абёти арабии ӯ ба назар расид:

Насиму-л-вудди юҳикум, раҳиқу-л-ҳубби юшфикум,

Мина-з-зулмоти юнҷикум бидуни-ш-шамси ва-ш-шориқ [52, 460].

(Насими ишқ шуморо зинда мегардонад ва шароби муҳаббат шифо медиҳад, Аз зулумот шуморо наҷот медиҳад бе офтобу сапедадам.)

Ибораи «Насими биҳишт» дар байти зери Ҳофизи Шерозӣ, ки матлаи яке аз ғазалҳои баҳорияи ӯст, киноя аз боди сабост:

Кунун, ки медамад аз бӯстон насими биҳишт,

Ману шароби фараҳбахшу ёри ҳурсиришт [59, 80].

Дар байти боло «насими биҳишт» истиора аз боди сабост. *Боди сабо* дар тасвири шоир монанди насими биҳишт бӯйи хушу фараҳбахш дорад. Боди сабо монандшаванда ба насими биҳишт монандкунанда мебошад. Ваҷҳи монандӣ ҳамоно бӯйи хушу эътидол ва фараҳбахш будани насими биҳишту боди сабо аст.

Дар ин ғазал, ки байти боло матлаи он аст, шоир аз фасли баҳор дар моҳи урдибиҳишт (март-апрел) сухан мегӯяд. Дар тасвири ӯ баҳори ватанаш, Шероз биҳишти накдро мемонад. Ҳофиз мехоҳад, ҳангоми баҳор бо ёри ҳурмонанди худ дар канори киштзор нишинаду бода нӯшад ва аз файзи насими баҳорӣ баҳра бардорад. Дар тасвири шоир ҳангоми вазидани боди баҳорӣ бо ёр будану нӯшидани шароби фараҳбахш ва шамидани бӯйи хуш беҳтарин лаҳзаи зиндагист.

Таъбири «насими гиреҳкушо» дар байти зер ишора ба яке аз мушаххасоти боди сабост, ки гиреҳкушои мушкилоти ошиқон аст:

Дило, чу ғунча шикоят зи кори баста макун,

Ки боди субҳ насими гиреҳкушо овард [59, 145].

Дар байти боло «боди субҳ» ҳамон боди сабо аст ва насими ин бод хосияти гиреҳкушоӣ дорад. «Насим» худ дар танҳоӣ метавонад

муродифи боди сабо бошад, аммо ин ҷо ба маънии бӯйи хуш аст, ки хосияти мушкилкушоӣ дорад. Шоир мегӯяд: «Эй дил, аз кори баста шикоят макун, ҳамчунон ки ғунча шикоят намекунад, зеро боди сабо меояду насими гиреҳкушои вай ҳама «гиреҳ аз кори фурӯбастаи мо»-ро мекушояд.

Ибораи дигаре, ки дар ашъори шоирони асри XIV ба такрор ба назар мерасад, «насими пираҳан» аст, ки марбут ба қиссаи Юсуфи набист ва мо ҳангоми баррасии санъати талмеҳ аз он сухан кардаем. Ба монанди калимаи насим шоирони ин давра аз вожаи *бод*, ки дар бештари маврид мурод аз он боди сабост, таркибҳои зиёде сохтаанд. Масалан, дар байти зери Ҳофизи Шерозӣ:

Дар чаман боди баҳорӣ зи канори гулу сарв
Ба ҳаводории он оразу қомат бархост [59, 167].

«Боди баҳорӣ» таркиби дигаре аз боди сабост. «Ҳаводорӣ» ба маънии дӯстдорӣ ва ишқ варзидан аст. Аз тарафи дигар ба маънии ҳавохоҳӣ, тарафдорӣ ва иҳоман доштани ҳавои бод, ҳавои бодеро доштан низ метавон фаҳмид. «Ораз» маҷозан ба маънии рӯю рухсор ба кор рафтааст. Дар тахайюли шоир боди баҳорӣ ба масобаи инсоне ба тасаввур омада, ки ҳангоми баҳор дар канори гулу сарв, яъне чаман нишастааст ва бо дидани рухсори ёр тарки чаман кардаву ба селаи ошиқону ту пайваст.

Камоли Хуҷандӣ бо истифода аз бод, ки бешубҳа, манзур аз он ҳамон боди сабост, ибораи «боди тоиб» сохтааст:

Дам ба дам ҷоне ба тан меоядам, чун вақтҳо
Боди тоиб вақтҳо меорад аз зулфи ту тиб [52, 53].

«Боди тоиб»- яъне, боди тавбакор, ки аз зулфи маъшуқ бӯйи хуш меоварад ва шоир аз он ҷони тоза мегирад.

Ибни Ямини Фарюмадӣ таркиби «боди рӯҳафзо»-ро сохта, ки аз мушаххасоти боди сабост:

Менишонад оташи андуҳи дил чун оби раз,
Боди рӯҳафзой, к-аз хоки Хуросон медамад [43, 285].

«Боди рӯҳафзо» - бодест, ки бо дамидани он рӯҳи инсон оромиш меёбад ва андуҳи дилро чун оби раз, яъне шароб менишонад. Ин боди рӯҳафзо, ки ҳамон боди сабост, аз ватани шоир – Хуросон мевазад.

Шоирони асри мавриди таҳқиқ барои ифодаи *боди сабо* таъбироти гуногун сохтаанд. Ин таъбирот гоҳе вобаста ба муродифҳои боди сабо, назири насиму бод бошад, гоҳе вобаста ба мушаххасоти он сохта шудааст. Масалан, таъбири «пайки муштоқон» дар байти зери Ҳофиз, ки истиора аз боди сабост, бо назардошти хосияти қосидӣ доштани *сабо* офарида шудааст:

Марҳабо, эй пайки муштоқон, бидеҳ пайғоми дӯст,
То кунам ҷон аз сари рағбат фидои номи дӯст [59, 102].

«Пайки муштоқон» дар байти боло маънои ниҳонӣ ҳам дорад. «Муштоқон» киноя аз ошиқон, ки Ҳофиз аз ҷумлаи онҳост ва пайк метавонад дар маънии номарасоне бошад, ки аз сӯйи дӯст назди Ҳофиз омада бошад. Бо ин ҳама назар бо шухрати боди сабо ба кори пайк будан ва паёмрасонии ӯ, бо боварӣ метавон гуфт, ки «пайки муштоқон» киноя аз сифат аст барои боди сабо. Шоир мегӯяд: Эй боди сабо, хуш омадӣ, пайғоми дӯстро бидеҳ, то аз сари рағбату майл ҷони худро фидои он пайғом хоҳам кард. Бояд гуфт, ки ин паём овардан танҳо як тасаввури шоирона аст, ки дар ашъори шоирони ин даврон зиёд мушоҳида мекунем.

Ҳамин тариқ, тасвирҳои шоирона бо истифода аз мафҳуми сабову муродифҳои он дар ғазали шоирони асри XIV хеле зиёд ва дар айни замон устодонаву ҳунармандона, бо истифода аз санъатҳои бадеӣ ба тасвир омадаанд, ки намоёнгари камолоти сухани шоирони ин даврон аст. Тавре ки мушоҳида намудем, дар тасвирҳои шоиронаи ғазали асри XIV мафҳуми *сабо* бо муродифҳояш истифода шудааст, ки шоирон ба воситаи ин мафҳум ибораву таркиботи зиёде офаридаанд. Ин таркибу ибораҳо агар аз як сӯ, бо истифодаи муродифҳои *боди сабо* эҷод шуда бошанд, аз сӯйи дигар, сифату амали боди сабо мӯҷиби эҷоди чунин таъбирот гаштааст. Дар тасвирҳои шоирона нақши санъатҳои бадеӣ хеле бузург буда, дар ғазали ин аҳд дар як байт чандин санъат ба кор

рафтааст. Гарчанде санъатҳои лафзӣ бештар барои ороиши сухан дар ашъори шоирон ба кор мераванд, аммо дар тасвирҳои шоиронаи ғазали асри XIV санъати лафзӣ низ дар баробари ороиши сухан бори маъниро мекашад. Ба таъбири дигар, санъатҳои бадеӣ, чи лафзӣ ва чи маънавӣ дар ғазали ин даврон ҳарду нақшро бозидаанд.

Қобили зикр аст, ки шоирони ин даврон дар ғазалҳои худ як маъниро бо тарзҳои гуногун баён кардаанд, ки яке аз дигаре зеботару табиитар аст ва хонанда аз мутолиаи онҳо лаззати маънавӣ мебарад. Ҳангоми тасвири баҳору боди сабо тасвирҳо ба назар мерасанд, ки сарчашмаи онҳо шеъри шоирони асри X, алалхусус шеъри устод Рӯдакӣ аст. Ин гувоҳи он аст, ки тасвири *боди сабо* аз ибтидои адабиёти форсу тоҷик то ба имрӯз мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор доштааст.Воқеан, шоирони ғазалсарои асри XIV бо корбурди мафҳуми *сабову* муродифҳои он тасвироти олии шоирона офаридаанд, ки баъзе аз онҳо дар ҳадди эъҷоз аст.

Ин нуктаро бояд қайд кард, ки тасвири *боди сабо* ҳеҷ вақт аз адабиёти мо берун наафтодааст, имрӯз низ дар адабиёти замони Истиқлол тасвири ин боди паёмовари хушиву шодӣ мушоҳида мешавад.

# ХУЛОСА

Таҳқиқи мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали шоирони асри XIV» моро ба чунин **хулоса** овард:

1.Тасвир, хаёл, сурат ё худ имож аз унсурҳои асосии шеър буда, барои муайян намудани завқу салиқаи зебошинохтӣ, ҷаҳонбинӣ ва дар маҷмуъ ҳунари шоир бояд ба таҳқиқи тасвирҳои шоирона пардохт, зеро кашфи моҳияти асосии шеър - тасвири шоирона имкон фароҳам меоварад, ки шеъри шоир ба сифати як ҳунари адабӣ таҳқиқ гардад ва ба дурустӣ шинохта шавад [1-М].

2. Тасвири "боди сабо" яке аз тасвирҳои хеле маъмул дар адабиёти форсу тоҷик буда, аз ибтидои адабиёти оламшумули мо то ба имрӯз ҳамвора мавриди таваҷҷуҳ ва тасвири шоирон қарор гирифтааст [1-М].

3. Аз шарҳу тавзеҳи муаллифони фарҳангу луғатҳо, китобҳои шарҳҳои асримиёнагию муосир ва асарҳои тадқиқотӣ дар мавриди "боди сабо" метавон чунин натиҷагирӣ кард:

а) *боди сабо* бодест фораму салқин, аз ин сабаб вазидани онро хайру баракат медонистаанд ;

б) *сабо* бодест, ки аз тарафи Шарқ мевазад, аз ин рӯ, назди мардуми Машриқзамин, алалхусус, шоирон азизу муътабар аст, зеро Шарқ ҷойи тулуи офтоб аст;

в) *сабо* танҳо дар айёми баҳор мевазад ва бӯйи гулу сабзаро бо худ дорад, ки шамидани он димоғи инсонро муаттар ва вақти ӯро хуш мекунад;

г) *сабо* саҳаргоҳон мевазад ва бо вазидани он гулҳо мешукуфанд ва аз накҳати он касе баҳравар мегардад, ки саҳархез бошад [1-М].

4. Боди сабо дар тасвири шоирони асрҳои X ва нимаи аввали асри X1 ба сифати як унсури муъҷизаосои табиат бештар ба маънии луғавии худ ба кор рафтааст [2-М].

5.Аз нимаи дувуми асри XI бо вуруди тасаввуф ба адабиёт дар ашъори орифони шоир ва шоирони ориф мафҳуми “боди сабо” ба худ маънии рамзии ирфонӣ мегирад [2-М].

6. Дар мавриди маънои рамзии ирфонии “боди сабо” аз таърифи муаллифони фарҳангҳои ирфонӣ, шореҳони асримиёнагӣ ва асарҳои тадқиқотии замони муосир метавон чунин бардошт намуд:

а) *сабо* дар таъбири орифон “нафаҳоти раҳмонист, ки аз ҷиҳати машриқи рӯҳоният меомада” ва сababи хайру баракати солики роҳи тариқат мегаштааст;

б) *сабо* аз рӯйи Каъба, яъне аз макони муқаддас ва маркази орзую бовармандиҳои мардуми мусулмон мевазидааст. Насиме, ки аз макони муқаддас меояд, бешак, дар эътиқод ва бовармандиҳои мардум омили хайру баракат аст;

в) *боди сабо* паёмбар ё худ пайк миёни ошиқу маъшуқ будааст ва дар назари шоирони ориф ягона мавҷудест, ки ба «ҳарими ҳарами ҷонон» роҳ дорад;

г) дар муқобили «*боди сабо» « боди дабур»-ро* мебинем, ки аз Мағриб мевазидаву дар боварҳои мардум вазидани он баду шум аст, зеро табибон онро омили бемориҳо донистаанд. «*Боди дабур»* бар хилофи «*боди сабо»* аз пушти Каъба мевазидааст [2-М].

7. Бо вуҷуди маънои рамзии ирфонӣ касб кардани мафҳуми “сабо” дар ашъори шоирони ориф маънии луғавии он аз байн намеравад. Агар аз як сӯ, шоирони ғайрисӯфӣ мафҳуми “сабо”-ро ба маънои луғавӣ ба кор бурда бошанд, аз сӯйи дигар, дар шеъри шоирони ориф низ баъзан ба маънои воқеияш арзи ҳастӣ кардааст [2-М].

8. Дар ғазали асри XIV, ки давраи равнақи ғазалсароист, тасвири “боди сабо” ба нуктаи камоли худ мерасад. Шоирони ин давра агар аз як сӯ, суннатҳои адабии даврони пеш аз худро идома дода бошанд, аз сӯйи

дигар, навовариҳои зиёде ҳам дар тарзи тасвири “сабо” ва ҳам дар маънои рамзию киноявии он ворид намудаанд [3-М].

9. Дар ғазали шоирони асри XIV ду тарзи тасвири “сабо” мушоҳида мешавад: **сабо** ба сифати мабдаи тасвир ва **сабо** ба ҳайси воситаи тасвир [3М].

10. Боди сабо дар ғазали шоирони асри мавриди таҳқиқ, пеш аз ҳама, ба маънии луғавияш, яъне як унсури табиат ба кор рафтаааст. Маънои рамзии ирфонии “боди сабо” низ аз маънои луғавии он бархостааст [3-М].

11. Ғазали шоирони асри XIV ғазали талфиқ аст, аз ин рӯ, мафҳуми “боди сабо” дар ғазали ин давра ҳам ба маънои луғавӣ ва ҳам ба маънии рамзии ирфонӣ ба кор рафтааст [3-М].

12. Мафҳуми “сабо” дар ғазали шоирони орифи ин аҳд танҳо ба маънии «нафаҳоти раҳмонӣ», ки муаллифони фарҳангҳои ирфонӣ таъбир кардаанд, маҳдуд намегардад, балки маънию намодҳои бештаре касб мекунад [3М].

13.Сабо дар ғазали шоирони ин даврон нақшу вазифаҳои зиёде дорад, ки муҳимтарин вазифаи он қосид байни ошиқу маъшуқ аст [3-М].

14.Дар ғазали шоирони асри XIV “боди сабо” бо мушаххасоти хоси худ ба тасвир омадааст. Яке аз хусусиятҳои боди сабо, ки муаллифони луғату фарҳангҳо таъкид кардаанд, «фораму салқин» ва «оҳистахезию нарм вазидан»-и он аст. Ин сифати сабо дар шеъри шоирон ба «бемории сабо» таъбир шудааст [3-М].

15. Дар баробари мафҳуми “боди сабо” шоирони асри XIV муродифҳои он чун насим, бод, боди бомдодӣ, насими саҳарӣ, насими сабоҳ ва монанди онҳоро ба кор бурдаанд [6-М].

16. Шоирони ин аҳд бо воситаи калимаи “сабо” ва муродифҳои он ибораву таркибҳои зиёде офаридаанд ва ҳар яки онҳоро бомавқеъ барои баёни андешаҳои худ ба кор бурдаанд [3-М].

17. Корбурди санъатҳои бадеӣ дар ғазали асри XIV ҳангоми тасвири “сабо” хеле устодона буда, дар як байт чандин санъат ба мушоҳида мерасад. Гарчанде санъатҳои лафзӣ барои ороиши сухананд, аммо дар ғазали ин аҳд ин санъатҳо дар баробари ороиши сухан бори маъниро ҳам бар дӯш доранд [4-М].

18.Суханварони асри XIV бо корбурди мафҳуми сабову муродифҳои он тасвироти олии шоирона офаридаанд, ки баъзе аз онҳо дар ҳадди эъҷоз аст [7-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1.Диссертатсия ба унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқон дар омӯзиш ва таҳқиқи поэтикаи ашъори шоирон, алалхусус вижагиҳои тасвирҳои шоирона дар ғазал, диди зебоишиносӣ ва таъйини ҳунари суханварон метавонад мусоидат кунад.

2.Ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи таҳаввули ғазал дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, аз ҷумла таъйини нақши вожаҳои калидӣ дар он (дар мисоли тасвири боди сабо) барои муҳаққиқон диссертатсия маводи фаровон медиҳад.

3.Омӯзиш ва таҳқиқи тасвири боди сабо дар ғазали шоирони асри XIV, аз ҷумла Хоҷуи Кирмонӣ, Салмони Соваҷӣ, Убайди Зоконӣ, Носири Бухороӣ, Авҳадии Мароғаӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон, ки дар диссертатсия ба таври монографӣ анҷом шудааст, метавонад дар таҳқиқи ашъори ин шоирон ва таъйини мақоми онҳо дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мусоидат намояд.

4.Маводи дар диссертатсия фароҳамомада ҳангоми навиштани таърихи адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ, хусусан адабиёти асри XIV, нақди адабӣ, сабкшиносӣ ва балоғати сухан метавонад муфид бошад.

5.Ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ, барнома ва силабусҳои таълимӣ, курс ва семинарҳои тахассусӣ аз таърихи адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ дар факултетҳои гуманитирии таҳсилотии олии касбии

Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон аз мавод ва натоиҷи илмии диссертатсия истифода бурд.

6.Дар тартиб додани барнома ва навиштани китобҳои дарсии адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавод ва натиҷаҳои бадастомали диссертатсия истифода бурдан мумкин аст.

7.Таҳқиқи монографии тасвирҳои шоирона, аз ҷумла тасвири боди сабо дар ғазали шоирони асри XIV аз ҷумлаи масоили мубрами илми адабиётшиносии тоҷик буда, дурнамои мавзуи таҳқиқии диссертатсияро муайян менамояд.

## Рӯйхати адабиёт

### Сарчашмаҳо:


1. Абевардӣ, Анварӣ.Девон.Бо эҳтимоми Муҳаммадтақӣ Мударриси Разавӣ[Матн]/ Анварии Абевардӣ. –Теҳрон, 1348.-488 с.

2.Аристотел, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насируддини Тӯсӣ. Фанни шеър. Доир ба санъати шеърӣ.Танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш. Ҳусейнзода, Х. Шарифов[Матн]/Аристотел, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насируддини Тӯсӣ. -Душанбе: Ирфон, 1985.

3. Аттор, Фаридуддин. Мантиқ-ут-тайр.Таҳияи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ[Матн]/Шайх Фаридуддини Аттор. -Душанбе, 2006. -355 с.

4.Аттор, Фаридуддин. Тазкират-ул-авлиё. Ба саъю эҳтимоми Р.Николсон[Матн]/ Шайх Фаридуддини Аттор. -Ландан, 1905.-568 с.

5. Аттор, Фаридуддин. Девон. Ба эҳтимоми Тақии Тафаззулӣ[Матн]/ Шайх Фаридуддин Муҳаммад Аттори Нишопурӣ. -Теҳрон, 1342.-924 с.

6.Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ.Таҳияи матн ва луғоту тавзеҳот аз Х.Шарифов ва А.Абдусатторов[Матн]/Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. -Душанбе: Адиб, 2007.-416 с.

7.Ашъори ҳакимон ва орифон.Таҳияи Х. Шарифов ва А.Абдусатторов[Матн]/Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ.-Душанбе:Адиб, 2010.-478 с.

8. Балхӣ, Унсурӣ. Девони Унсурии Балхӣ.Бо ҳавошӣ ва таъликоту тароҷим ва аҳволу фаҳорису луғатнома ва муктақобила бо нусхаҳои хаттию чопӣ бо кӯшииши Дабири Сиёқӣ[Матн]/ Унсурии Балхӣ. -Теҳрон, 1342.-234 с.

9. Балхӣ, Ҷалолуддин. Ғазалиёти Шамси Табрезӣ. Бо эҳтимоми Мансури Мушфиқ[Матн]/ Ҷалолуддин Муҳамади Балхӣ.-Теҳрон, 1335.-1893 с.

10.Бедил,Абдулқодир.Девон.Мураттибон Қутбӣ Кином, Ҷ.Шанбезода [Матн] / Абдулқодири Бедил. –Душанбе: Адиб, 1990.-352 с.

11. Бедил, Абдулқодир. Осор.Таҳияи матн бо шарҳи луғот ва тавзеҳот аз Бобобек Раҳимӣ[Матн]/ Абдулқодири Бедил. -Душанбе: Адиб, 2016.-480 с.

12.Берунӣ,Абурайҳон. Осор-ул-боқия[Матн]/ Абӯрайҳони Берунӣ. -Душанбе: Ирфон, 1990.-431с .

13. Бухороӣ, Носир. Мунтахабот. Мураттиб ва муаллифи сарсухан Ш.Р Исрофилниё[Матн]/ Носири Бухороӣ. -Душанбе, 2016.-480 с.

14. Бухороӣ, Носир.Девони ашъор.Ба кӯшиши Маҳдии Дурахшон[Матн]/Носири Бухороӣ. -Теҳрон, 1353.-498 с.

15. Валӣ, Шоҳ Неъмутуллоҳ. Девон.Ба саъйи Ҷаводи Нурбахш[Матн]/ Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ. -Теҳрон. 1373.- 567 с.

16. Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт[Матн] /Низомии Ганҷавӣ.-Душанбе, Ирфон,ҷилди якум, 1983.-464 с.

17.Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт[Матн]/Низомии Ганҷавӣ Душанбе, Ирфон,ҷилди дум, 1982.-368 с.

18.Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт[Матн] /Низомии Ганҷавӣ Душанбе, Ирфон,ҷилди саввум, 1983.-416 с.

19.Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт[Матн] /Низомии Ганҷавӣ Душанбе, Ирфон,ҷилди чаҳорум, 1984. -496 с.

20.Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт[Матн] [Матн] /Низомии Ганҷавӣ Душанбе, Ирфон,ҷилди панҷум, 1984.

21. Ғазнавӣ, Саноӣ.ДевониҲакимАбулмаҷдМаҷдуддинибни Одам СанойииҒазнавӣ. Ба саъйиМударрисиРазавӣ[Матн]/СаноииҒазнавӣ-Техрон, 1325.-1227с.

22.Дар партави хуршед (Мунтахаби ашъори шоирони нимаи аввали асри Х1) Таҳияи Мирзо Муллоаҳмад ва М. Шарофова[Матн]/Дар партави хуршед.-Душанбе: Адиб, 2011.-480 с.

23. Деҳлавӣ, Амир Хусрав. Ғазалиёт.Муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз А.Хуросонӣ[Матн]/ Амир Хусрави Деҳлавӣ. -Душанбе: Адиб, 2014.-480 с.

24. Зоконӣ, Убайд. Мунтахаби осор. Таҳияву тадвини матн аз М.Холов[Матн]/ Убайди Зоконӣ. -Душанбе: 2016.-242 с.

25. Ироқӣ, Шайх Фахруддин Иброҳими Ҳамадонӣ. Куллиёт. Ба кӯшиши Саид Нафисӣ[Матн]/ Ироқӣ. -Теҳрон, 1372.- 443 с.

26.Исфарангӣ,Сайфуддин. Девон. Таҳиягар ва муаллифи пешгуфтор, луғоту тавзеҳоти Субҳони Аъзамзод[Матн]/ Сайфуддини Исфарангӣ. -Хуҷанд: Хуросон, 2017.-832 с.

27. Исфаҳонӣ, Камолиддин Исмоил. Девон. Ба эҳтимоми Ҳусайн Баҳрулулумӣ/[Матн]/ Халлоқулмаъонӣ Абулфазл Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ. -Теҳрон, 1347.-438 с.

28. Кирмонӣ, Хоҷу.Девон. Ба эҳтимом ва тасҳеҳи Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ[Матн]/ Хоҷуи Кирмонӣ. -Теҳрон, 1336.- 675 с.

29. Қуръони карим. Тарҷума аз Б. Хуррамшоҳӣ[Матн]/Қуръони карим.-Теҳрон, 1378.- 625 с.

30. Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров[Матн]/Қуръони карим. –Душанбе: Ирфон, 2007. -616 с.

31. Лоҳурӣ,Абдурраҳмон.Шарҳи ирфонии ғазалиёти Ҳофиз. Таҳияи Б. Хуррамшоҳӣ.[Матн]/Абулҳасан Абдурраҳмон Хатмии Лоҳурӣ.-Теҳрон, дар чаҳор ҷилд, 1378.-4367с.

32. Мароғаӣ, Авҳадӣ. Куллиёти Авҳадӣ. Бо муқаддимаи Саид Нафисӣ[Матн]/Авҳадии Мароғаӣ.-Теҳрон, 1340.- 346 с.

33. Муиззӣ, Амирушшуаро. Девон. Ба эҳтимоми Аббос Иқбол[Матн]/Амирушшуаро Муиззӣ. -Теҳрон, 1318.-416 с.

34. Румӣ, Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. Ба чоп тайёркунандагон А.Хуросонӣ[Матн]/Ҷалолуддин Румӣ. -Душанбе: Адиб,1993.- 4442с.

35. Рӯдакӣ, Абӯабдуллоҳ. Ашъор. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоти тавзеҳот аз Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ[Матн]/Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. -Душанбе:Адиб, 2007.- 267 с.

36.Рӯдакӣ, Абӯабдуллоҳ. Девон. Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам[Матн]/Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. - Олмотӣ, 2007. -254 с.

37. Сабақи Рӯдакӣ. Муқаддима, таҳияи матн ва луғоту тавзеҳот ба қалами А.Абдуллоев. Китоби якум[Матн]/Сабақи Рӯдакӣ.-Душанбе:Ирфон, 1984.-304 с.

38.Сабақи Рӯдакӣ. Муқаддима, таҳияи матн ва луғоту тавзеҳот ба қалами А.Абдуллоев. Китоби дувум[Матн]/Сабақи Рӯдакӣ.-Душанбе: Адиб, 1991.-368 с.

39.Самарқандӣ, Низомии Арӯзӣ. Чаҳор мақола. Мураттиб, муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Х. Шарифов, У. Тоиров[Матн]/Низомии Арӯзии Самарқандӣ. -Душанбе: Ирфон, 1986. -234 с.

40.Совачӣ, Салмон. Девон. Ба кӯшиши Меҳрдоди Авасто[Матн]/Салмони Совачӣ. -Теҳрон, 1338.-558 с.

41. Табрезӣ, Соиб. Девон. Ба эҳтимоми Ҷаҳонгири Мансур[Матн]/ Соиби Табрезӣ. -Теҳрон, 1374.-656 с.

42. Тирмизӣ, Адиб Собир. Девони ашъор.Ба эҳтимоми Маҳдии Муҳаққиқ[Матн]/ Адиб Собири Тирмизӣ. -Теҳрон, 1357.-423 с.

43. Фарюмадӣ, Ибни Ямин. Девони ашъор.Бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Ҳусайналӣ Бостонирод[Матн]/ Ибни Ямини Фарюмадӣ. -Теҳрон, 1363.-586 с.

44. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома.[Матн]/Абулқосим Фирдавсӣ. Душанбе: Адиб, ҷилди якум, 1987.-480 с.

45.Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома.[Матн]/АбулқосимФирдавсӣ.-Душанбе, Адиб, ҷилди дуввум, 1987.-320с.

46.Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома.[Матн]/АбулқосимФирдавсӣ.-Душанбе: Адиб, ҷилди 3, 1988.-528 с.

47.Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома.[Матн]/АбулқосимФирдавсӣ.-Душанбе: Адиб, ҷилди 1У, 1988.-408 с.

48. Форёбӣ, Заҳир.Девон.Ба кӯшиши Тақии Биниш[Матн]/Заҳири Форёбӣ. -Машҳад, 1337.- 513 с.
49. Хусрав,Носир. Девони ашъор.Мураттиб ва таҳиягарони матн, сарсухан ва таълиқоту ҳавошии А,Алимардонов ва Н.Амиршоҳӣ[Матн]/Носири Хусрав.-Душанбе, ҷилди 1, 2009.-640 с.
50. Хусрав,Носир. Девони ашъор. Мураттиб ва таҳиягарони матн, сарсухан ва таълиқоту ҳавошии А,Алимардонов ва Н.Амиршоҳӣ[Матн]//Носири Хусрав.-Душанбе, ҷилди 2,2009.-638 с.
51. Хуҷандӣ, Камол. Девон. Ба эҳтимоми Азизи Давлатободӣ[Матн]/ Камоли Хуҷандӣ.- Теҳрон, 1375.- 480 с.
52. Хуҷандӣ, Камол. Девон. Таҳияи матн ва муаллифи сарсухан Б. Мақсудов[Матн]/Камоли Хуҷандӣ. –Душанбе: Адиб, 2016.- 480 с.
53. Хуҷандӣ,Камол. Девон.Ба чоп тайёркунандагон. Ш.Ҳусейнзода, Н.Қаҳҳорова ва С. Асадуллоев[Матн]/Камоли Хуҷандӣ. -Душанбе: Ирфон, 1985.-464 с.
54. Ҳусайнӣ, Атоуллоҳ. Бадоеъ-ус-саноеъ. Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Р. Мусулмонқулов/ Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ. -Душанбе, 1974.-221с.
55. Шарвонӣ, Хоқонӣ. Девон.Ба эҳтимоми Зиёуддини Саҷҷодӣ[Матн]/Хоқонии Шарвонӣ. -Теҳрон, 1373.- 679 с.
56. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёти Саъдӣ. Ба тасҳеҳи Муҳаммадалии Фурӯғӣ[Матн]/ Саъдии Шерозӣ. -Теҳрон, 1385.-589 с.
57. Шерозӣ, Саъдӣ. Ғазалиёт.Таҳияву тадвин, муқаддима ва шарҳи луғот аз М. Акбарзод [Матн]/ Саъдии Шерозӣ. -Душанбе: Адиб, 2014.-480 с.
58. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт[Матн]/Саъдии Шерозӣ.-Душанбе: Адиб, ҷилди 1, 1988.-304с.
59. Шерозӣ,Ҳофиз.Девон. Таҳияи матн аз Ш. Исрофилниё [Матн] /Ҳофизи Шерозӣ.-Душанбе, 2015.-480 с.

**Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ**


60. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII- XIV. Муҳаррири масъул Р.Ҳодизода[Матн]/Адабиёти тоҷик дар асрҳои XII- XIV. -Душанбе: Дониш,1976.-345 с.

61. Афсаҳзод А. Ҳофизи Шерозӣ[Матн]/ А.Афсаҳзод. -Душанбе: Дониш, 1971.-31 с.

62. Афсаҳзод А. Ҳофизнома[Матн]/ А. Афсаҳзод. -Душанбе: Ирфон, 1971.-102 с.

63. Афсаҳзод А. Дар сафи бузургон[Матн]/ А. Афсаҳзод. - Душанбе: Ирфон, 1986.-325 с.

64. Афсаҳзод А. Камоли Хуҷандӣ - Устоди ғазал[Матн]/ А.Афсаҳзод.- Душанбе, 1375.-324 с.

65. Афсаҳзод А. Ҷомӣ – шоири ғазалсаро[Матн]/ А.Афсаҳзод. - Душанбе: Маориф, 1989.-356 с.

66. Афсаҳзод А. Суннатҳои устувор ва навпардозиҳои эҷодкор[Матн]/А. Афсаҳзод. -Душанбе, 1983.-346 с.

67. Афсаҳов А. Сайфи Фарғонӣ[Матн]/А.Афсаҳов. -Душанбе: Дониш, 1976.-234 с.

68. Бароҳанӣ, Ризо. Тилло дар мис[Матн]/Р.Бароҳанӣ.- Теҳрон, 1367.-367 с.

69.Бахтин М.М. Проблема поэтики Достоевского [Матн]/М.М.Бахтин.- Москва, 1979.-318 с.

70. Баҳор М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ[Матн] /М.Баҳор.-Теҳрон. -1337-1339.- 2435 с.

69. Баҳор М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури шеъри форсӣ[Матн]/М.Баҳор. -Теҳрон,1342.- 2427 с.

70. Белинский В.Г. Разделение поэзии на роды и виды[Текст]/ В.Г. Белинский. Собрание сочинений и трех томах, том II. –М. ОГИЗ: ГИХЛ, 1948. -256 с.

71.Белинский В.Г. Избранное философическое сочинение[Текст] В.Г. Белинский.-Москва, 1948.-312 с.

72. Бертельс Е.Э. Суфизм и суфийского литература[Текст]/ Е.Э.Бертельс. -Москва,1965.-524 с.

73.Бертельс Е.Э. Словарь суфийских терминов Миръатилушшак[Текст]//Суфизм и суфийская литература/ Е.Э.Бертельс. -Москва, 1965. стр.132-175.

74.Бобоев А. Мавзӯъ ва сабки ашъори Манучеҳрӣ[Матн]/А.Бобоев. -Душанбе: Дониш, 1990. -130 с.

75. Брагинский И.С. Очерки из истории таджикской литературы[Текст]/И.С. Брагинский. -Сталинабад, 1956.-353 с.

76.Брагинский И.С. Из истории таджикской персидской литературы[Текст]/ И.С. Брагинский. -Москва:Наука, 1972.-273 с.

77. Браун, Эдуард. Аз Саъдӣ то Ҷомӣ. Тарҷума ва ҳавошии Алиасғари Ҳикмат[Матн]/Э. Браун.-Теҳрон, 1327.-876 с.

78. Ғафуров Б. Тоҷикон[Матн] /Бобоҷон Ғафуров. - Душанбе, 1991.-701с.

79. Додбеҳ, Асғар. Ринди Ҳофиз[Матн]// Дар бораи Ҳофиз. -Теҳрон, 1365,-С., 211-216.

80. Занд М. Шесть веков славы[Матн]/М.Занд. -Москва: Наука,1964.-252 с.

81.Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Арзиши мероси сӯфия[Матн]/А.Зарринкӯб.-Теҳрон, 1362.-378 с.

82.Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Бо корвони ҳулла.Таҳияи Ш.Шокирзода[Матн]/А.Зарринкӯб. -Душанбе, 2004. -312 с.

83.Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Баҳр дар кӯза[Матн]/А.Зарринкӯб. -Теҳрон, 1366.- 672 с.

84.Зарринкӯб,Абдулҳусайн.Пилла-пилла то мулоқоти Худо[Матн]/А. Зарринкӯб. -Теҳрон, 1371.-386 с.

85.Зарринкӯб,Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон[Матн] /А.Зарринкӯб. - Теҳрон, 1369.- 352 с.

86.Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Дар кӯчаи риндон[Матн]/А.Зарринкӯб. -Теҳрон, 1364.-247 с.

87. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Сирри най[Матн] /А.Зарринкӯб. -Теҳрон, 1368.- 682 с.

88. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан[Матн]/Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. -328 с.

89. Зеҳнӣ Ф. Жанри соқинома дар адабиёти форсу тоҷики асрҳои XIII-XIV[Матн] /З.Зеҳнӣ. -Душанбе: Дониш, 1991.-108 с.

90. Зуннур, Раҳим. Дар ҷустуҷӯи Ҳофиз[Матн] /Р.Зуннур. -Теҳрон, дар ду ҷилд, 1362. 1328 с.

91. Имронов С. Ёдномаи устод Рӯдакӣ[Матн] /С. Имронов. -Душанбе: Сино, 2001.- 178 с.

92.Имронов С. Ибни Ямини Фарюмадӣ. Ҳаёт ва мероси адабӣ[Матн] /С.Имронов. -Душанбе:Ирфон, 1966.-231 с.

93. Исматов Б. Пантеистическая философская традиция в персидско-таджикской поэзии IX- XV вв. [Матн] /Б.Исматов. -Душанбе, 1986.-246 с.

94. Исрофилниё Ш.Р. Хизонаи пурганҷ(таҳлили мутуни манзуму мансури асрҳои X-XI) [Матн] /Ш.Р.Исрофилниё. -Душанбе:ДДМТ, 2001.-96 с.

95.Исрофилниё Ш.Р.Шарҳи мунтахаби ашъори устод Рӯдакӣ[Матн] /Ш.Р.Исрофилниё. - Душанбе: Пайванд, 2016.-98 с.

96.Исрофилниё Ш.Р. Шарҳи бист ғазали Саъдии Шерозӣ[Матн]/Ш.Р.Исрофилниё. -Душанбе: Нигор, 2017.- 68 с.

97.Исрофилниё Ш.Р. Шарҳи бист ғазали Ҳофизи Шерозӣ[Матн]/ Ш.Р.Исрофилниё. -Душанбе: Пайванд, 2016.- 160 с.

98.Исрофилниё Ш.Р.Мероси Носири Бухороӣ ва таҳаввули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV[Матн]/ Ш.Р. Исрофилниё. -Душанбе: Сифат, 2012.-312 с.

99. Исрофилниё Ш.Р. Хамриёти Ҳофиз[Матн]/Ш.Р. Исрофилниё. -Душанбе: Адиб, 2010.-234 с.

100. Исрофилниё Ш.Р. Слова «об»(вода)и его смысловые оттенки в мистической поэзии Хафиза Шерози[Текст]//Суфизм в Иране и Центральной Азии (сборник статей, материалы международной конференции 2-3 мая 2006 года г.Алматы).-Алматы «Дайк- Пресс», 2007, с, 145-152.
101.Исрофилниё Ш.Р. Сухани аҳли дил[Матн]/ Ш.Р.Исрофилниё. -Душанбе: Дониш, 2007.-178 с.
102. Истеъломӣ, Муҳаммад. Дарси Ҳофиз[Матн]/М.Истеъломӣ. -Теҳрон, ҷилди якум. 1386.- 1222 с.
103.Истеъломӣ, Муҳаммад. Дарси Ҳофиз[Матн]/М.Истеъломӣ.-Теҳрон, ҷилди дувум, 1386. -222 с.
104 Кадканӣ,Ш.М.. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ[Матн] /Ш.М.Шафеии Кадканӣ.-Теҳрон, 1385.-732 с.
105.Кадканӣ,Ш.М. Мусиқии шеър[Матн] /Ш.М.Шафеии Кадканӣ. -Теҳрон, чопи даҳум, 1386.-686 с
106.Қурбон В. Ойини риндӣ ё маслаки Ҳофиз[Матн] /В.Қурбон.-Душанбе: Адиб,1991.-325 с.
107. Лосев А.Ф. Философия. Мифология. Культура[Текст] /А.Ф.Лосев. -Москва, 1991.-524 с.
108. Лотман. Ю.М. В школе поэтического слова: Пушкин, Лермонтов, Гоголь[Текст] /А.Ю.М.Лотман. -Москва, 1988.-280 с.
109. Мақсудов Б. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ[Матн] /Б.Мақсудов.-Душанбе,1994.-164 с.
110. Мақсудов Б. Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ[Матн] / Б.Мақсудов. - Душанбе, 2009.-432 с.
111. Мақсудзода, Бадриддин. Ғазал ва таҳаввули он то асри Камоли Хуҷандӣ[Матн] //Андалеби боғи маонӣ. -Хуҷанд, 2020, С. 139-151.
112. Мирзоев А. Фонӣ ва Ҳофиз[Матн] /А.Мирзоев -Душанбе: Ирфон, 1966.-78 с.
113. Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ[Матн] /А.Мирзоев. -Душанбе: Ирфон, 1966-276 с.

114. Мирзоев А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал ва асрҳои Х- XV[Матн] // Сездаҳ мақола/А.Мирзоев. -Душанбе: Ирфон,1977.-С.5-53.
115.Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик[Матн] /Х.Мирзозода.- Душанбе: Маориф, китоби 1, 1987.-487 с.
116. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик[Матн] /Х.Мирзозода. - Душанбе, китоби 2, 1977.- 400 с.
117. Мирсодиқӣ М. Вожаномаи ҳунари шоирӣ[Матн] /М.Мирсодиқӣ.- Теҳрон, 1383.-389 с.
118. Муин, Муҳаммад. Ҳофизи ширинсухан[Матн] /М.Муин.- Теҳрон,1339.-276 с.
119. Муин, Муҳаммад. Маздоясно ва адаби порсӣ[Матн] /М.Муин - Теҳрон, 1338.-384 с.
120.Муртазавӣ, Манучеҳр. Мактаби Ҳофиз, муқаддима бар ҳофизшиносӣ[Матн] /М.Муртазавӣ. -Теҳрон, чопи чаҳорум, 1383.-593 с.
121.Мусулмунқулов Р.Фурӯғи шеъри ҷонпарвар[Матн] /Р.Мусулмонқулов. -Душанбе: Ирфон, 1984. -223 с.
122. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт[Матн] /Р.Мусулмониён.- Душанбе: Ирфон, 1990.-334 с.
123. Мутаҳҳарӣ, Муртазо. Тамошогаҳи роз[Матн] /М.Мутаҳҳарӣ. - Теҳрон, 1359.- 176 с.
124. Мухамедходжаев А. Гнесология суфизма [Текст] /А.Мухамедходжаев.-Душанбе, 1990.-116 с.
125. Мухамедходжаев А. Идеалогия накшбандизма[Текст]/ А.Мухамедходжаев. –Душанабе, 1991.-232 с.
126.Мухторов А. Дурдонаҳои маданияти Тоҷикистон дар ганҷинаҳои Ҳиндустон[Матн] /А.Мухторов. -Душанбе, 1984. -232 с.
127.Муътаман, Зайнулобидин. Шеъру адаби форсӣ[Матн] /З.Муътаман. - Теҳрон, 1332.-387 с.
128. Муътаман, Зайнулобидин. Таҳаввули шеъри форсӣ[Матн]/ З.Муътаман.-Теҳрон, 1339. -414 с.

129. Надушан, Муҳаммадалии Исломӣ. Бӯй дар назди Ҳофиз[Матн] // Овоҳо ва имоҳо/М.И.Надушан.- Теҳрон, 1358,-С.,13-28.
130.Насриддинов А. Нависанда ва шореҳи осори адабӣ[Матн] /А.Насриддинов. -Душанбе: Дониш, 1990.-191 с.
131.Насриддинов А. Маърифат ва шарҳи адабиёт[Матн] /А.Насриддинов.-Душанбе: Ирфон, 1991.-190 с.
132. Нафисӣ, Саид.Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ[Матн] /С.Нафисӣ. -Теҳрон, 1341.-653 с.
133.Нафисӣ, Саид. Таърихи назму наср дар Эрон ва забони форсӣ[Матн] /С.Нафисӣ-.Теҳрон, 1344.-1164 с.
134. Нафисӣ, Саид. Сарчашмаи тасаввуф дар Эрон [Матн] /С.Нафисӣ.-Теҳрон, 1343.-353с
135.Николсон Р.А. Тасаввуфи исломӣ ва робитаи инсону Худо [Матн] /Р.А.Николсон.-Теҳрон,1358.-354с.
136.Нурбахш Дж.Психология суфизма[Текст]/ Дж.Нурбахш.-Москва, 2004.-160с.
137.Нуъмонӣ, Ш. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Тарҷумаи Сайидмуҳаммад Фахрии Доъӣ[Матн] /Ш.Нуъмонӣ. -Теҳрон, 1368.-587 с.
138.Одилов Н. Ҷаҳонбинии Ҷалолуддини Румӣ[Матн]/Н.Одилов.-Душанбе, 1964.-104 с.
139.Олимов К.Мировоззрение Санои[Текст]/К.Олимов. -Душанбе: Дониш,1973.-136 с.
140.Османов М.Н. Стиль персидской литературы X в. [Текст]/М.Н.Османов.-Москва, 1967.- 328 с.
141.Павел Ҳорн.Таърихи мухтасари Эрон. Тарҷумаи Ризозода Шафақ[Матн] /Ҳ.Павел.-Теҳрон.1345. -348 с.
142.Петрушевский И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках[Текст]/ И .П .П Етрушевский.-Ленинград: Издательство Ленинградского Университета, 1966.- 400 с.

143.Пурномдорён, Тақӣ. Рамз ва достонҳои рамзӣ дар адаби форсӣ[Матн] /Т.Пурномдорён. -Теҳрон, 1375.-623 с.
144.Пурномдорён, Тақӣ. Гумшудаи лаби дарё[Матн] /Т.Пурномдорён.-Теҳрон,1382.-514 с.
145. Пурҷаводӣ, Насруллоҳ. Бӯйи ҷон[Матн] /Н.Пурҷаводӣ.- Теҳрон, 1372.-322 с.
146. Пурҷаводӣ, Насруллоҳ. Султони тариқат[Матн] / Н.Пурҷаводӣ. -Теҳрон, 1358.- 389 с.
147. Рейснер М.Л. Эволюция классической газели на фарси (X- XV века) [Текст]/М.Л.Рейснер. -Москва: Наука, 1989.-224 с.
148. Ризозода Шафақ. Таърихи адабиёти Эрон[Матн] /Ш.Ризозода.-Теҳрон, 1369.- 423с.
149. Рипка Ян. История персидской и таджикской литературы. Перевод И.С. Брагинский[Текст]/Я.Рипка. -Москва, 1970.- 440 с.
150. Саидҷаъфаров О.Ш. Стиль персидской газаели ХУ1-ХУ11вв(на примере таворчества Фигани, Назири и Соиба)[Матн] /О.Ш.Саидҷаъфаров. -Душанбе, 2014.- 342с.
151. Сарватиён, Беҳрӯз. Шарҳи ғазалҳои Ҳофиз[Матн]/Беҳрӯзи Сарватиён. -Теҳрон, дар чаҳор ҷилд, 1367. -2220 с.
152.Сатторӣ, Ҷалол. Мадхале бар рамзшиносии ирфонӣ[Матн] /Ҷ.Сатторӣ.-Теҳрон, 1372.-227 с.
153.Сатторзода А. Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ[Матн] /А.Сатторзода. -Душанбе: Адиб, 2011.-230 с.
154.Сатторзода А.Таърихчаи афкори назарии форсу тоҷик[Матн] /А.Сатторзода. -Душанбе: Адиб, 2001.- 216 с.
155.Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон[Матн] /З.Сафо. -Теҳрон, ҷилди дуюм, 1367.- 486 с.
156.Сафо. Забеҳуллоҳ. Мухтасари таърихи таҳаввули насму насри порсӣ[Матн] /З.Сафо. - Теҳрон, 1333.-376 с.
157.Сафо,Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон[Матн] /З.Сафо.-Теҳрон,ҷилди севум, 1382.-302 с.

158.Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи улум ва адабиёти эронӣ[Матн] /З.Сафо-Теҳрон, 1347.-437 с.
159.Свазян А.А.Философия символических форм Э. Кассерита[Текст] /А.А. Свазян.-Ереван, 2003.-234 с.
160.Смирнов А.В. Великий шейх суфизма[Текст] /А.В.Смирнов.-Москва: Наука, 1993.- 228 с.
161.Стеблева И.В. Развитие тюрских поэтических форм в Х1 веке[Текст]/И.В. Стеблева.-Москва: Наука,1971,- 400 с.
162. Стеблева И.В. Семантика газелей Бобура[Текст] /И.В.Стеблева.-Москва: Наука, 1982.- 206 с.
163.Суфизм в Иране и Центральной Азии(сборник статей, материалы международной конференции 2-3 мая 2006 года г.Алматы) [Текст]/ Суфизм в Иране и Центральной Азии -Алматы:Дайк- Пресс,2007.-322 с.
164.Тримингем Дж.С. Суфийские ордены в исламе. Перевод с английского подредакцией и с предисловием О. Ф. Акимушкина[Текст] / Дж.С.Тримингем. -Москва: Наука,1989.-328 с.
165.Фаршедвар, Хусрав. Дар бораи адабиёт ва нақди адабӣ[Матн] /Х.Фаршедвар. -Теҳрон, 1343.-345 с.
166.Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Сухан ва суханварон[Матн] /Б.Фурӯзонфар.- Теҳрон, 1332. -423 с.
167. Футӯҳӣ, Муҳаммад. Балоғати тасвир[Матн]/М.Футӯҳӣ. -Теҳрон,1386.-456 с.
168.Хадевҷам, Ҳусайн. Вожаномаи ғазалҳои Ҳофиз[Матн] /Ҳ.Хадевҷам. -Теҳрон, 1362.-163 с.
169. Хасматуллин А.А. Суфизм[Текст] /А.А.Хасматулин.-Москва, 2003.-218 с.
170.Хуррамшоҳӣ, Баҳоуддин. Ҳофиз ҳофизаи мост[Матн] /Б.Хуррамшоҳӣ. -Теҳрон. 1385.-236 с.
171. Хуррамшоҳӣ, Баҳоуддин. Зеҳну забони Ҳофиз[Матн]/Б. Хуррамшоҳӣ.-Теҳрон, 1384.-707 с.

172.Хуррамшоҳӣ, Баҳоуддин. Ҳофизнома, шарҳи алфоз, аълом, мафоҳими калидӣ ва абёти душвори Ҳофиз[Матн] /Б.Хуррамшоҳӣ.- Теҳрон, 1368.-1448 с.
173.Хуррамшоҳӣ, Баҳоуддин. Ҳофиз[Матн]/Б.Хуррамшоҳӣ. - Теҳрон,1387.-267 с.
174. Хуррамшоҳӣ, Баҳоуддин. Қуръон ва усули ҳунари Ҳофиз[Матн] // Дар бораи Ҳофиз чӣ мегӯяд/Б. Хуррамшоҳӣ.-Теҳрон, 1367,-С.,445-452.
175. Ҳамидиён Саид. Шарҳи шавқ[Матн] /С. Ҳамидиён.-Теҳрон, дар панҷ ҷилд, 1386.3167 с.
176. Ҳодизода Р. Тасаввуф дар адабиёти форсу тоҷик[Матн] /Р.Ҳодизода.- Душанбе, 1999.-187с.
177. Ҳодизода Р. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XI-XII. Қисми якум[Матн] /Р.Ҳодизода.-Душанбе: Дониш, 1976. - 346 с.
178. Ҳумоӣ, Ҷалолуддин. Таърихи адабиёти Эрон[Матн] /Ҷ.Ҳумоӣ.- Теҳрон, 1375.-328 с.
179. Ҷовид,Ҳошим. Ҳофизи ҷовид[Матн] /Ҷ.Ҳошим. -Теҳрон, 1375.-234 с.
180. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ[Матн] /С.Шамисо.- Теҳрон, 1370.-243 с.
181.Шарифов Х. Балоғат ва суханварӣ[Матн] /Х.Шарифов.- Душанбе: Ирфон, 2002.-387 с.
182. Шаталов Э.Е. Записки охотника И.С. Тургенева[Текст]/Э.Е. Шаталов.-Сталинобод, 1960.
183. Эте, Ҳермон. Таърихи адабиёти форсӣ. Тарҷумаи Ризозода Шафақ[Матн] /Ҳ.Эте. -Техрон, 1337.-437 с.

**III. Фарҳангҳо:**

184. Амид, Ҳасан. Фарҳанги форсии Амид[Матн] / Ҳасан Амид. -Теҳрон, дар се ҷилд,1378.-2539 с.
185. Анварӣ, Ҳасан. Фарҳанги бузурги сухан[Матн] /Ҳасан Анварӣ.- Теҳрон,дар ҳашт ҷилд, 1381-8594 с.
186. Афифӣ, Раҳим. Фарҳангномаи шеърӣ[Матн] / Раҳим Афифӣ. - Теҳрон, 1372. -1231 с.

187. Ёҳаққӣ, Муҳаммадҷаъфар.Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ[Матн] / М. Ёҳаққӣ. -Теҳрон, 1375.-682.

188. Исрофилниё Ш.Р. Фарҳанги таҳлилии алфози хароботии ашъори Хоҷа Ҳофиз[Матн] /Ш.Р.Исрофилниё. -Душанбе: Адиб, 2003. -210 с.

189.Муин,Муҳаммад. Фарҳанги форсии Муин[Матн] /Муҳаммад Муин.-Теҳрон, 1386.-956 с.

190.Нуров, Амон.Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ[Матн] /А. Нуров.-Душанбе,1990.-257с.

191. Ромпурӣ,Ғиёсуддин Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Таҳияи А. Нуров[Матн] / Ғиёсуддин, Муҳаммад. -Душанбе, ҷилди 1, 1987.-482 с.

192. Саҷҷодӣ,Сайидҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ[Матн] / С. Саҷҷодӣ. -Теҳрон, 1378.-645 с.

193.Симо Дод. Фарҳанги истилоҳоти адабӣ[Матн] / Д.Симо.-Теҳрон, 1378.-365 с.

194.Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров ва диг. [Матн] /Фарҳанги забони тоҷикӣ.-Москва: Советская энсиклопедия,ҷилди1, 1969.-952 с.

195.Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров ва диг. [Матн]/Фарҳанги забони тоҷикӣ. –Москва: Советская энсиклопедия,ҷилди 2, 1969. -952 с.

196.Фарҳанги истилоҳоти Муҳиддини Арабӣ. Тарҷума ва тадвини Қосим Мирохурӣ ва Ваҳиди Шуҷоӣ[Матн]/Фарҳанги истилоҳоти Муҳиддини Арабӣ.-Теҳрон: Ҷомӣ, 1376.-365 с.

**Диссертатсия ва авторефератҳо:**

197. Котетишвили В.В. К вопросу о толковании лирика Хафиза. Автореф. дис. канд. фил. наук[Текст]/В.В.Котетишвили.- Тбилиси, 1964.-23 с.

**Мақолаҳо ва маърӯзаҳо:**

198. Ваҳҳобниё, Р. Нишонаҳое аз сабки ҳиндӣ дар Ҳофиз[Матн]/Р.Ваҳҳобниё// Адабиёт ва санъат,№20 (1419), 15.05.2008, -С. 12-13.

199. Исрофилниё Ш.Р. Носири Бухороӣ ва Салмони Совачӣ[Матн]/Ш.Р. Исрофилниё//Фарҳанг, 2008, 37-8.-С. 32-43.
200. Исрофилниё Ш.Р. Анварии Абевардӣ ва Носири Бухороӣ[Матн]/Ш.Р. Исрофилниё //Садои Шарқ. 2009, №6, С. 125-134.
201. Исрофилниё Ш.Р. Маънавият ва маърифати зоҳир дар назари Камол Хуҷандӣ [Матн]/Ш.Р. Исрофилниё//Паёми Донишгоҳ,1999, №1,-С. 138-146.
202. Исрофилниё Ш.Р. Носири Бухороӣ ва Ҳофизи Шерозӣ[Матн]/Ш.Р. Исрофилниё// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2009, №3, -С. 115-124.
203.Исрофилниё Ш.Р. Носири Бухороӣ ва шуарои муосири ӯ[Матн]/Ш.Р. Исрофилниё // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, №3, 2007, -С. 124-132.
204. Исрофилниё Ш.Р. Ҷомӣ ва Навоӣ[Матн]/Ш.Р. Исрофилниё//Садои Шарқ, 2008, №8,-С.140-146.
205.Исрофилниё Ш.Р. Джами и Наваи (проблема традиции и наваторства в литаратурных связах иранских и тюрских народов) [Текст]// Иран-наме, №2 (6), -Алматы, 2008, -С. 154-158.
206.Муҷаррад, С. Салмони Совачӣ ва Носири Бухороӣ[Матн]/С.Муҷаррад//Кайҳони фарҳангӣ, тир, 1377, шумораи 143, -С. 3.
207. Надушан, Муҳаммадалии Исломӣ. Тааммуле дар Ҳофиз[Матн]/М.Н.Надушан// Яғмо, 1342, соли 16, шумораи 5, С.205.
208. Надушан, Муҳаммадалии Исломӣ. Маъшуқи Ҳофиз кист? [Матн]/М.Н. Надушан// Омӯзгор, № 13, 1992, - С.6.
209. Ночӣ, Марзия. Сабки ҳиндӣ[Матн]/М.Ночӣ//Ошно, соли аввал, шумораи шашум, 1371, -С. 6-113.
210. Пурҷаводӣ, Насруллоҳ. Сайри таҳаввули маънои ишқ[Матн]/Н.Пурҷаводӣ//Нашри дониш, 1370, соли 12, шумораи 10.-С. 2-10.

211. Пурҷаводӣ, Насруллоҳ. Ринди Ҳофиз[Матн]/Н.Пурҷаводӣ//Нашри дониш, 1367, соли 9, шумораи 1. -С. 11-18.
212. Пурҷаводӣ, Насруллоҳ. Зуҳд ва риндӣ[Матн]/Н.Пурҷаводӣ//Нашри дониш, 1367, соли 9, шумораи 2. С. 14-22.
213. Рустам, Қ. Шеъри саҳеҳи Рӯдакӣ[Матн]/Қ.Рустам// Садои Шарқ, 2005, № 10-12, -С. 132-136.
214. Саидчаъфаров О. Симои Урфии Шерозй - ғазалсарои бузурги дарбори Темуриёни Хинд дар сарчашмаҳо[Матн]/О. Саидчаъфаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.-2014.-№4/2. С. 151-158.
215.Фурӯзонфар, Бадеъуззамон. Шарҳи ғазале аз Ҳофиз[Матн]/Б. Фурӯзонфар// Адаб, 1996, №6, -С., 34-36.
216. Хуррамшоҳӣ, Баҳоуддин. Эҳтимоми беаҳамият[Матн]/Б. Хуррамшоҳӣ//Нашри дониш, 1363, соли чорум, шумораи 4, -С. 123-125.
217. Шарифов Х. Ҳусни таносуб[Матн]/Х.Шарифов//Садои Шарқ, 1992, №6, С.83-86.

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**1.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М].Забирова, М.Э.Шарҳу тавзеҳ ва таърифи “боди сабо” дар фарҳангу луғатҳо ва рисолаҳои тадқиқотӣ[Матн] / М.Э. Забирова // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ.- Душанбе, 2019. №2 (79). – С. 235-238.

[2-М]. Забирова, М.Э. Тасвири “боди сабо” дар ашъори шоирони асри Х[Матн]/М.Э. Забирова // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ.- Душанбе, 2019. -№4 (81). – С. 186-190.

[3-М]. Забирова, М.Э.Тасвири “боди сабо” дар ашъори шоирони асрҳои Х1-XIII[Матн]/ М.Э. Забирова //Суханшиносӣ.Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ - Душанбе, 2019, №4. - С.147-158 .

[4-ҲМ]. Забирова, М.Э.Боди сабо воситаи маърифат ва тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ[Матн] /М.Э. Забирова // Паёми Донишкадаи забонҳо - Душанбе, 2019, №4 (36).- С. 51-59. (бо ҳаммуаллифии Ш.Р. Исрофилниё).

[5-М].Забирова, М.Э.Талмеҳ аз устураи пайғамбарон бо корбурди " боди сабо" дар ғазалҳои шоирони асри Х1V[Матн]/М.Э. Забирова // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ- Душанбе, 2019, №5 (100). – С. 182-186

**II.Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Забирова, М.Э. Тасвири зебоиҳои табиат дар ашъори шоирони асри X-XI [Матн]/ М.Э. Забирова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи"Муносибати босалоҳият ба таълим ва мушкилоти татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ".- Душанбе, 2021.- С.37-40.

[7-М]. Забирова, М.Э. Тасвири боди сабо дар ашъори Камоли Хуҷандӣ [Матн]/ М.Э. Забирова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим".-Душанбе, 2022.- С.21-26.